
МУҲАММАД ҒОИБ

ОҲИ АШК

(Рубоиёт, фироқнома ва дубайтиҳо)



Душанбе
«Адиб»
2020

ББК 84 Тоҷик 7-5
Ғ-19

Муҳаррир *Давлат Сафар*

Ғ-19 **Муҳаммад Ғоиб. «Оҳи ашк».**
– Душанбе, «Адиб», 2020, 264 саҳ.

Китоби «Оҳи ашк» рубоиву дубайтиҳои дар солҳои гуногун офаридаи Шоири халқии Тоҷикистон, барандаи мукофоти давлатии ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ Муҳаммад Ғоибро дар бар гарифта, хаёли хонандаро ба сайри олами маънӣ мебарад ва лаҳзаҳои шодиву ғам, ҷашну мотам ва дидору фироқро, ки сармояи бисоти ҳастианд, пеши рӯ меоварад. Муноҷоти шоир розу ниёзи мардум ба ҳоҷатбарору осонкунандаи мушкилот аст. Қисмати «Фироқнома»-и пур аз дарду сӯзи шоир низ аз боби меҳру садоқат ва сипосгузорию қадршиносии ҳамқисматон ҳикоят карда, инсонро ба роҳи дифои рӯзгори ширин ҳидоят менамояд.

ISBN 978-99947-2-629-5

© Нашриёти «Адиб», 2020

РУБОИЁТ

Ё раб, гунаҳу айби зиёд аст маро,
Ҳар як амали карда ба ёд аст маро.
Бори ғами дил сабук кунад дасти мадад,
Эй додрасам, пеши ту дод аст маро.

Ё раб, расад имшаб ба фалак фарёдам,
Сӯзад зи алови дарду ғам бунёдам.
Борони надомат аст сарчашмаи ашк,
Резад зи саҳоби дидагони ёдам.

Ё раб, зи майи ғурур мастам ту макун,
Қурбони чунин зафар шикастам ту макун.
Умрам ҳама дар ҷодаи некӣ бигузашт,
Дар роҳи бадӣ дароздастам ту макун.

Ёраб, ту ба пеши ёр зорам накунӣ,
Дар боғи гули ҳаёт хорам накунӣ.
Бар кӯи фараҳ пиёда ҳаргиз нарасам,
Бар аспи умед агар саворам накунӣ.

Ё раб, ҳама дардро давобахш туӣ,
Моем ҳавохоҳу ҳавобахш туӣ.
Ин савт расад ба гӯш аз сози вуҷуд:
Мо чӯби хамӯшем, навобахш туӣ.

Ё раб, гунаҳ аз мӯи сарам бештар аст,
Ҳар кардаи нохуб ба дил нештар аст.
Бо ин ҳама дӯзам ба ту чашмони умед,
Лутфи нигаҳ аз нури нигаҳ пештар аст.

Дорем гуноҳи беш, бахшо моро,
Аз ғусса дил аст реш, бахшо моро.
Бо ин ҳама душманӣ накардем ба кас,
Будем адуи хеш, бахшо моро.

Ту дасти пуриву як тиҳидаст манам,
Ҳастӣ ту баландпояву паст манам.
Моҳисифатам, дар ҳазар аз шаст манам,
Дил аз ҳама канда, бо ту пайваст манам.

То дасти ишораат ба дастам нарасад,
Дар кӯи фараҳ ҷои нишастам нарасад.
Аз рафтани паймоншиканон нест ғамам,
Пайванди ту то манам, шикастам нарасад.

Аз як нигаҳат гадо ба мирӣ бирасад,
Дунёи сағир бар кабирӣ бирасад.
Озод агар шиква зи тақдир кунад,
Охир ба кафаш хати асирӣ бирасад.

Ҳарчанд ба рӯзаву намозем ҳама,
Дар ларза зи нори ҷонгудозем ҳама.
Осангари мушкилоти мо ғайри ту нест,
Бар даргаҳи ту рӯи ниёзем ҳама.

Аз ин дили додаи ту шукрона марост,
Дар синаи меҳри ҳама кас хона марост.
Якранг ба дида ёру бегона марост,
Поси намаки оқилу девона марост.

Рӯ мезанад аз дарди ту дармон моро,
Васли ту расад зи кӯи ҳиҷрон моро.
Резем ба ёди ту агар қатраи ашк,
Пайдо шавад об аз биёбон моро.

Бошад ба кафи ту банди тадбир дароз,
Бар киштии умри мо диҳӣ фурсат боз.
Аз дидани шаҳди зиндагӣ маст шуда,
Гаҳ рӯза бихӯрда, гаҳ нахондем намоз.

Аз раҳмати худ ҷудо магардон моро,
Зори дари ғамзудо магардон моро.
Дар киштии ноҳақӣ , аё ҳокими ҳақ
Як лаҳза ту нохудо нагардон моро.

Тарс аз ту набошад агар, аз ҳад гузарем,
Дар сабқати зиндагонӣ аз бад гузарем.
Дастур зи иблис ҳама бигрифта,
Чун зомини умри худ зи сарҳад гузарем.

Аз сарҳади кина дур меҳри ту барад,
Мӯсои дилам ба Тур меҳри ту барад.
Аз кишвари тирагуни шабранг маро
Бар олами пур зи нур меҳри ту барад.

Оташнафасӣ зи ишқат омӯхтаем,
Нури нигаҳи худ ба ҳама дӯхтаем.
Дилҳо чу чароғи меҳр афрӯхтаем.
Як синакабобу як ҷигарсӯхтаем.

Хонам зи барои худ, вале арҷ зи туст,
Гирам зи барои худ ғизо, харҷ зи туст.
Дарҳои биҳиштро ба рӯ боз кунӣ,
Некӣ зи барои худ кунам, дарҷ зи туст.

Қӯръон сипар аз баҳри мусулмон бошад,
Бар Қаъба сутун, ба дайр пайкон бошад.
Ҳар санги сиёҳи хуфта дар мулки араб
Гӯё сари гумкардаи эмон бошад.

Қуръон, ки агар нахонӣ, одам нашавӣ,
Воқиф зи нишоту лаззати ғам нашавӣ.
Бар марзи вуҷуди ташналаб нам нашавӣ,
Мирад ҳама гар зи дард, марҳам нашавӣ.

Қуръон, ки агар бихонӣ, оҳат ашк аст,
Тасбеҳ саросар ба нигоҳат ашк аст.
Ҳар гард ба дидагони роҳат ашк аст,
Шӯяндаи дунёи гуноҳат ашк аст.

Дин аст агарки ақл, ақл аст зарур,
Боақл кунад мудом андешаи дур.
Хокистари даҳр хуфтаоташ дорад,
Беақл занад пайкари худро ба танӯр.

Пайдо зи бухори ашк оҳам гардад,
Ёдовари дарёи гуноҳам гардад.
Он ҳавр, ки аз баҳри дилам мехезад,
Сарчашмаи ҳасрати нигоҳам гардад.

Дар даҳр фақат макоми ҳақ мемонад,
Танҳо ба забон каломи ҳақ мемонад.
Аз даҳр тамоми номдорон гузаранд,
Як номи бузург, номи ҳақ мемонад.

Бар қасри замон шоҳ гадоро набарад,
Сайёҳ ба сайр обилапоро набарад.
Гар нест калид, ин равонхонаи даҳр
Поён бубарад, валек боло набарад.

Паст аст садои гоми эҷоди баланд,
Пайванд бувад ба хок бунёди баланд.
Ман нестам он кӯзаи холӣ, ки кунам
Дар саҳнаи пасти даҳр фарёди баланд.

То дар нигаҳи фаҳми замон кас чу хас аст,
Як хӯшакаш орзу ба дашти ҳавас аст.
Бар дузд напухтамевааш дастрас аст,
Алқисса, нахуст шаҳдкомаш магас аст.

Ман мардумаки дидаи мардумшудаам,
Пайдошудаи амонати гумшудаам.
Оташ зи дилам резуду хун аз ҷигарам,
Ман чашмаи гиряи табассумшудаам.

Рафтанд зи ёди чашмҳо аҳли назар,
Гаштанд ғубори роҳ мардони сафар.
Аз гардиши чархи даври гумкарданизом,
Сарҳо ҳама по шуданд, поҳо ҳама сар.

Хомӯшии зиндагӣ пур аз фарёд аст,
Миннат табаре ба решаи имдод аст.
Талбанда зи бахшанда хиҷолат бикашад,
Зеро ки ғубор ҳадяи ин бод аст.

Борон ҳама шаб таронаи ғам хонда,
Ашки дили сӯзони маро резонда.
Ӯ нолаи аз баландӣ афтодан дошт,
Ман гиряи ҳасрати ба пастӣ монда.

Аз лолаи урёншуда доғ аст нишон,
Аз сӯзи куҳан дуди чароғ аст нишон.
Аз нахли ба хуноби ҷигар парварда
Сад шукр, ки бору барги боғ аст нишон.

Дар ҳар қадаме фиреби ҳастӣ бошад,
Тӯфон ба ғубори худпарастӣ бошад.
Бар нахли баландгашта миқроз зананд,
Осудатар аст, он кӣ ба пастӣ бошад.

Ашки фараҳ оҳи дили маҳзун дорад,
Шодӣ зи паяш ғуссаи афзун дорад.
Болидани сурхрӯй аз бехабарист,
Ҳар луқма кабоб қатраи хун дорад.

Бар рағми ҳама сангдилон мум шудем,
Дар дидаи бадхоҳи замон шум шудем.
Ҷустем аз оинаи ғам рӯи фараҳ,
Кардем гузашт, аз ҳама маҳрум шудем.

Аз кӯи вафо бӯи вафо меояд,
Бӯи абад аз кӯи вафо меояд.
Хоҳӣ, ки асал шавӣ, гузар аз гули ҷон,
Бар боғи ту оруи вафо меояд.

Ишқ омаду аз баҳри даво дард гузашт,
Аз гармии бебақо дили сард гузашт.
Аз лутфи баҳоре, ки хазон аз пайи ӯст,
Бе пираҳани сабз гули зард гузашт.

Лофи ту бурун аз ҳади фаҳми фол аст,
Ҳарфи ту сиёҳии хати аъмол аст.
Садтангахаридаро ба як танга диҳӣ,
Дар пеши ту сеҳргар забони лол аст.

Ҳарчанд, ки дорӣ ту мақоми олӣ,
Ҳаргиз макун аз ёфтаат хушҳолӣ.
Беҳуда зи ноёфта ҳам шиква макун,
Ҳар омада меравад ба дасти холӣ.

Зар ёфтанат зи зардгун гаштани мост,
Рӯсурхият аз хуни ҷигар гаштани мост.
Дар маҳфили давр садр ҳам гаштани ту
Аз хотири пинҳон паси дар гаштани мост.

Умрам ба хаёли ҷовидонӣ бигузашт,
Дар ҳифзи қаламрави амонӣ бигузашт.
Аз марг чӣ тарсам, ки саропо умрам
Дар роҳи дифои зиндагонӣ бигузашт.

Нопок агарки пок хонад худро,
Парвардаи обу хок хонад худро,
Он лаҳза дили мани пур аз меҳри ватан
Дар мадфани тан ҳалок хонад худро.

Як умр касеро ба ҷаҳон мирӣ нест,
Ибратасарамро алам аз пирӣ нест.
Ман низ ба уммеди дигарҳо корам,
Зеро ки маро вақти самаргирӣ нест.

Бошад ба саре агарки андешаи фанд,
Таъсир намекунад ба ӯ гуфтани панд.
Ҳарчанд барад ҳазору як ҳила ба кор,
Тобад ҳама пастӣ аз сари куҳи баланд.

Дар хоб ҷамоли модарамро дидам,
Рухсораи сурхи ҳамсарамро дидам.
Болидам аз он ки рафтагон баргаштанд,
Бедор шудам, чашми тарамро дидам.

Таъзимнакарда банди таъзим шавад,
Ғолибшуда низ мавҳи таслим шавад.
Чун бори гарон аст ҳама рӯзи ҳаёт,
Бар души ҷавону пир тақдим шавад.

Хам хӯрда зи бори ҷабрҳо гирд шудам,
Устод будам, дубора шогирд шудам.
Дар қуттии хеш давр ҷо кард маро,
Оташ маҷӯ аз хамӯш, гӯгирд шудам.

Олуда ба ғам хотири болидаи мост,
Аз хорканӣ асар гули чидаи мост.
Бар даҳр нигоҳи дигаре медӯзем,
Ҳар нуқта нишони мардуми дидаи мост.

Камбин агар эътибор бар гӯш диҳад,
Инъом диҳад гунг, ба хомӯш диҳад.
Азбаски баҳодиҳӣ ба сар душвор аст,
Мардум зи азал баҳо ба сарпӯш диҳад.

Сармо бигузашту оҳи сардам нагузашт,
Дар фасли баҳор ранги зардам нагузашт.
Як умр гирифтор ба дарди меҳрам,
Аммо чӣ кунам, ба ёр дардам нагузашт.

Азбаски сиришти меҳролуд надошт,
Аз боби вафо сухан ба ӯ суд надошт.
То танг нагардад нафасаш, кард ҳазар,
Ғофил, ки зи пай оташи мо дуд надошт.

Ҳарчанд сафедпӯш дар ҳаҷ будам,
Чун рӯйсияҳ дар назари каҷ будам.
Тоҷи сари хеш кардан имдод накард,
Бар сурати тоқхоҳ махраҷ будам.

Маҳрум зи базму сур ӯро карданд,
Аз маскани бахт дур ӯро карданд.
Рӯҳаш зи пайи қасди ҳасудон гардад,
Гӯё ки накушта гӯр ӯро карданд.

Ҷоҳил зару ранги зард оқил гирад,
Ишкам маю ҷоми пур зи хун дил гирад.
Ҳар давр сиёҳкорро ҳифз кунад,
Аз хоки сиёҳ беш ҳосил гирад.

Бар дидаи нопок чу ҷорӯб манам.
Чун арра ба чашми ҳайрати чуб манам.
Дар хубӣ агарки ғолиб оям сад бор,
Аз бад ҳама бишнавад, ки нохуб манам.

Онам, ки даранда ҳам ба ман ром шавад,
Чун чашми пур аз меҳрнигаҳ дом шавад.
Гар қатраи ашки ман ба дарё резад,
Дарёи хурӯшанда ҳам ором шавад.

Беҳуда гузашт умри ман ҳамраҳи ту,
Шуд хуни ҷигар насибам аз даргаҳи ту.
Ҳарчанд, ки кофтам, вале ёфт нашуд
Як дони муҳаббат аз миёни каҳи ту.

Нони даҳану ҳарфи лабаш бигрифтанд,
Пеши раҳи розу матлабаш бигрифтанд.
Аз косаи сози хушнавои сари ӯ
Тори ҳамачӯри асабаш бигрифтанд.

Дидем зиён зи донаи кошта ҳам,
Шуд офати ҷон хирмани бардошта ҳам.
Бар оташи дил умед бастан ғалат аст,
Дуд аст ҳамон оташи пиндошта ҳам.

Фарёди гунаҳ нолаи афсӯс шавад,
Ҳаври пур аз оҳ доғи номус шавад.
Шояд расад аз ҳазор бар гӯш яке,
Гум дар раҳи дур бонги ноқус шавад.

Машҳур ҷаҳон ба фитанаҳои хеш аст,
Беш аз каму кам низ малол аз беш аст.
Бар шоҳ ҳасад бурдани халқ аст аз он,
Шаҳ низ гаҳе ҳасадбари дарвеш аст.

Ҳарчанд, ки дорад раҳи ҳаҷ ранҷи зиёд,
Аз сурмаи шавқ оҳ шавад ҳар фарёд.
Хайронам аз он ки дар ҳамон роҳ фақат
Кангурту Ҳусайни ҳоҷӣ омад бар ёд…

Дар қатраи ашки бари рӯ оҳ марост,
Дар ҷунбиши торҳои мӯ, оҳ марост.
То ҳар ду миҷози ҳастӣ омехтааст,
Чун оташу об дар гулӯ оҳ марост.

Ҳарчанд нигаҳбони дари давр туӣ,
Ғоратгари ганҷи хунари давр туӣ.
Гуфтӣ: Сари ман низ гаҳе дард кунад,
Эй карда ғалат, дарди сари давр туӣ.

Чун обаму хокҳо маро нӯш кунанд,
Хоросифатон маро фаромӯш кунанд.
Фарёдрасон пунбабагӯшанд кунун,
Фарёди маро хамӯшҳо гӯш кунанд.

Хоҳӣ чу наҳанг дам кашӣ дарёро,
Бар ком фуру барӣ ҳама саҳроро.
Унвони ягонагӣ фақат хоси Худост,
Танҳо нагирифтаст касе дунёро.

Гургиву ғами меш надорӣ ту дигар,
Мориву ба ҷуз неш надорӣ ту дигар.
Дилҳо кунӣ пораву ҷигарҳо пурхун,
Шарм аз амали хеш надорӣ ту дигар.

Аз бехабарӣ банда баҳо бар ту диҳад,
Дар маскани меҳри хеш ҷо бар ту диҳад.
Азбаски туӣ ба дарди номардӣ ёр,
Дорам талаб аз Худо: –Даво бар ту диҳад.

Доно ба ишора кори худ буд кунад,
Даргоҳи умед гарм бо дуд кунад.
Тасвиргари бузург бо сеҳри қалам
Тарҳи пайи ҷӯйро раҳи руд кунад.

Ҷайби ту кушода, ҷайби мо дӯхта аст,
Шамъи ту фурӯзону зи мо сӯхта аст.
Алқисса, ба қадри фаҳму раҳмаш ҳама кас
Аз мактаби давр дарс омӯхта аст.

Зоғ аст фузун, дилам зи киштан мондаст,
Аз пахтаву пилла ёди риштан мондаст.
Гӯё ки зи хома рангро дуздиданд,
Ин дасттиҳӣ ҳам аз навиштан мондаст.

Аз хоки ту гарди меҳр пайдо нашавад,
Як зарраи дарди меҳр пайдо нашавад.
Холӣ дили абри ту зи борони вафост,
Об аз дили ин сипеҳр пайдо нашавад.

Деви сияҳ аст ҳокими меҳани шаб,
Доранд ҳама таронаи оҳ ба лаб:
Берун нашавад зи кони ангишт намак,
Аз ранги сиёҳ сафедҳарфӣ маталаб.

Аз таб ба гулӯ наволаам месӯзад,
Аз доғи вуҷуд лолаам месӯзад.
Ту шири замон хӯрдию ман тири замон,
Дил аз ғами чандсолаам месӯзад.

Пайдо нашавад зарраи меҳр аз дили ту,
Рӯяд ҳама донаҳои кин аз гили ту.
Эй рӯди хурӯшандаи бераҳми замон,
Аз чашмаи марг об хӯрад соҳили ту.

Оҳам, ба гузаргоҳи худам меҳмонам,
Ашкам, ба назаргоҳи худам меҳмонам.
Меҳмони ман аз боби ғарибӣ ту манол,
Ман низ ба даргоҳи худам меҳмонам.

Аз хок агар канда шавад сабза, хас аст,
Парвона ба шамъ рӯ наорад, магас аст.
Бе ҷонканӣ обрӯ муяссар нашавад,
Ишқе, ки надорад оҳ ашкаш, ҳавас аст.

Осуда зи осудагии банда манам,
Ҷамъовари ёрони пароканда манам.
Бо ин ҳама хислатам фурӯшанд маро,
Ин низ бувад бахт, ки арзанда манам.

Садр аст ба маҳфили замон зочаи мо,
Хат мезанад аз китоб дебочаи мо.
Ҳарчанд, ки ҷони худ ба ҷонаш монем,
Боз ӯ чу саги ганда газад почаи мо.

Камнур, ки шуд меҳр, бихонанд маҳаш,
Донрез, ки шуд хӯша, бигӯянд каҳаш.
Сад айбу гунаҳ агар ки доро дорад,
Чашми тамаи замон набинад гунаҳаш.

Аз дуди дилам дидаи ҷон мегиряд,
Аз ҳаври вуҷудам осомон мегиряд.
Пинҳон ба кадом раҳ кунам сели сиришк,
Бисёр шуд об, хокдон мегиряд.

Хоке, ки ба санг ёр шуд, санг шавад,
Бар оҳан агар об фитад, занг шавад.
Бо душман агар дӯст кунад нарм салом,
Майдони фарохи дӯстӣ танг шавад.

Меҳре, ки забонӣ аст, аз сина чи суд?
Боме, ки хаёлӣ аст, аз зина чи суд?
Он ҷо, ки ғубор ҳукмрон аст агар,
Ҳарфе задан аз ҷилои оина чи суд?

Аз гулшани умр барги фандам доданд,
–Ку мева? –Нишон шохи баландам доданд.
Даъвои маро шунида, пандам доданд,
То талх нагӯям, ҳама қандам доданд.

Айш аст ду-се рӯза, фаромӯш макун,
Холӣ шавад ин кӯза, фаромӯш макун,
Бар хотири роҳати ту ранҷе нарасад,
Ид аст пас аз рӯза, фаромӯш макун.

Дурдона зи қаъри об пайдо кардем,
Нури хирад аз китоб пайдо кардем.
Бар марг нишони зиндагӣ бахшидем,
Рағми таби хеш тоб пайдо кардем.

Ҷӯяндаи хасмиҷоз зоти шарар аст,
Гӯяндаи наът низ хоҳони зар аст.
Маънии китоби умрро ёфтаам,
Чанде зи пайи фиреби чанди дигар аст.

Ин ишқ натиҷа нест, ҷамъи сабаб аст,
Сарманзили эътиқоду роҳи адаб аст.
Сӯзи шарари дил аст, не оҳи таб аст,
Дар хоки ғамаш нуҳуфта оби тараб аст.

Бегона ба панду ошнои ту ба фанд,
Наздик ба оташиву дурӣ зи сипанд.
Медоштӣ, эй зиндагӣ, инсоф агар,
Бар паст намерасид унвони баланд.

Мехостӣ аз ту душманӣ омӯзам,
Сайёдиву домафканӣ омӯзам.
Дил майл ба ҷониби ту кардан нагузошт,
Акнун раҳи аз ту дилканӣ омӯзам.

Аз ҳам бикунӣ ту ҷамъи бисёр ҷудо,
Созӣ ҳамаро ба ёру ағёр ҷудо,
Хокат ба сар, эй зиндагӣ, аз манфиъатат
Аз ёри азизи худ шавад ёр ҷудо.

Ҷуз ёд аз он фасли тарабнок намонд,
Миқроз бимонду навдаи ток намонд.
Дарёи ғами ишқ ҳама кард хароб,
Эй сел, маё, дар ин замин хок намонд.

Дар оҳи ман ашку дар нигоҳам ашк аст,
Дар панҷаи мижгони сиёҳам ашк аст.
Бе нам набувад хоки замини дили нарм,
Дарёсифатам, ғубори роҳам ашк аст.

Хоки ту тар аст, бехтан натвонам,
Пурчоҳ раҳат, гурехтан натвонам.
Бе сеҳри ту аз дидаи оташасарам
Як қатра сиришк рехтан натвонам.

Аз субҳи дурӯғ шоми мо хубтар аст,
Торикии бардавоми мо хубтар аст.
З-он май, ки дар ӯ кайфиати нанге нест,
Таҳмондаи оби ҷоми мо хубтар аст.

Соҳибҳунари ишқ ба ҷое нарасад,
Бемор бимонда, бар давое нарасад.
Бегона ба ошиқ аст ҳарҷогардӣ,
Бар ёди саре хаёли пое нарасад.

Аз ҳаҷри висолгашта, ҳастӣ мирад,
Ширин, ки шавад шароб, мастӣ мирад.
Бемораму тоби ман аз он аст, ки ишқ
Дардест, ки аз давопарастӣ мирад.

Беақл ҳам аз омаданаш шод шавад,
Бад ҳам зи бисоти баданаш шод шавад.
Оҳанги хуш аст оҳи афтода ба сел,
Девона зи оташ заданаш шод шавад.

Дар фасли хазон муждаи борон додӣ,
Дарди ду ҷаҳон ба ҷои дармон додӣ.
Ин мӯи сафедам асари ҳиммати туст,
Аз косаи ишқ шири ҳиҷрон додӣ.

Аз ғуссаи тифли хештан метарсам,
Аз шодии душмани ватан метарсам.
Осудатар аз ҳаёт марг аст маро,
Осуда, ки нест ҷони ман, метарсам.

Холӣ зи хати сахо кафи афсӯс аст,
Як айб нишони доғи сад номус аст.
Дар рӯзи ҷазо диҳад гувоҳӣ зи амал,
Ҳар узви бадан ба соҳибаш ҷосус аст.

Як лаҳза шавам аз ту ҷудо, мемирам,
Аз заҳри фироқ, ба худо, мемирам.
Аз баҳри зудудани ҳамон ғам, ки марост
Оранд ҳазор ғамзудо, мемирам.

Аз дасти хасисчашмҳо гӯш шудем,
Аз дидани бемағзсарон дӯш шудем.
Рӯсурхии равғанталабон хунасар аст,
Аз беталабӣ оташи хомӯш шудем.

Он пир, ки сармои баҳорон дида,
Мегуфт ба дард ашки ёрон дида.
Гар рамма ба хасми хеш таслим шавад,
Чӯпон чӣ кунад ба гурги боридида?

То сахтгапони сустгирем ҳама,
Ду дида ба мӯйи дар хамирем ҳама.
Дар оташи кундсӯз ҳам хуфта балост,
Аз бехабарӣ рехташирем ҳама.

Аз рӯз шабам бануртар мегузарад,
Заҳрам ба давоӣ аз шакар мегузарад.
Аз марг чи тарсам, ки пас аз рафтани ман
Рӯсурхиям аз хуни ҷигар мегузарад.

Гандумдаравам, тани маро коҳ хӯрад,
Ман марди раҳам умри маро роҳ хӯрад.
Эй ишқ, аз он даме ба ман ёр шудӣ,
Нури дили хуршеди маро моҳ хӯрад.

Барфат ба ниҳолам гули бодом шавад,
Барқи ту ба ҷодаам маҳи шом шавад.
Хоке, ки зи кина бар сарам мерезӣ,
Девори муҳаббати маро бом шавад.

Аз фикри ту чашм шарбати хоб нахӯрд,
Аз зикри ту лаб хушк шуду об нахӯрд.
Дар сина ҳазор тоби ғам хӯрд дилам,
Дар сина вале дили ту як тоб нахӯрд.

Шаб аз гузари дилсияҳон меояд,
Рӯз аз ватани бегунаҳон меояд.
Даргоҳи худу диёри худро дорад,
Ҳар неку баде, ки бар ҷаҳон меояд.

Мушкил зи ту дарси ишқ омӯхтан аст,
Кори ту ҷигар буридану дӯхтан аст.
Мисли ту надидам ба ҷаҳон афсунгар,
Оташ туиву насиби ман сӯхтан аст.

Гарди ғами ту нишаста бар хоки дилам,
Абри аламат гирифта афлоки дилам.
Эй бод, ту ғамҳои маро тоза макун,
Эй барқ, макун зиёда ту чоки дилам.

Чашмони туро об нагуфтан ғалат аст,
Сарчашмаи ноёб нагуфтан ғалат аст.
Бар дидаи ҳар мусофири баҳри вафо,
Холи бари лаб чу киштии пеши шат аст.

Эй ашк, ту роҳи боғи рухсор магир,
Гулро ба кафи оби намакдор магир.
Бишнидани оҳаш асар аз марги ман аст,
Эй дард, маро монда ба ӯ кор магир.

Ранҷур туро бинам агар, мемирам,
Аз ашк шавад рӯи ту тар, мемирам.
Бар хонаи хеш ишқ бандад раҳи ман,
Охир зи ғамат дар паси дар мемирам.

Тавони гудозу шеванамро надиҳӣ,
Аз дард раҳо ҷону танамро надиҳӣ.
Як умр зи ишқи ту сухан мегӯям,
Як бор ҷавоби суханамро надиҳӣ.

Дар сина дили кабоб дорам зи ғамат,
Дар косаи дида об дорам зи ғамат,
Аз дуздии як нигаҳ шудам бандии ишқ.
Эй роҳати ҷон, азоб дорам зи ғамат,

Нам дар бари девор расад, гил резад,
Аз нармии об хоки соҳил резад.
Ошиқ, ки нагаштаӣ надонӣ ту, чӣ сон
Аз синаи дилбохтагон дил резад.

Абрӯ хату чашм ҳарф дар зери хат аст,
Ин ҳарфи навишта зери хат, беғалат аст.
Бошад ғалате агар, ба бетобии мост,
Нозе, ки ту гуфтаӣ ғалат, беғалат аст.

Шаб дасти дари рӯзкушоӣ дорад,
Торӣ ҳам асар зи рӯшноӣ дорад.
Бо дидаи меҳр агар ба олам нигарӣ,
Бегона хаёли ошноӣ дорад.

Побанди хаёли беш бояд бошем,
Дар ҷодаи меҳр пеш бояд бошем.
Маҳрум зи бӯйи ошноӣ умр аст,
Бегона ба умри хеш бояд бошем.

Дард аз асари умед дармон гардад,
Ҳасрат зи як оҳи гарм армон гардад.
Дар нори танӯри зиндагием хамир,
Рӯсурх шавад хамир агар, нон гардад.

Дар роҳи вафо хунҷигарӣ ёрам шуд,
Аз дасти даво дарбадарӣ ёрам шуд.
Инсон, ки нафаҳмиду ба қадрам нарасид,
Девона шудам, деву парӣ ёрам шуд.

Уммеди ҳавоиро насибам кардӣ,
Ғамҳои бачоиро насибам кардӣ.
Талбидани бӯсса шуд маро одати бад,
Эй ишқ, гадоиро насибам кардӣ.

Кардем дил обу оби дил нӯш нашуд,
Аз ашки кабоб шӯъла хомӯш нашуд.
Гаштем харидору зи бозори замон
Пайдо ба шунидани сухан гӯш нашуд.

Мо ошиқи рангзарди хунинҷигарем,
Як дастаи раҳнаварди хунинҷигарем.
Дунё зани бевафо агар ҳаст, ҳама
Аз теғи ҷафош марди хунинҷигарем.

Дардо, аламо, ки як замон мемирам,
Судам накунад хати амон, мемирам.
Аз номи камонбадаст тарсам ту мадеҳ,
Вақтам, ки расид, бекамон мемирам.

Дар хонаи ҳаҷри ту ҳавас ҷоям кард,
Гӯё ба гулӯ ҳамчу нафас ҷоям кард.
Дар кӯҳи ғурур шоҳбозе будам,
Сайёди муҳаббат ба қафас ҷоям кард.

Бе ранҷи фироқ васл дидан хоҳӣ,
Як доғ надида, лола чидан хоҳӣ.
Ҳаст аз шаби маргдори бемор дароз,
Гар қиссаи ишқро шунидан хоҳӣ.

Дар роҳи дил аст гардҳои қадамат,
Дар хоки дил аст донаҳои аламат.
Афтода миёни ҷангали ишқи туям,
Оҳуи дили маро хӯрад гурги ғамат.

Ғамбоди фироқ манзилам мегирад,
Дарёи сиришк соҳилам мегирад.
Дар хонаи тан ба оҳи дил ҷой намонд,
Охир, ки туро оҳи дилам мегирад.

Дил аз ғаму дарди ишқи ту хаста нашуд,
Рафт аз пайи ту, ба ғайр пайваста нашуд.
Ҳарчанд, ки девори ҷафо сохтаанд,
Роҳи мани ёри бовафо баста нашуд.

Пеши ту забону лаби ман хомӯш аст.
Дар сина дили пур аз сухан хомӯш аст.
Фарёд кунад кӯҳу ба пеши Ширин
Аз хотири ишқ Кӯҳкан хомӯш аст.

Гаҳ ҷӯр ба ман, гаҳе ту ноҷӯр шавӣ,
Наздик гаҳеву гаҳ зи ман дур шавӣ,
Дорӣ хабар аз чи зиндадаргӯр шавам,
Гаҳ хона барои ишқ, гаҳ гӯр шавӣ.

Талхии шароби ишқро медонам.
Хуноби кабоби ишқро медонам.
Аз боби азобҳои худ ҳарф мазан,
Вақте ки азоби ишқро медонам.

Пайдо чу пайи ту ба раҳи ёд шавад,
Хомӯшии ман нолаву фарёд шавад.
Бар об равӣ, зи ҷунбиши пираҳанат
Дастак зада об аз ҳавас бод шавад.

Ойинаи меҳри ман ба чашмат санг аст,
Фӯлодаму ҷавҳарам бароят занг аст.
Сад нанги вафодор ба нозе нахарӣ,
Дунёи ҳаёти одамӣ садранг аст.

Тан бори ғамам дида рақибам нашавад,
Дилмонда зи ту ҷони ғарибам нашавад,
Гар бар дари дигаре ниҳам пойи умед,
Даргоҳи муҳаббатат насибам нашавад.

Аз барқи ту абри дидаам жола гирист,
Аз доғи ту пуштаи дилам лола гирист.
Эй ишқ, чӣ сеҳрӣ ту, ки дар як дами умр
Ошиқ чу азодидаи садсола гирист.

Дар синаи ман дили кабобам хоб аст,
Дар халқаи мавҷи ғам ҳубобам хоб аст.
Аз субҳи муҳаббатам мепурсед дигар,
Дар пуштаи шом моҳтобам хоб аст.

Бе дасти мадад мушкилам осон нашавад,
Сарҷамъ маро фикри парешон нашавад.
Ишқи ту асар ба мағзи ҷонам кардааст,
Сад ҷон, ки канад табиб, дармон нашавад.

Аз тори дилам пуди муҳаббат гузарад,
Аз хоки дилам руди муҳаббат гузарад.
Мегиряму месӯзаму аз роҳи нафас,
Ҳам оташу ҳам дуди муҳаббат гузарад.

Сарбози замон ҳифзгари Маҳмуд аст,
Эй марг, биё, ки зиндагӣ бесуд аст.
Дар мардуми дида сурати мардум нест.
Ойинаи меҳри дил ғуборолуд аст.

Дил нест туро, ғизои тан металабӣ,
Як умр барори хештан металабӣ.
Аз хоки мазор ҳам туро серӣ нест,
Имкон шавад, аз мурда кафан металабӣ.

Эй субҳ, марав, ки шом хоҳад омад,
Торикии бардавом хоҳад омад,
Хуршед, ки тифли туст аз ӯ магузар,
Бар ҷустани Зол Сом хоҳад омад.

Аз пайкари дар азоб ҷоне металабад,
Аз хони дили кабоб ноне металабад,
Ҷуз тинати равшанам надорам чизе,
Аз хирмани моҳтоб доне металаб.

Чун оташи кундсӯз дуд аст туро,
Ториктар аз шом вуҷуд аст таро.
Бефарқ ҳама буду набуд аст туро,
Марсияи умри ман суруд аст туро.

Ойинаи ишқ сангҳоро шиканад,
Савганди тамоми нангҳоро шиканад.
Бигрифта зи хуноби ҷигар ранги баланд,
То қомати қадри рангҳоро шиканад.

Аз нанг миёни баста бошад моро,
Сад фикри ба сар нишаста бошад моро.
Пайвандгари меҳру вафоем, вале
Дар сина дили шикаста бошад моро.

Аз бори ғами кашида парво накунам,
Аз лаззати ночашида парво накунам.
Ман бенамаконро ба Худо биспорам,
Чун миҷҷа зи ҷабри дида парво накунам.

Имрӯз саре хаёли ҳастӣ накунад,
Аз бодаи меҳр ҳеҷ мастӣ накунад.
Аз дилбари худ сияҳ дили ёр шудааст,
Парвона дигар шамъпарастӣ накунад.

Шоми сияҳ аз субҳи дурӯғин беҳтар,
Аз моҳи ба зери абр парвин беҳтар.
Ғам хубтар аст аз фараҳи дурӯза,
Мурдан зи ҳаёти сахту сангин беҳтар.

Гирям чу саҳоб, агар даме барқ шавад,
Хун гардам, агар фалак ба хун ғарқ шавад.
Ҳар сӯз нахуст аз дили ман мегузарад,
Хуршед бурун аз ҷигари Шарқ шавад.

Гул рафту ба дасти хорҳо боғ бимонд,
Нури нигаҳат ба дидаи роғ бимонд.
Бигзашт баҳору васли дирӯзаи ту,
Аз лолаи ишқ бар ҷигар доғ бимонд.

Умре ҳаваси гули анори ту кунам,
Пайдо зи гули ту навбаҳори ту кунам.
Аз меваи ишқ агар ки ноком шавам,
Эй соҳиби боғи ҳусн, бори ту кунам.

Беаҳд ба доди интизоре нарасад,
Бедард ба қадри ғамгусоре нарасад.
Саҳрои дилам пур аз хасу хори ғам аст,
Аз оташи ишқи ту шароре нарасад.

Тарҳи раҳи кӯят наравад аз ёдам,
Гарди ғами ишқи туст дар бунёдам.
Ҳарчанд, ки пеша кардаӣ сангдилӣ,
Аз санги диёри ту расад фарёдам.

Аз кардаи нохуб дигар ҳарф мазан,
Ҷӯяндаи васлро ба ҳар жарф мазан.
Мӯҳои сарам сафед шуд аз ғами ту,
Фоли раҳи бигзаштани ин барф мазан.

Бе ранҷ касе ба ганҷ соҳиб нашавад,
Бе сӯз чароғи умр соқиб нашавад.
Сад мадрасахатмкарда дар баҳси вафо,
Бар ошиқи дилсӯхта ғолиб нашавад.

Аз дасти ғами ту шабу рӯз оҳ кашам,
Ту усма кашиву ман хати роҳ кашам.
Аз дидани расми ишқ то даргирӣ,
Хуршеди умедро бари моҳ кашем.

Пайдо зи биёбони ғамат чоҳ кунам,
Дилгарм туро ба оташи оҳ кунам.
То бохабар аз омаду рафти ту шавам,
Ду дидаи худ шамъи бари роҳ кунам.

Дар кӯи вафо мотами сабр аст имшаб,
Ҳар қулла ба дидаам чу қабр аст имшаб.
Бар қисмати хуршед дилам месӯзад,
Ҳамхобаи моҳтоб абр аст имшаб.

Чун халқа ба доми ҳама занҷир машав,
Гапгири камон ба сурати тир машав,
Чун риштаи нозук аст умре, ки турост,
Баъди гираҳаш дар паи тадбир машав.

Бар кӯи ту дилро ба аламҳо бурдам,
Сад бор шудам зиндаву сад раҳ мурдам.
То ҳамдами ту шавам, гузаштам аз худ,
Зангоби ғами туро чу оҳан хӯрдам.

Эй субҳ, кай омадӣ хабар накарда,
Мондам зи сафар мани сафар нокарда,
Овози диле магар ба гӯшат нарасид,
Рафтию ба ҷони ман асар нокарда.

Биштоб, ки аз ёр қафо мемонӣ,
Дар доми ҷафои бевафо мемонӣ.
Дил бар шабу ахтарони зебо ту мабанд,
Аз олиҳаи субҳи сафо мемонӣ.

Ёди ту маро ба ҳар сӯ овора кунад,
Ҷон сӯзаду дил қабои ғам пора кунад.
Умрест диҳад висоли якрӯза ғамам,
Чун тир ба мағзи ҷону дил кора кунад.

Пеши қадами баҳор сар хоҳам монд,
Бар сабзаи рӯзгор сар хоҳам монд.
Бо сангдил аз марг гарон зистан аст,
Чун чашма ба киштзор сар хоҳам монд.

Бар рағми ҳама дуруштҳо нарм шавам,
Бинам агар озурдадил, озарм шавам.
Мӯҳтоҷ нагашта ман ба гармии ҳаёт,
Аз сӯзу таби вуҷуди худ гарм шавам.

Дар халқаи мавҷ чун ҳубоб афтодем,
З-оромии хеш дар азоб афтодем.
Рӯзе, ки зи мо ба мисли тақвими куҳан
Нафъе нарасид, аз ҳисоб афтодем.

Ёбем сафолпорае шод шавем,
Ёбем зар аз мағорае, шод шавем.
Аз гумшудани хеш надорем ғаме,
Чун тифл ба ҳар ишорае шод шавем.

Рӯ ҳар сӯ матоб, ёр бо ҳам бошем,
Чун мавҷу ҳубоб, ёр бо ҳам бошем.
Дар кулбаи хурд, дар ҳамон хонаи чашм,
Чун оташу об ёр бо ҳам бошем.

Бар ҷони адӯ чу тир ангушти ман аст,
Монанди гулӯла сӯи ӯ мушти ман аст.
Аз хоки ғамаш гард ба душман надиҳам,
Ҳар пуштаи мулк асар зи сад пушти ман аст.

Ишқи ту даруни сина оташ бошад,
Тифл аст азиз, агар чи он ғаш бошад.
Осуда туӣ, вале ба ёди ту ҳанӯз
Байни дилу ҷони ман қашокаш бошад.

Ҳарчанд, ки одам аз ҷаҳони дигар аст,
Гаҳе ба дилаш зи носипосӣ асар аст.
Дар сояи бед шиштаву мегӯяд;-
Ин нахл миёни нахлҳо бесамар аст.

Аз тири забон бимирад он кӣ лофад,
Бар тӯри ғам афтад, он ки тӯре бофад.
Бингар дили сахти хораро об охир
Бо чак-чаки нарми қатрааш бишкофад.

Ғамгин манаму ба сина ғам нест туро,
Гирён манаму ба дида нам нест туро,
То гардани нозу пайкари ишва турост,
Абрӯи хам асту сари хам нест туро.

Эй тозагули умед, хорат накунам,
Бебаҳра зи файзи навбаҳорат накунам.
Пурдоғ дилам кардию аз хотири ишқ
Олуда ба доғ лолаворат накунам.

Бар панҷаи боди ишқ гардам кардӣ,
Пайванд ба олами набардам кардӣ.
Нодида баҳорро расидам ба хазон,
Сабзиначамол, рангзардам кардӣ.

Оне, ки ба роҳи дил қадам мемонад,
Дар ҷабри адӯи хеш кам мемонад.
Шамшербадаст тарсад аз теғи қалам,
Дар даҳр фақат пайи қалам мемонад.

Аз ҷавҳари пайкарат ғизо шир шавад,
Парвардаи батни ту ҷаҳонгир шавад.
Мо оҳану модар туӣ иксири ҳаёт,
Оҳан зар агар шавад, аз иксир шавад.

Бархез, ки аз нишастанат суде нест,
Пайванд, ки аз шикастанат суде нест.
То ҷон наканӣ, ба кӯи мақсад нарасӣ,
Аз бори фиреб бастанат суде нест.

Мо дар сафару аз ҳама мушкил сафар аст,
Дар ҳар қадами раҳи сафар сад хатар аст.
Аз ҷамъи бало дуъои мардони худо,
Дар ҷодаи шаш манзили ҳақ ҳифзгар аст.

Бе оташи дил чароғи хомӯш шавӣ,
Маҳруми назар бошӣ агар, гӯш шавӣ.
Сад сол, ки султони ҷаҳон ҳам бошӣ,
Гар нест туро хирад, фаромӯш шавӣ.

Имрӯз ба мо дафтару мизе нарасад,
Аз гуфтани панд ҳеҷ чизе нарасад,
Аз дасти шаробиёни пурхори замон
Аз боғи пурангур мавизе нарасад.

Эй номанависи давр, номат надиҳанд,
Ҷонбахши Аҷам ба даст ҷомат надиҳанд.
Дар масакани манфиъат гадо маърифат аст,
Гар нестӣ доранда, саломат надиҳанд.

Дар қаҳ-қаҳи рӯз оҳи шабро дидам,
Дар хандаи барқ тобу табро дидам.
Дар мотамаш аз сарвати ӯ ҳарф заданд,
Бечорагии ҷаҳонталабро дидам.

Оҳе, ки дар овоз нағунҷад, моем,
Он нағма, ки дар соз нағунҷад, моем.
Оне, ки ба он оташи пурмеҳри дилаш
Дар синаи ҳамроз нағунҷад, моем.

Имрӯз хушию ғами фардо нахӯрӣ,
Зарбе хурӣ аз худ аз дигарҳо нахӯрӣ.
Дар нимараҳе ташнаҷигар мемирӣ,
Чун чашма агар об зи дарё нахӯрӣ.

Ишқу ҳаваси ту дар дилу дар ҷон аст,
Ман ташназамину лутфи ту борон аст.
Аз обила баст бе ту дон хӯшаи дил,
Ҷон дода, ғами туро харам арзон аст.

Овора дилам, ҳазор овора дилам,
Шуд аз ғами ишқи ту ҷигарпора дилам,
Бо рафтани худ нагаштам озод зи банд,
Дар кӯи ту монд асиру бечора дилам.

Дар дидани сӯзи ҷигарам кӯр шудӣ,
Бамеҳр, ки будӣ, аз барам дур шудӣ.
Ҳарчанд бағал кушодамат мисли дутор,
Чун тори гиреҳдор ту ноҷӯр шудӣ.

Умед ба манзиле расонад моро,
Ин хок ба ҳосиле расонад моро.
Бемеҳрии ту гар аз диле дур барад,
Ғамҳои ту бар диле расонад моро.

То меҳри дилу гудози ҷонам наравад,
Хуршеди умед аз осмонам наравад.
Сад фасли хазон ояд агар, мурғаки ишқ
Монанди уқоб аз ошёнам наравад.

Аз неши забони хеш озурда шавем,
Коҳидатар аз анори афшурда шавем.
Моем чу оҳани надида сӯҳон,
Аз занги вуҷуди хештан хӯрда шавем.

Нози ту ҳама зи нозбардории мост,
Беғам будани ту ҳам зи ғамхории мост.
Бо дарду ғами муҳаббат шод шудан,
Эй ёр, нишонаи вафодории мост.

Боз омада сӯзи беҳисобам додӣ,
Чун дарди куҳан зи нав азобам додӣ.
Гуфтам нахӯрам шароб аз дасти касе,
Соқӣ шудию боз шаробам додӣ.

Аз рафтани умри гузарон боқи ту нест,
Як шаъами ситора ҳам дар афлоки ту нест.
Эй дӯст, ба ҳоли ту дилам месӯзад,
Як зарра нам аз сиришк дар хоки ту нест.

Ин пухта шудан ба хом осон набудаст,
Дарёфтани мақом осон набудаст.
Ҳар шодии мо ғаме ба худ доштааст,
Хушбахтии бардавом осон набудаст.

Дар роҳи умеди хеш ҷонфарсоям,
Осуда наям, то нарасам бар ҷоям.
Аз пой агар ҷудо шавам, боз ба ранҷ
Монанди қалам ба сар раҳам паймоям.

Эй олами роз, ман туро ёд кунам,
Бо сӯзу гудоз ман туро ёд кунам.
Як бор накардӣ ту маро ёд, вале
Як умри дароз ман туро ёд кунам.

Маҳтоб ба хона нур пошиду гузашт,
Побанди хаёлҳо маро диду гузашт.
Ҳарчанд назар ба меҳр кардам сӯяш,
Чун дилбари ман маро нафаҳмиду гузашт.

Мо пир шавем, дил ҷавон мемонад,
Як номи накӯ зи мо нишон мемонад.
Ҳар қуллаи боазоб тайкардаи мо
Баъди сари мо чу нардбон мемонад.

Ҳар қатра умеди мавҷи дарё дорад,
Ҳар бебасаре ба дил назарҳо дорад.
Ин санг, ки бинӣ ҳама дам хомӯш аст,
Бишкофӣ агар дилаш, шарарҳо дорад.

Ҳаргиз ба гапи бадғаразон гӯш макун,
Дар сина чароғи меҳр хомӯш макун.
Ҳарчанд, ки ёрони дигар меёбӣ,
Ёрони куҳанро ту фаромӯш макун.

Оташнафасему пеши хас муҳтоҷем,
Чун пойшикаста бар чигас муҳтоҷем.
Ҳарчанд расем агар ба доди дигарон,
Худ лек ба пеши додарас муҳтоҷем.

Эй ришгаи умр, ҳеҷ борик машав,
Эй субҳи умед, ҳеҷ торик машав.
Ман марди раҳам, қисмати ман дар сафар аст,
Эй роҳаки дур, ҳеҷ наздик машав.

Эй ишқ, ту хуни ҷигарам рехтаӣ,
Бо элаки ғам хоки маро бехтаӣ.
«Борони дусадсола фурӯ нашнонад,
Ин гарди балоро, ки ту ангехтаӣ.»

Тарҳи раҳи умрро дигаргун созем,
Дилро зи ғами фикри абад хун созем.
Носозию ҷанги олам аз тақсим аст,
Ислоҳ хатоҳои Фаридун созем.

Осор зи ҳосиле надорӣ, афсӯс,
Пайғом зи мушкиле надорӣ, афсӯс,
Умрест ба васфи дил сухан мегӯӣ,
Дар сина вале диле надорӣ, афсӯс.

Мустаҳкам агар муҳаббати вассоф аст,
Як санги ватан баҳои кӯҳи Қоф аст.
Хоке, ки дар он нишони хуни ноф аст,
Лойобаи он зи оби борон соф аст.

Бадхоҳ ба маснади накӯӣ нарасад,
Душман ба мақоми дӯстрӯӣ нарасад.
Оҳи дили вайрона шавад мотами сел,
Пуркина ба кӯйи меҳрҷӯӣ нарасад.

Даҳр оташу халқ тобае ҳаст ҳанӯз,
Бонги ҳама зӯр лобае ҳаст ҳанӯз.
Кӯтоҳии тори умр аз пургираҳист,
Ҳастии башар калобае ҳаст ҳанӯз.

Кардем дуъо: – Додаи ту бас моро,
Аввал дигаронро ту бидеҳ, пас моро.
Он тӯдаи додаи ту оташ гаштанд,
Сад шукр, ки ту накардаӣ хас моро.

Бегона ба хок абри беборон аст,
Дур аз бари бенаво наводорон аст.
Дидори бузургони тиҳидасти замон
Дар чашми тамаъ шумтар аз ҳичрон аст.

Дунёи вафову меҳр агар ҳаст,туӣ,
Гӯяндаи шеърҳои тар ҳаст, туӣ.
Аз Мавлавӣ омӯхтаӣ баски сабақ,
Ҷо дар дилу дидаи башар ҳаст, туӣ.

Ёрон, ёрон, дигар суроғам макунед,
Бӯйи гули фанд бар димоғам макунед.
Айём зи бемеҳриатон қисса кунад,
Ёди кӯҳанед, тоза доғам макунед.

Дар роҳ маро дида ту оғӯш кунӣ,
Аз чашмаи ночории худ нӯш кунӣ.
Ёрони нави мададрасон беш, ки ҳаст,
Ёрони кӯҳанро ту фаромӯш кунӣ.

Бедард намехарад давоии маро,
Бегона нафаҳмад ошноии маро.
Ҷамъе, ки зи танҳои ман бехабар аст,
Бозӣ донад машқи ҷудоии маро.

Дилро ту ба дасти шикам оғӯш макун,
Бо беши ҳаром ин кам оғӯш макун.
Гурги ту ба мешам ошноӣ накунад,
Бо ҳам ду рақибро ҳамоғӯш макун.

Гӯё ки расад ба гӯш аз боди сабо:
Ҳеҷ аст ба пеши дарди баднафс вабо.
Хунхӯрда майи сурх шуморад хунро,
Дигар нашавад гург зи тағйири қабо.

Аз ҳад магузар, вақти гузаштан ояд,
Эй бандаи зар, вақти гузаштан ояд.
Аз ёд мабар, ки ин ҳама ҳастии туст
Як сайри назар, вақти гузаштан ояд.

Аз фаҳми табиби мо даво ёфтаанд,
Ҷиддиасарӣ зи ҳазли мо ёфтаанд.
Диданд дар оинаи мо сурати хеш,
Беайб шуда, ба дида ҷо ёфтаанд.

Дунё бадани бадардро мемонад,
Сабзинаи рангзардро мемонад.
Бечора табиб чӣ кунад, бемораш
Беақли бараҳнагардро мемонад.

Мо мардуми зудбовари дунёем,
Мафтуни фиреби назари дунёем.
Ширинияш омехтаи талхияст,
Як заҳрнасиб аз шакари дунёем.

Дар сарҳади мулки некҳолӣ мирем,
Аз фикри гарони дасти холӣ мирем.
Аз пушти забон агарки кабкон миранд,
Мо боадабон зи пушти лолӣ мирем.

Гаштем хазон, баҳор моро нашинохт,
Даъватгари ифтихор моро нашинохт.
Бедории мо дод ба шаб рутбаи рӯз,
Хобидаи шамъдор моро нашинохт.

Ҷонро, ки фидои роҳи созиш кардем,
Ночор адо амру супориш кардем.
Бинем ҷазо зи хотири дидаи хеш,
Арзанданабударо ситоиш кардем.

Аз қисмати фардои замон бехабарем,
Аз макру фиреби одамон бехабарем.
Зархоҳи ватан хоки ватанро безад,
Аз тири дар оғӯши камон бехабарем.

Умре ҳама панди гуфтагонро гӯем,
Ҳарфи асари нуҳуфтагонро гӯем.
Бо он ҳама ифтихору бедории худ
Гуфтори ба хок хуфтагонро гӯем.

Як меваи дар ранг базебат донам,
Заҳр аст ба шаҳди ту, фиребат донам.
Дидори фироқу ҳаҷри васлӣ, эй умр,
Бӯйи гулу оҳи андалебат донам.

Дар оташи меҳри халқи олам дуд аст,
Дар гиряи ӯ хандаи заҳролуд аст.
Ин аст, ки пеши пашшаи хурди аҷал
Оҷиз ба ҳама бузургияш Намруд аст.

Ҳарчанд ки гӯяндаи панд аст одам,
Бовар ту макун, ҷаҳони фанд аст одам.
Гӯяд, ки ба фикри халқу кишвар бандам,
Бинӣ, ки ба фикри хеш банд аст одам.

Гарди кафи бод аст, – ҳикоят ин аст,
Дар панҷаи марг аст, – шикоят ин аст.
Озод агар аст, даҳр зиндон созад,
Дар бобати феъли банда оят ин аст.

То ханҷари марг бар раги ҷон нарасад,
Дарде, ки ту дорӣ, он ба дармон нарасад.
Ҳайрон шавад аз хурӯҷи нафси ту наҳанг,
Дарранда ба хунмакӣ ба инсон нарасад.

Гӯянд ҳазор панд, дигар нашавад,
Афтодаи доми фанд, дигар нашавад.
Оне асар аз талхзабонӣ дорад,
Аз хӯрдани кулчақанд, дигар нашавад.

Таҳрир кӣ кард достони моро?
Барвақт кӣ кушт қаҳрамони моро?
Олам ҳама шӯразор гардад, ки агар
Банданд раҳи оби равони моро.

Бар даҳр ба роҳи нафси бад омадаем,
Бар маскани фонӣ аз абад омадаем.
Раҳгумзада бар манзили мақсад нарасад,
Як раҳрави бероҳбалад омадаем.

Доро зи хаёли матлабаш бехоб аст,
Бемор зи оташи табаш бехоб аст.
Ин шоҳиди он бошаду он шоҳиди ин,
Гардун зи фурӯғи кавкабаш бехоб аст.

Аз хирмани доғи мо надорӣ хабаре,
Аз меваи боғи мо надорӣ хабаре.
Хобида надонад асари бедорӣ,
Аз сӯзи чароғи мо надорӣ хабаре.

Ёрон, ки муҳит баҳри худ сохтаанд,
Аз боиси бурде ҳама сар бохтаанд.
Худро зи дурӯягӣ, ки пинҳонасар аст,
Дар оинаи шикаста бишнохтаанд.

Ту мегузарию кохи ту мемонад,
Дашту дамани фарохи ту мемонад.
Дар пайкари мо зи гови нафси ту, вале
Захми абадии шохи ту мемонад.

Рӯбоҳ агар мушовири шер шавад,
Дарранда ҳам аз неъмати ҷон сер шавад.
Имкон, ки агар диҳанд бар теғбадаст,
Дар фикри харидории шамшер шавад.

Аз боби ватан сухан набояд гӯӣ,
Як ҳарф дар анҷуман набояд гӯӣ.
Роҳи ту паю гарди хиёнат дорад,
Худро писари ватан набояд гӯӣ.

Аз аҳди бародарии худ дур шудӣ,
Дар дидани бурди дигарон кӯр шудӣ.
Мақсуди ту гӯр сӯзаду ҷӯшад дег,
Дар ҷодаи нафс аз ҳама машҳур шудӣ.

Бегонаи моро, ки ту бинвохтаӣ,
Маълум, ки ёри хеш нашнохтаӣ.
Аз роҳи сурағи мо набигрифтани ту
Мо бурд намекунем, худ бохтаӣ.

Дар зери шиори фанд по мемонӣ,
Дар роҳи фиреб чанд по мемонӣ?
Пастии ту ошкор гардад рӯзе,
Ҳарчанд ниҳон баланд по мемонӣ.

Бар ҷашни аду мотами худро надиҳам,
Бар шодии мардум ғами худро надиҳам.
Бар сели фараҳ, ки ғусса аз пай дорад,
Оромравии нами худро надиҳам.

Бар рост анис ҳеҷ гаҳе каҷ нашавад,
Нопок қатори пок дар ҳаҷ нашавад.
Тоқӣ ту ба роҳи фанди мардум, ки ба тоқ
Тақсими дуруст ҷуфти махраҷ нашавад.

Гирӣ ту мадори нав зи дору хӯрдан,
Бахшад ба ту зӯр шаҳди ору хӯрдан.
Сарсабзият аз пушти ҳароми дигар аст,
Сарсабзии хок аст зи порӯ хӯрдан.

Чанде зи ҳаққи хеш бидузданд ҳанӯз,
Марҳам зи дили реш бидузданд ханӯз.
Чун гардиши фаввора бувад гардишашон,
Аз ҳалқаи худ беш бидузданд ҳанӯз.

Сабзад зи дигар, агар бисӯзад беша,
Сад навда ба ҷайб хуфта дорад реша.
Дар қисмати хоки одам ин сабзиш нест,
Бояд сари ҳар қадам кунем андеша.

Дигар магӯ афсона, ки хобам набарад,
Мавҷам, ба раҳи сабр ҳубобам набарад.
Аз ҳалқаи гирдоби замон бигзаштам,
Дорам зи Худо умед, обам набарад.

Эй теғ, ту шамшер нагардӣ ҳаргиз,
Эй кӯҳнагадо, сер нагардӣ ҳаргиз.
Як умр агар ниҳон ба найзор шавӣ,
Рӯбоҳ туӣ, шер нагардӣ ҳаргиз.

Эй хеши азиз, майли бегона макун,
Эй ҳақталабам, талаб ту афсона макун.
Хоҳӣ, ки насибат бишавад ҳури биҳишт,
Эй сокини Каъба, рӯ ба бутхона макун.

Гар пургунаҳам, Худо худаш медонад,
Раҳ ё ки чаҳам, Худо худаш медонад.
Бар ман ту баҳо мадеҳ, ки дар хирмани умр
Дон ё ки каҳам, Худо худаш медонад.

Осоиши ҷон баҳои дунё бошад,
Як луқмаи нон баҳои дунё бошад.
Азбаски аз ин ҷаҳон тиҳидаст равем,
Як пораи сон баҳои дунё бошад.

То ҷой ба ту расад, даводав кардӣ,
Дар мижжа задан либоси худ нав кардӣ.
Пошида ба дида хок, бо роҳи фиреб
Бар хирмани гандум ту иваз ҷав кардӣ.

Воқиф ту нагаштӣ аз нигоҳи дили ман,
Аз пойи ту пай нест ба роҳи дили ман.
Гирад самари оқибати кишта ҳама,
Як рӯз туро бигирад оҳи дили ман.

Чашмат ба висол зор гардад рӯзе,
Дидори ту интизор гардад рӯзе.
Азбаски бувад майли ту бар сангдилон,
Борони ту ашкзор гардад рӯзе.

Дар дидаи ту тарҳи хиёнат хоб аст,
Ашке, ки аз он бурун шавад, симоб аст.
Ту сеҳргари бузурги даврӣ, ки ба чашм
Саҳрои сароби ҳастии ту об аст.

Беҳуда қадам ниҳодаам ҳамраҳи ту,
Дорам ба танам доғ зи гарди раҳи ту.
Як рӯз ҳама хирмани донат сӯзад
Аз оташи оҳам, ки расад бар каҳи ту.

Дар нисбати побаҷояш афтода манам,
Дар пеши мураккабасараш сода манам.
Аз ҷаври бадаш ба нек парво накунад,
Аз беғамии замона ғамбода манам.

Як умр Камол оҳ ба Табрез бигуфт,
Иқбол ҳам «Аз хоби гарон хез» бигуфт.
То сурма ба дидаат кунӣ хоки Ватан,
Ин ҳарф яке талху дигар тез бигуфт.

Фарёдрасе куҷо, ба фарёд расад?
Имдодгаре куҷо, ба имдод расад?
Аз дидани як тӯдаи бегонапараст
Тақдири гузашта боз бар ёд расад.

Мо дона ба шӯрахок киштем, дареғ,
Пайдост, ки ғофил аз сириштем, дареғ.
Хунмаст назар накард бар коғази мо,
Бо хуни ҷигар нома навиштем, дареғ.

Гаштем бараҳнапой, ғамгин нашудем,
Додем зи даст ҷой, ғамгин нашудем.
Дар мулки дигар ба як дам аз ғам мурдем,
Умре ба ватансарой ғамгин нашудем.

Мо довталаб, туӣ ба майдон довар,
Бар бозии ҷонфидо надорӣ бовар.
Таъсири хиёнат аз вабо сахттар аст,
Марг аст беҳ аз зиндагии дардовар.

Дар маъракаҳо сухан нигоҳам дорад,
Муштоқии анҷуман нигоҳам дорад.
Хоҳам равам аз ҷаҳон гаҳи навмедӣ,
Аммо нигаҳи Ватан нигоҳам дорад.

Аз фикри сиёсати замон хаста шудам,
Ҷунбида зи ҷо намешавад, баста шудам.
Ёрони куҳан шуданд бегонапараст,
Бар ҳалқаканон магар ки пайваста шудам?

Худ бандааму надорам аз банда умед,
Дорам фақат аз баоламоранда умед.
Дарёфтам обрӯ зи оби рӯям,
Гирёни маро набошад аз ханда умед.

Аз хуни ҷигар кабоб эҷод кунем,
Аз оташи сина об эҷод кунем.
Баҳрем, ки дар бисот тӯфон дорем,
Мавҷем, ки инқилоб эҷод кунем.

Имрӯз дил аз дасти замон нола кунад,
Мисли ҳадаф аз тири камон нола кунад.
Хомӯшаму таҳ ба таҳ, вале соҳили ман
Аз кӯфтани баҳри дамон нола кунад.

Ҳоли мани бедордил аз хоб мапурс,
Кайфияти умр аз майи ноб мапурс.
То захми куҳан тоза нагардад зи дигар,
Аз соҳили ҳастӣ асари об мапурс.

Эй бандаи нафс, фикри ғорат ба сарат,
Шодиву ғами касе насозад асарат.
Дар аспи мурод агарчи ҳастӣ ту савор,
Гӯянд баҳодиҳандагон лек харат.

Рози дили моро ту надонӣ, беҳтар,
Ин қиссаи ҷонсӯз нахонӣ, беҳтар.
Гар марди мусофири раҳи умр туӣ,
Аз ҷодаи худ қафо намонӣ, беҳтар.

Оташнафасему дударо мечӯем,
Пур кардани роҳи рӯдаро мечӯем.
Пайдо нашавад ҳақиқат аз афсона,
Умре асари набударо мечӯем.

Мо оби зи чашмони алам рехтаем,
Мо хоки ба ғалбери ситам бехтаем.
Наспурда намонд имтиҳони дигаре,
Аз мактаби фанди давр бигрехтаем.

Дар ишқи ту осон нашавад мушкили ман,
Дорад пайи оби рафтаро соҳили ман.
Ранги рухат омехта бо хуни дил аст,
Аз дида равӣ ҳам, наравӣ аз дили ман.

Пок аз пайи ишқ роҳи ошиқ нашавад,
Бе сурби сиришк оҳи ошиқ нашавад.
Аз чеҳраи пур зи нури маъшуқаи худ
Сер оинаи нигоҳи ошиқ нашавад.

Додам ба қалам васфи ту, гуфтӣ:-ҳарф аст,
Мӯ гашт зи ғам сафед, гуфтӣ:-барф аст.
Дил аз ҳама бебаҳост, аммо афсӯс
Дилро ба ту додаам, бигуфтӣ:-зарф аст.

Аз ҳаҷри ту ҳар лаҳза ба фарёд манам,
Олам ҳама шоду лек ношод манам.
Не пои равон дораму не дасти дароз,
Чун маҳбасӣ интизори имдод манам.

Нодор зи имдодгараш шиква кунад,
Ғамдор ҳам аз шодгараш шиква кунад.
Аз поси намак дигар чӣ гӯям, охир
Вайрона зи ободгараш шиква кунад.

Мо дар сафи нанг пеш ҳастем, бас аст,
Дар ҳавсала низ беш ҳастем, бас аст.
Дар гардани мо адои қарзи Ватан аст,
Фарзанди замони хеш ҳастем, бас аст.

Дар олами нурҳо сиёҳӣ чӣ кунад?
Дар оби ба таг алоб моҳӣ чӣ кунад?
Аз баҳри қаландарсифати роҳи вафо
Фармони вазиру ҳукми шоҳӣ чӣ кунад?

Бемева шавӣ, майл ба боғат накунанд,
Бенур шавӣ, рӯ ба чароғат накунанд.
Аз дидаи манфиатталабҳои замон
Як лаҳза шавӣ дур, суроғат накунанд.

Дар ҷодаи зиндагӣ хато афтодем,
Бо ҳамсафарони бевафо афтодем.
Мондем миёни раҳ зи хотир дидан,
Бархестаанд он ҳама, мо афтодем.

Аз ганҷи вафо ҷафои ту бештар аст,
Нӯшинаи ту корагар аз нештар аст.
Тифли фараҳ аз теғи ғамат гашт ҳалок,
Бегона барои ман зи ту хештар аст.

Эй дузд, ту ашъори навамро бурдӣ,
Аз шамъи хаёл партавамро бурдӣ.
Аз хонаи эҷод равамро бурдӣ,
Сармояи ҷондаргаравамро бурдӣ.

Зинҳор мулоим нашавӣ, санг туӣ,
Дар олами беканор дилтанг туӣ.
Дар саҳнаи базми зиндагӣ ҷойи ту нест,
Зеро ки ба сози худ ҳамоҳанг туӣ.

Ҳастем ҳанӯз сари як масъала лол,
Дорад ба ҷавоби ёфта боз савол.
Баҳри чӣ зи хобоваронем ризо?
Баҳри чӣ зи бедоргаронем малол?

Безор зи дастат остинат бошад,
Безор зи васл ҳамнишинат бошад.
Чу гӯр дар оғӯш, ки тобӣ, халхол
Хоҳони набудани нигинат бошад.

Моҳӣ, ки агар раҳо зи шасти ту шавад,
Хушнуд ҳама аз ин шикасти ту шавад.
Аз афвгараш хати ҷазояш талабад,
Зиндонӣ агарки зердасти ту шавад.

Бе зарби падар шикастатақдим шудем,
Чу ҷамъ ба тарҳи умр таслим шудем.
Бо ин ҳама ҳарф аз гапи тақсим набуд,
Модар, ки гузашт, ҷумла тақсим шудем.

Модар бигузашту як дилогоҳ намонд,
Як дидаи интизор дар роҳ намонд.
Вақте ки хазинадори даргоҳ намонд,
Дар хирмани бахти мо ба ҷуз коҳ намонд.

Аз хоки Ватан ба ман расад гард, бас аст,
Аз боғи гулаш маро гули зард бас аст.
Осуда ватандор набошад ҳаргиз,
Як умр даво ҷустан аз ин дард, бас аст.

Аз дафтари ёдҳои пур аз варақам,
Шуд канда саду як варақи пурсабақам.
Гӯё ҳама ёрони забонӣ буданд,
Рафтанду зи ғам хуни ҷигар чун шафақам.

Бо чашми тамаъ назар ба мардум накунам,
Дарёфтаи ҳалоли худ гум накунам.
То ронда нагардам аз биҳишти ҳастӣ,
Дони ҷави худ бадал ба гандум накунам.

Бебаҳра зи андарзи Ғазолӣ ҳастӣ,
Бегона ба «Ахлоқи Ҷалолӣ» ҳастӣ.
Аз ганҷи саодат нарасад бар писарат,
Вақте ки худат кӯзаи холӣ ҳастӣ.

Ҳарчанд ки аз илми навӣ баҳра барем,
Бо рӯҳу матонати қавӣ баҳра барем,
Дар тарбияи маънавии кӯдаки хеш
Беҳтар, ки ҳама зи «Маснавӣ» баҳра барем.

Бо бешу ками хеш қаноат дорем,
Даргоҳ ба маскани саодат дорем.
Санҷида гузорем қадам дар раҳи умр,
Аз Кошифӣ андарзу насиҳат дорем.

Гармиасарӣ зи ҷома омӯхтаем,
Таҳриргарӣ зи хома омӯхтаем.
Мо дарси шуҷоату далерӣ ҳама умр
Аз ҳар хати «Шоҳнома» омӯхтаем.

Пурнур шаб аз партави маҳ мегардад,
Аз файзи замин сабз гияҳ мегардад.
Оне, ки ба қадри шири модар нарасад,
Дар пайкараш устухон сияҳ мегардад.

Модар, дилат аз теғи аламҳо шуда чок,
Мо шоду шабу рӯз ту будӣ ғамнок.
Бори ғаму дарди мо туро кард ҳалок,
Чун шохаи тути пир аз хадраи ток.

Бетарбияро ҷон ҳама дам дар рамақ аст,
Дигаршавии ҳаёти мо аз сабақ аст.
Бӯйи гули умр чист? Саъдӣ гуфтаст,
Ҳар ҳарфи «Гулистон» чамане дар варақ аст.

Аз ҳар амали падар писар огоҳ аст,
Ҳар як қадами падар барояш роҳ аст.
Нек аст агар падар, писар хоҳад нек,
Бад бошад агар падар, писар бадхоҳ аст.

Пӯшад ҳама айби тани моро ҷома,
Таҳрир кунад забони моро хома.
Аз гуфти падар бурун намонад қадаме,
Хонад писаре агарки «Қобуснома».

Фарзанд зи неку бади мо бохабар аст,
Аз тарзи ҳали абҷади мо бохабар аст.
Ҳар чиз, ки корем, ҳамонро даравем,
Аз дону каҳи мақсади мо бохабар аст.

Дар аҳди ҷавонӣ оҳи пирам доданд,
Озод будам, хатти асирам доданд.
Тарбияти фарзанд чу ҷон бохтан аст,
То тоб биорам, думи шерам доданд.

Овози ӯ оҳанги хуши манзили мост,
Ҷои қадамаш ҷодаи чашму дили мост.
Сад бор бигӯяд ӯ сухан бенавбат,
Дорандаи имтиёз дар маҳфили мост.

Гулбодаи фанди умрро нӯш макун,
Гулчеҳраи дилхунгараш оғӯш макун.
Дорад ба бисоти хеш ҳар оташ дуд,
Тарбияти фарзанд фаромӯш макун.

Сарсабзии навбаҳор дорад дили ман,
Дарду ғами рӯзгор дорад дили ман.
Як лаҳза нишин ба набзи он гӯш бидеҳ,
Оҳанги ҳазар тор дорад дили ман.

То ёр зи шарбати вафо ҷом гирифт,
Сад ранҷ кашиду ошиқе ном гирифт.
Дар манзили субҳ то гузорад нақше,
Инсон раҳи худро зи дами шом гирифт.

Як рӯз баҳори мову ту мегузарад,
Фасли гулу бори мову ту мегузарад.
Монанди қатори турна аз роҳи фалак,
Як рӯз қатори мову ту мегузарад.

Дилсахт зи нармии дилам шубҳа кунад,
Селоб зи хоки манзилам шубҳа кунад.
Анбори ҷафо бо ҳама он ҳайбати худ
Аз хирмани меҳру ҳосилам шубҳа кунад.

Сад шодиву ғам дар нафаси хомаи мост,
Ҳар сатри аз он чакида дилномаи мост.
Зӯри ду ҳазор теғ пешаш ҳеҷ аст,
Осудагии ҷаҳон зи ҳангомаи мост.

Дар сӯҳбати чанд хели мардум будам,
Дилчок зи теғи ғам чу гандум будам.
Гирдоби бадӣ маро ба комаш накашид,
Зеро ки чу мавҷ дар талотум будам.

Дил рафт, пайи дил ба дарат омадаам,
Сар рафт, пайи сар ба сарат омадаам.
Кас бесабабе сафар ба ҷое накунад,
Аз баҳри вафо бар гузарат омадаам.

Дарё накунад шикоят аз соҳили мо.
Саҳро талабад гард зи меҳри гили мо.
Парво ту макун зи тангии манзили мо,
Ғунҷад ҳама паҳнои ҷаҳон дар дили мо.

Мансабталабон каф ба дуоят гиранд,
То сахт ба ҷоӣ, ошноят гиранд.
Ҷунбӣ агар аз ҷой чу соҳил андак,
Ин тоифа мисли рӯд ҷоят гиранд.

Дар олами нӯшҳо ҳазорон неш аст,
Умри ками одамӣ зи майли беш аст.
Аз суҳбати давр давлаташ дур кунад,
Гаҳ подшаҳе ҳасадбари дарвеш аст.

Аз сӯзи муҳаббати ту дилсӯз шудам,
Аз мактаби ҳаҷр сабромӯз шудам.
Хуршед барои дигарон месӯзад,
Баҳри ту чу хуршед худафрӯз шудам.

Аз ишқи ту банд-банди ҷон месӯзад,
Бо оҳу фиғон сипанди ҷон месӯзад.
Гар бӯи димоғсӯзро бишносӣ,
Гӯӣ ба алов қанди ҷон месӯзад.

Сад ғусса ниҳон ба шодмонӣ будаст,
Сад марг ниҳон ба зиндагонӣ будаст.
Будаст зи нодонӣ ҳама мағрурӣ,
Ҷав коштан аз фаҳми ҷавонӣ будаст.

Эй хирмани гул, хирмани ҷонам сӯзӣ,
Парвардаи хоки ормонам сӯзӣ.
Донам, ки ба ҳар лаҳзаи пайдо шуданат,
Чун барқ замину осмонам сӯзӣ.

Гуфтам ҳама бегона, маро як ёр аст,
Гуфто: Чӣ кунӣ, агар туро ағёр аст?
Гуфтам, ки ҳисоби хасми худро ёбам,
«Девона ба кори хештан ҳушёр аст».

Аз хоки ту гарди ошноӣ нарасад,
Бар мо зи ту ҷуз доғи ҷудоӣ нарасад.
То додугирифти аҳли дунё ба зар аст,
Бар дилшудагон моли баҷоӣ нарасад.

Аз бом баланд нардбон аст маро,
Аз ном баланд достон аст маро.
Ин ишқ асар зи Лайлию Маҷнун нест,
Аз бахти худодода нишон аст маро.

Дар пушти дари ту шаби ман рӯз шавад,
Дил ҷойи чароғи ту худафрӯз шавад.
Аз боиси як нигоҳи гармат чу кабоб,
Ҷисмам ба кафи оташи ҷонсӯз шавад.

Тобу таби ховарӣ намондаст дигар,
Уммеди диловарӣ намондаст дигар.
Майдони ҳаёт асту ғиромии зиёд,
Ҳукми ҳаққи доварӣ намондаст дигар.

Дигар чӣ занӣ теша ту бар решаи ман,
Мондаст паят дар раҳи андешаи ман.
Пеши кӣ барам шиква, ки сӯзад ҳама умр
Аз оташи дардодаи ту бешаи ман.

Бурдӣ зи ман ором, равад оромат,
Бахт аст, раҳо ёфтанам аз домат.
Хоҳам нарасад ба гӯши ман пайғомат,
Хоҳам, ки биафтад аз забонам номат.

Аз дидани дидори ту бадҳол шавам,
Бадҳол чу мурғи бе пару бол шавам.
Хоҳам, ки занам дод, забонам гирад,
Оё ту сиёҳиӣ, ки ман лол шавам?

Дидем суханваре, мусоҳиб гаштем,
Дар баҳс нагашта мот, ғолиб гаштем.
Бар шӯҳрати чандрӯза соҳиб гаштем,
Соҳиб, ки надоштем, ғоиб гаштем.

Кӣ дид, ки ранги зард зар мебандад?
Кӣ гуфт найи хушк шакар мебандад?
Ҳамсояи дузд ояти хобат хонад,
Афсона макун гӯш, назар мебандад.

Эй шеър, ту пайки безаволии манӣ,
Овози дилам ба вақти лолии манӣ.
Барҳамзанӣ осори малолии манӣ,
Пурсози бузурги вақти холии манӣ.

Аз покии нафси худ тиҳидаст шудем,
Дар нисбати ёрони куҳан паст шудем.
Бо неши ғазо насиби мо гашт ғизо,
Чун моҳии даврони пур аз шаст шудем.

Бори фараҳу ғусса ба души дили мост,
Сад оҳу сад оҳанг ба гӯши дили мост.
Аз чашмаи неши давр нӯши дили мост,
Сад синаи меҳр пардапӯши дили мост.

Санги таги сар баҳри дилогаҳ умр аст,
Бар бехабарон нармии ҷогаҳ умр аст.
Бахшам зи ҳисоби шаб дарозӣ бар рӯз,
Ман хоб намекунам , ки кӯтаҳ умр аст.

Омад хабаре, ки як хабаркаш мурдаст,
Резандаи равған андар оташ мурдаст.
Дар ҷои дуо ин сухан омад ба забон:
Бурдаш ҳам аз он, ки бекашокаш мурдаст.

Ҳар лаҳза чароғи кина меафрӯзӣ,
Кошонаи бахти ҳамаро месӯзӣ.
Ҳайронам аз он, ки бо кадомин дида
Бар чеҳраи зиндагӣ назар медӯзӣ?

Донем, ки гирудори мо кам нашавад,
Бори ғами рӯзгори мо кам нашавад.
Бо ин ҳама то сер зи бӯйи ватанем,
Сармояи ифтихори мо кам нашавад.

Шуд банда раҳо зи банд, осуда нашуд,
Ин реш ҷудо аз намаки суда нашуд.
Гаҳ талху гаҳи дигар бисӯзам ширин,
Покиза гулӯи тӯта аз дуда нашуд.

Бар оташи мурда дуд ҳамдардӣ дошт,
Бар соҳили хушк рӯд ҳамдардӣ дошт.
Борон ба дами сӯхтани сабза расид,
Аз омаданаш чӣ суд? Ҳамдардӣ дошт.

Ин дардисарон ба сари мо чӯб зананд,
Ин бадгуҳарон кай сухани хуб зананд?
Ин шубҳагарон низ пас аз рафтани мо
Арвоҳаки мондаро ба ҷорӯб зананд.

Рафт он ки кӯлоҳи фитна дар сар мемонд,
Бигзашт ҳамон, ки ӯ ба аждар мемонд.
Дар давраи инқилоб агар мебуданд,
Аз халқи ватан на пай, на ҳайдар мемонд.

Ҳарфи хати ҷода аз пайи по пайдост,
Осори амал зи дидаи мо пайдост.
Ҳам рафтани бадсиришту ҳам мондани нек
Аз хислати зоти селу дарё пайдост.

Кам гуфт ба хилватгаҳи худ: « Беш манам,
Дар роҳи қаноат зи ҳама пеш манам.
Нӯшинаи пайдошуда аз неш манам,
Султони қаламрави тани хеш манам…»

Раҳгумзадаам куҷо равам, ҳайронам,
Дар чорсӯ ёри кӣ шавам, ҳайронам.
Бар раҳбаладони хеш бовар накунам,
Дар сарҳади куҳнаву навам ҳайронам.

Фарёдзан аз хапи хабарбар беҳтар,
Зоғи сияҳ аз сафедкафтар беҳтар.
Саддом гузашту ояд аз ҳалқа садош:
Ҷавр аз ҳама сабри марговар беҳтар.

Муше, ки ба дуздӣ шудааст афсона,
Аз халтаи пур барад ду-се каф дона.
Санҷидаму дидам, ки баинсофтар аст
Ғоратгари бегона зи дузди хона.

Аз нахли ҳарос меваи хом канем,
Олам ҳама домафкану мо домканем.
Пинҳон натавон кард фалакдида зи чашм,
Бояд, ки дар аз хонаи бебом канем.

Ин кист, ки бори худ набастаст ҳанӯз,
Дар роҳи паси дараш нишастаст ҳанӯз.
Бар аҳдшикастагон ҷудоист насиб,
Аз банди хатои худ нарастаст ҳанӯз.

Доси ситамат гандуми ҷонам даравад,
Захме, ки зи теғи ҷавр дидам, наравад.
«Зӯрат нарасад ба ман бигӯй», ту ҳақӣ,
Дар мактаби ту дарси бадӣ хатм шавад…

Мор асту ба баҳри давр моҳӣ тобад,
Дар сархати номи бегуноҳӣ тобад.
Гар банда ниҳон кард, Худо мебинад,
Дар дидаи хуршед сиёҳӣ тобад.

Тир аст нигоҳи ту, камонат шумарам,
Эй теззабон, теғи замонат шумарам.
Киштии уммеди ҳамаро ғарқ кунӣ,
Туфонасарӣ, баҳри дамонат шумарам.

Дорӣ ту ба роҳ чоҳ, бераҳм туӣ,
Дорӣ саду як гуноҳ, бераҳм туӣ.
Рафтанд зи ҷаври ту ҳама оҳкашон,
Дар лаб ту надорӣ оҳ, бераҳм туӣ.

Он ҷост агар тири нигоҳе, наравам,
Ҷое, ки ба лаб набошад оҳе, наравам.
То тифли савоби ман нагардад қурбон,
Бар маскани олудагуноҳе наравам.

То соҳиби даргоҳи ҳунар камҳунар аст,
Нопок ба поку по ба сар роҳбар аст.
Оҳанги шикастҳо ба сози зафар аст,
Осудараҳ олуда ба гарди хатар аст.

Бовар ба ту кардан иштибоҳ аст, яқин,
Бигрифтани дасти ту гуноҳ аст, яқин.
Ку дона? Расад бӯйи хиёнат ба машом,
Дар хирмани ту тӯдаи коҳ аст, яқин.

Акнун ҳама аз бурди худ андеша кунад,
Чун нахл талоши сахтии реша кунад.
Заргӯш ҳам умеди худ аз беша канад,
Пайканда варо паланг аз беша кунад.

Ошиқ, ки шудӣ, куҷо ту осуда шавӣ,
Дар роҳи гарон обилаолуда шавӣ.
Аз оташи ҳаҷру шуъларангии висол
Хокистари ёдгор ё дуда шавӣ.

Тасвир туро кунам, қалам меларзад,
Дар сина чу дил дарду алам меларзад.
Ту моли Ватан пурсаву ман ҳоли Ватан,
Баргӯ, кӣ ба ҷомаву кафан меарзад?

Бедоршавии хасм аз хуфтани мост,
Огоҳии бегона зи гап гуфтани мост.
Оянд суроғи мо ҳама мӯру малах,
Ин ҳам гунаҳи чу боғ бишкуфтани мост.

Аз ҳад гузарӣ, буридатокат бикунанд,
Ҳалнома талаб кунӣ, ҳалокат бикунанд.
Аз туҳмати ногаҳон агар нандешӣ
Нопокии худ бор ба покат бикунанд.

Домони туро доштанам суд накард,
Ғамбори ту бардоштанам суд накард.
Каммағз, ки буд, донаи меҳри туро
Дар мазраи дил коштанам суд накард.

Кардам гунаҳе, ки хайрхоҳи ту шудам,
Барҳамзани бандсози роҳи ту шудам.
Тасдиқгарам ба вақти ғайбат кардӣ,
Аз ғофилӣ олудагуноҳи ту шудам.

Не сурати гандумем, не ранги ҷавем,
Чун вориси зоти хеш дигар нашавем.
Чашм аз пайи мо хестани гард надид,
Ашкем, ба роҳи умри худ нармравем.

Гоҳе ба дами ханда дилам месӯзад,
Бар содагии банда дилам месӯзад.
Фарқияти дастони дарозанд зиёд,
Бар қисмати талбанда дилам месӯзад.

Аз оташи умр дуди оҳам мондаст,
Хокистари интизори чоҳам мондаст.
Мӯҳо асари оби намакдори танӯр,
Аз сӯхтанам ранги сиёҳам мондаст.

Дар баҳри муҳаббати ту моҳӣ шудаам,
Бошандаи мулки бегуноҳӣ шудаам.
Хунгашта надорад аз ягон дом ҳарос,
Гардан ба дами теғи илоҳӣ шудаам.

Бар дарди куҳангашта дигар марҳам нест,
Дар чашмаи хушкгашта тарҳи нам нест.
Хӯрдам ғами халқу халқ ғам чист нагуфт,
Афтода ба чоҳи фанди олам кам нест.

Раҳ тоҷ шумурд пайи мақсуди маро,
Раҳбанд кӯлаҳ кард ба сар рӯди маро.
Чун душмани мард марг ҳам ҷашн гирифт
Дар хилвати хеш рӯзи мавлуди маро.

Таб машқи дигар дод тани тоби маро,
Кард аз дари дидаам бурун хоби маро.
Хуршедсифат ба фасли сармои ҳаёт
Аз кӯзаи яхбаста гирифт оби маро.

Дар ҷодаи нафс пешгомат хонам,
Покиза ту нестӣ, ҳаромат хонам.
Эй субҳи фиреби давр, шомат хонам,
Ҷосуси диёри хеш номат хонам.

Бунёди ҷаҳон дарди кашокаш дорад,
Безор кунад, ки тифлаки ғаш дорад.
Монанди танӯре, ки ба зоҳир сард аст,
Хокистари он ба зераш оташ дорад.

Дар хоб ба рафтагон сухан мегӯям,
Гӯё ки сухан ба анҷуман мегӯям.
Пирона ба мулки кӯдакӣ чарх зада,
Дар ҳар қадами хеш ватан мегӯям.

Пай дар хати ҷода ҳарфи мақсад гардад,
Ё қиссаи бахти нек ё бад гардад.
Паргор ба гирди нуқтааш давр зада,
Хоҳад, ки ба мулки хеш сарҳад гардад.

Аз ҷой ҷаҳида: «сарвар омад» гӯяд,
Ноомадаро «зи дар даромад» гӯяд.
Номус сари баланди марди ҳунар аст,
Онро, ки ҳунар нест, хушомад гӯяд.

Ҳарфе, ки расад ба сина, мутлақ бошад,
Тире, ки хато равад, муаллақ бошад.
Гуфтӣ, ки ту ҷӯраи манӣ ё аз хирс,
Ман ҷӯраи хирсам, агар ӯ ҳақ бошад.

Ин роҳ пайи маро фаромӯш кунад,
Ин ҷом майи маро фаромӯш кунад.
Фарзанди ба савти ғайр одаткарда,
Оҳанги найи маро фаромӯш кунад.

Ҳар давр раҳи хоси сиёсат дорад,
Дар ҷодаи худ гарди хиёнат дорад.
Дар бозии тақдир ғиромӣ созад,
Сад довари душмани адолат дорад.

Нобудгари дилогаҳон ғайри ту нест,
Устоди тамоми бераҳон ғайри ту нест.
Осудадиёрро ту бар ҷанг кашӣ,
Барҳамзани уммеди ҷаҳон ғайри ту нест.

Ҳарфи баду нек аз хати ҳастӣ наравад,
Ҳам кинаву ҳам меҳрпарастӣ наравад.
Ранҷи ҳама умр нисбати он ҳеҷ аст,
Аз ёд замони зердастӣ наравад.

Дар ҷодаи мо канандаи чоҳ пур аст,
Аз санги нуҳуфта домани роҳ пур аст.
Чашме напарад ба вақти афтодани мо,
Лабхандзан аз шунидани оҳ пур аст.

Чун меш ба як гургграҳе афтодам ,
Чун мурғ ба чанги рӯбаҳе афтодам.
Ҳаққоҷ магар ба даври мо зинда шудаст?
Бар маҳбаси тори нигаҳе афтодам.

Маҳбас нашавад абри ту хуршеди маро,
Селат натавонад биканад беди маро.
Ҳам аз хасу хор поку ҳам сабз кунад
Оташ заданат пуштаи уммеди маро.

Ҳарчанд ба кӯйи бегуноҳӣ гардӣ,
Дар дашт малах, ба баҳр моҳӣ гардӣ,
Донанд туро ҳама, ба андак гардиш
Рӯ тофта аз нур, сиёҳӣ гардӣ.

Аз сурхӣ асар нест дигар, хун нашавем,
Сад чора биҷӯянд, дигаргун нашавем.
Ҳаргиз наравад зи устухон доғи сиёҳ,
Аз ҳалқаи ҷаври умр берун нашавем.

Бахт аст, зи ёд агар фаромуш шавӣ.
Чун бори гарон фиканда аз дӯш шавӣ.
Дар мазраи дил чу кони ангишт туӣ,
Дуд аз ту расад, ба кас ҳамоғӯш шавӣ.

Карданд зи тан ҷудо сари матлаби мо,
Ҷустанд зи рӯзи нуровар шаби мо.
Дар оташи ғам дарун-дарун месӯзем,
Бо ҳеҷ раҳе паст нагардад таби мо.

Чун қиссаи нохуб ту дар ёди манӣ,
Чун ҳамраҳи аз ғуссаи ман шоди манӣ.
Захми тани ман зи пешпо додани туст,
Чун санги гарон дар раҳи эҷоди манӣ.

Мо нолаи най, савти дафи давр туӣ,
Як лофзани пешсафи давр туӣ.
Тарси дилат афзун шавад аз дидани мо,
Мо чашми замонем, кафи давр туӣ.

Чашмам бирасид аз назар кардани ту,
Қурбон шудам аз ҷон ба лаб овардани ту.
Парвардани тифли меҳр душвор марост,
Ангушт газам зи кина парвардани ту.

Аз теғи адовати ту дилхун шудаам,
Аз маъракаи умед берун шудаам.
Пеши кӣ барам шиква, куҷо шиквашунав,
Ту сеҳргари давру ман афсуншудаам.

Аз ҳар пайи ту гарди хиёнат хезад,
Покизасиришт аз барат бигрезад.
Ғалбери замон аз ту агар пӯшад чашм,
Ғалбери фалак хоки туро мебезад.

Он доғи ба дил монда ба шустан наравад,
Он зиққи нафасгашта пас аз ин надавад.
Беҳуда ба дардам раҳи дармон ту маҷӯ,
Дидори ту ғолиб ба фироқат нашавад.

Ҳастӣ ба ҷуз аз неш надорад, афсӯс,
Дар сина дили реш надорад, афсӯс.
Оғӯш ба захминшудааш бикшояд,
Шарм аз гунаҳи хеш надорад, афсӯс.

Сад ҷон, ки канам, нагуфта розам монад,
Савте ба раги хамӯши созам монад.
Бехобии рӯзона гар аз ёд равад,
Афсонаи шабҳои дарозам монад.

Он шуҳрати дурӯза ҳавас буд, гузашт,
Чун мурғаки ғофил зи қафас буд, гузашт.
Бар кӯи умед агар расад, оҳ расад,
Парчамбакафи ҷода нафас буд, гузашт.

Гӯӣ, ки замони ҳарф гуфтан бигузашт,
Айёми ба шеъри «Алла» хуфтан бигузашт.
Аз шох агар самар гирифтан хоҳӣ,
Бар ғунча бигӯ: «Вақти шукуфтан бигузашт».

Ин роҳи замон роҳи пур аз қофила аст,
Аз монеаҳо маро чӣ ҷои гила аст.
Бар дидаи гоми нанги пуртоқати ман
Роҳи дигаре миёни ҳар фосила аст.

Аз ҳасрати дармони аҷал Сино рафт,
Бо синаи пур зи дард Мавлоно рафт.
Аз дуди сапанду нолаи най пайдост,
Сар бар ҳама корзор пеш аз по рафт.

Рашан ба ман акнун самари неку бад аст,
Бад аз ҳама ғайбату дурӯғу ҳасад аст.
Бедор даме шудам, ки дар дидаи фаҳм
Нури сафару сояи хоби абад аст.

Аз наштари ғуссаем ғалбербадан,
Дар вартаи мурданему ҷӯёи кафан.
Ҳастӣ, ки агар довари ҳақҷӯ мебуд,
Мегуфт зи боби родмардони ватан.

Хӯрдӣ ту ҳақи ҳалоли дармони ҳама,
Мондӣ ба сари хеш ту сармони ҳама.
Гӯяд ба ту таҳқиқгари ҳақталабе
Ту сӯхтаӣ хонаи армони ҳама.

Бадхулқ туиву мо накукирдоре,
Хуб аст, ки бошад ба миён деворе.
Ғолиб туӣ дар сабқати ёрони дурушт,
Заҳри сухани туро надорад море.

Аз хӯшаи бахт рехт дони ҳамаро,
Бишкаст миёни ормони ҳамаро.
Дар арсаи нафс ҷонфидо ном гирифт,
Зеро ки ба лаб расонд ҷони ҳамаро.

Оқил ба раҳи сурогӣ худ мемирад,
Ҷоҳил ба набарди доғи худ мемирад.
То хок шавад нармтар, аз зарби каланд
Деҳқон ба даруни боғи худ мемирад.

То бад зи пайи нек равад, хуб шудем,
То пок шавад муҳит ҷорӯб шудем.
Бо он ҳама раҳми худ зи бераҳмии давр
Додем инони тоб, мағлуб шудем.

Бом аст баланд, зина паст аст ин ҷо,
Боло ҳама аз дароздаст аст ин ҷо.
Чашми тамае, ки нигаҳаш сӯи каф аст,
Тақсимгари ҷои нишаст аст ин ҷо.

Онон, ки нишони худпарастӣ доранд,
Оҳанги хатар ба бонги ҳастӣ доранд.
Чун барқи фалак баҳри замин оташаканд,
Ёрони баландгир, пастӣ доранд.

Бехасшудагон оташи хомӯш шаванд,
Бекасшудагон оҳи гулӯнӯш шаванд.
Аз хотири тоифаи баднафси замон
Ёрони тиҳидаст фаромӯш шаванд.

Дар олами гургчашм мешӣ марг аст,
Мондан ба мақоми синарешӣ марг аст.
Бераҳм ба қадри меҳрубонӣ нарасад,
Бастан ба вуҳуш аҳди хешӣ марг аст.

Чун нахли бузург дар ғами реша манам,
Ҳастам сари як пой, гаронпеша манам.
Аз чор сӯ оташ аст, дар беша манам,
Дар олами ихтилофи андеша манам.

Ин хонаи бахт пеши садҳо назар аст,
Бедор нишинам, ки адӯ пушти дар аст.
Нангам зи барои ҳифзи номам сипар аст,
Заҳре, ки хӯрам ба ёди меҳан, шакар аст.

Ҷӯянд баҳона баҳри озурдани мо,
Ханданд баланд вақти ғам хӯрдани мо.
Донанд агарки ояти мурдани мо,
Хонанд барои аз миён бурдани мо.

Фарёди хамӯши мо ба гӯше нарасид,
Бори ғами мо ба ёди дӯше нарасид.
Дар мо зи хабаркашӣ, ки осор набуд,
Сад неш ба мо расид, нӯше нарасид.

Бар хонаи меҳр дидаро дар кардем,
Бигрист саҳоб, гиряро сар кардем.
Мо мотаму ҷашни сел ӯ барпо кард,
Беҳуда ба чашми хеш бовар кардем.

Санг аст кулӯхи сахт гоҳе ба назар,
Бар дида гаҳ оташ аст чун хирмани зар.
Аз бехабарӣ банди фиреби назарем,
Фанд аст сафедрангии хокистар.

Нақшофари саҳнаи замон фитнагар аст,
Дар ҳар нигаҳу ишорааш сад хатар аст.
Шаҳдаш ҳама заҳр аст, ки марги ҷигар аст,
Аз фоҷеа ҳам мазҳакааш талхтар аст.

Офат ба дами димоғҳо афтодаст,
Оташ ба раҳи суроғҳо афтодаст.
Ё боди хазон ба боғҳо афтодаст,
Ё боғ ба ҳукми зоғҳо афтодаст.

Сад кӯҳ набандад дами дарёи маро,
Сад рӯд наёбад дили саҳрои маро.
Сад пушт нахоҳад, ки ба гардан гирад
Бардоштани бори таманнои маро.

Дар ҳар қафасе, ки шеру гург асту паланг,
Дар он қафас аст то дами мурдан ҷанг.
Дарёи ба баҳри даҳр омехта низ
Тобад ба мисоли луқма дар коми наҳанг.

Осон гузар аз роҳ мусофир накунад,
Ронанда амал ба гуфти нозир накунад,
Рӯ халқ ба олиму ба шоир накунад,
Ислоҳ сухан даври муосир накунад.

Гӯё ки ҳазору як балоро дидам,
Хунининҷигарии Карбалоро дидам.
Покизаниҳод чун Сиёвуш насӯхт,
Хашми ҳамаву раҳми Худоро дидам.

Ҳамдард агар ҳаст, даво бисёр аст,
Дар сози хушовоз наво бисёр аст.
Мардона сухан наметавон гуфт дигар,
Номардии ғайру ошно бисёр аст.

Таб аз тани зӯр ҷавҳари тоб барад,
Бедор шавам, поям агар хоб барад.
Дорад сабаб аз хеш бурун гаштани кас,
Дар соҳиламу чашми маро об барад.

То оҳани дилҳои дигар об кунам,
Бо гармии таб пухта гили тоб кунам.
Эҷодгарӣ зи худ фаромӯшшавист,
Нагрифта зи чашм айнакам хоб кунам.

Сардӣ чу қабо гирифта, гармӣ бахшем,
Борон, ки шавад, либоси чармӣ бахшем.
Ҳарчанд чу осиёб сахтӣ бинем
Баҳри дигарон валек нармӣ бахшем.

Як тӯда, ки буданд замоне ба барам,
Имрӯз наоянд ба кӯю ба дарам.
Дар ҷашну сурур низ ёдам накунанд,
Созанд ба ёдбуду мотам хабарам.

Инак зи ҳуруфи хати пешонии ман
Хонад ҳама оғози парешонии ман.
Дар чоҳи фаромӯшии давр афтодам,
Дигар хабаре нест зи эшонии ман.

Як зиндаи аз мурда фаромӯштарам,
Айём ба ғам кард ҳамоғӯштарам.
Дар маҳфили давр бо ҳама хушсуханӣ
Лабдӯхтаи зи лол хомӯштарам.

Таркоғази рангхӯрдаро мемонам,
Ойинаи чангхӯрдаро мемонам.
Ғалбертаниро на ҳама дарк кунад,
Як оҳани зангхӯрдаро мемонам.

Як давлати номдор бо он ҳама гурд
Аз байн бирафт, аз чӣ нашуд ёраш бурд?
Шоҳаш ба алам бигуфт: « Кардем хато,
Ҳар кори бузургро супурдем ба хурд.»

Таърих баҳо диҳад, баҳои ҳамаро,
Бегонаи халқу ошнои ҳамаро.
Осори садоқату хиёнат шумарад
Дар роҳи ҳаёт пайи пои ҳамаро.

Бар беҳунаре ҷойи ҳунарманд расид,
Бар хирмани панд оташи фанд расид.
Беҳуда ба саҳрои умед об бимонд,
Даври аҷали хоки баруманд расид.

Дарде, ки даво надорад, афзунхоҳист,
Гумроҳ шавад, касе ба ин раҳ роҳист.
Андешаи ҳамқисмати даштӣ накунад,
Дар баҳр пайи ҳастии худ ин моҳист.

Шахсе, ки ба ҷамъи молу сарват банд аст,
Гӯё ки шиноваре ба баҳри фанд аст.
Фикри ватану халқ надорад ба сараш,
Ғофил зи ғами рӯзи ҷазо хурсанд аст.

Беҳуда дар ин боғ бигаштем, дареғ,
Рӯсурхи ҷигардоғ бигаштем, дареғ.
Макруҳ ба мо расид аз ин сайру сафар,
Зеро зи пайи зоғ бигаштем, дареғ.

Эй дар ғами хеш, аз Ватан ҳарф занӣ,
Дар маърака беш аз Ватан ҳарф занӣ.
Дар пасравии Ватан фузун саҳми ту ҳаст,
Боз аз ҳама пеш аз Ватан ҳарф занӣ.

Мероснигаҳдор чу меҳан моем,
Чашмем саропой, чу ҷавшан моем.
Дар хилвати мо ҳазору як анҷуман аст,
Танҳорави бо ҳама қадамзан моем.

Резандаи обрӯ гуноҳи ту шавад,
Бар маҳбаси ғам баранда роҳи ту шавад.
Ҳар давранишин ба шамъи маҳфил гӯяд:
Хасми сари ту низ кӯлоҳи ту шавад.

Дорӣ ғами худ, зи ғамгусорӣ дурӣ,
Бадхоҳ ба ёронӣ, зи ёрӣ дурӣ.
Аз ҷони ҳама азиз ҷонат донӣ,
Аз сарҳади мулки ҷоннисорӣ дурӣ.

То сар накунӣ хам, нанависӣ нома,
Бар хестанат асо нагардад хома.
Зеро ки ба пайкари сухан медӯзанд
Аз риштаи ҷону пораи дил ҷома.

Дил шуд зи ғам об, лек машки ту нашуд,
Хомӯшгари оташи рашки ту нашуд.
Дилномаам он кӣ хонд, дарё бигирист,
Ин тарасарам чашмаи ашки ту нашуд.

Аз хун шудан аст сурх ранги гили мо,
Сурхоб гузар мекунад аз манзили мо.
Ин шарҳ бас аст, мевае ғайри анор
Пайдо нашавад зи боғи пурҳосили мо.

Оне, ки кам ӯ ба хайр бовар дорад,
Бар хеш куҷо, ба ғайр бовар дорад.
Як умр агар Макканишин ҳам бошад,
Ин Қаъбагузар ба дайр бовар дорад.

Пастию туро баландномӣ ҳавас аст,
Мақсуди ту шаҳду иштиҳоят магас аст.
Нозӣ, ки ту бо бузургҳо ҳамқадамӣ,
Ин ҳамқадамӣ ба соя ҳам дастрас аст.

Аз зодаи ғайр нозҳо доя кунад,
Бар хонаи нанг наъфро поя кунад.
Ҳар қадр, ки офтоб резад нураш,
Он қадр фузун ҷамъияти соя кунад.

Писханд занӣ гаҳи Ватан гуфтани мо,
Барҳам диҳӣ имтиёзи ман гуфтани мо.
Бишнохтани чеҳраи ту осон нест,
Душвор ба ҷашни ту сухан гуфтани мо.

Дуд аз нафаси танги чароғам ояд,
Бӯйи гули яъс бар димоғам ояд.
Урдуи сафедпӯш ҳам дар хобам
Дар сурати барф сӯйи боғам ояд.

Осуда сад андеша сарашро нагузошт,
Аз дард раҳидан ҷигарашро нагузошт.
Аз ҷанг намонд асар, вале аз кафи хеш
Олудагуноҳе сипарашро нагузошт.

Пинҳонгари розе асараш нагзорад,
Бар бистари итминон сараш нагзорад.
Аз шубҳа дарашро ба дарун мепӯшад,
Бар хона даромадан дараш нагзорад.

Дар субҳ асаре зи даври шомӣ монад,
Бар пухтагӣ оҳи аҳди хомӣ монад.
Ҳарчанд шавад поктарин марди замон,
Овозаи кӯдаки ҳаромӣ монад.

Чун дона агар хӯша шудан пеша кунед,
Бояд, ки ба хоки ошно реша кунед.
Як роҳи ба Кирдгор наздикшавист,
Пеш аз қадами ниҳода андеша кунед.

Ёдовари даври бедии хеш машав,
Сарчашмаи ноумедии хеш машав.
Макшой ба мисли пунба оғӯш ба дуд,
Доғи абади сафедии хеш машав.

Паҳнои умед оқибат танг шавад,
Ин хоки тар аз хушк шудан, санг шавад.
Дар бистари оҳан об агар сар монад,
Гум карда нишони хешро, занг шавад.

Дафтар зи қалам задан сияҳ мегардад,
Девор зи нам задан сияҳ мегардад.
Барҳам занад омехтагӣ асли ҳама,
«Ойина зи дам задан сияҳ мегардад».

Аз бори ҳуруф хати раҳ хам назанад,
Чун ришта, ки аз бори гираҳ хам назанад.
Сад қатраи ашкро кунад чашм гусел,
Аз ин ҳама мижгони нигаҳ хам назанад.

Имрӯз фаромӯш зи хотир моем,
Дар водии рафтагон мусофир моем.
Дар вақти хурӯҷи дард бар хеш табиб,
Бар худ дами ҷонканӣ мушовир моем.

Аз ҳар сӯ шамоли хашм хезад рӯзе,
Аз нахли умед барг резад рӯзе.
Бар ёди баҳори рафта фарёд кунам,
Хоки ҳамаро хазон бибезад рӯзе.

Фарёдгаронем, на фарёдрасем,
Дар навбати даъвати аловем, хасем.
Мобайни замину осмон чун қафас аст,
Озод куҷоем, ҳама дар қафасем.

Бад дар таҳи номи нек бинвишта нушуд,
Бар ҷойи нахӯд рег ҳам кишта нашуд.
Тасбеҳ агарчи ба гираҳ монанд аст,
Кӯтоҳ аз ин гираҳ ягон ришта нашуд.

То ашк ба чашми хома пайдо нашавад,
Як ҳарфи равон ба нома пайдо нашавад.
Дил пунбаву набз риштаву пӯст матоъ,
Гар ин ҳама нест, ҷома пайдо нашавад.

Як бор дилат ба ёди ин банда насӯхт,
Бар ҳоли бади чароғи рахшанда насӯхт.
Рафтӣ зи барам чу бод хандида, вале
Ин бешаи ғам аз оташи ханда насӯхт.

Козибасарӣ ба субҳгоҳӣ дорад,
Бегонашавӣ ба хешхоҳӣ дорад.
Вобаста ба одам аст, агар гардиши чарх
Хуршед ба дида ҳам сиёҳӣ дорад.

Хоҳам, ки гузаштаам фаромӯш шавад,
Ин оташи хонасӯз хомӯш шавад.
Ин чарм раҳо аз даҳани муш шавад,
Ин нешсарой олами нӯш шавад.

Ғафлатзада имкон ба дилогаҳ надиҳад,
Аз хирмани худ ба кас пари каҳ надиҳад.
Бинӣ ба саройи хеш аз шубҳаи беш
Гаҳ қатраи оби покро раҳ надиҳад.

Беш аст агар шарм, талаб кам гардад,
Ғайрат дами бикшодани лаб кам гардад.
Борони арақ ба домани абри ҳаёст,
Дар ҷисми ба об ғарқ таб кам гардад.

Хоҳад гили девори умедам резад,
Ғофил, ки ҳунар хоки ҳасадро безад.
Бар оташи мурда ҳам агар об зананд,
Дуд аз дили хокистари он бархезад.

Эй бехабар, аз чеҳраи пажмурдаи ман,
Аз ҷони ҳазор бор биспурдаи ман.
Аз боби ғизои умри ман қисса кунад
Ҳарфи нигаҳи дидаи хатхӯрдаи ман.

Камбарг дарахти боғро соя кам аст,
Дар хонаи бахти камбағал поя кам аст.
Аз хотири сармоя суроғат оянд,
Чашме ба дарӣ, туро, ки сармоя кам аст.

Як умр зи базму анҷуман бигрезӣ,
Аз пурсишу посух, аз сухан бигрезӣ.
Гӯё ки зи бим чун хиёнатпеша,
То ҳабс нагардӣ, аз ватан бигрезӣ.

Ҳарчанд, ки гӯянд забардаст туӣ,
Рӯ бар дари ту наоварам, паст туӣ.
Моҳии умеди ман туро бишносад,
Неш аст ба нӯши хайри ту, шаст туӣ.

Гар чашми ғаме ба шодии мо нарасад,
Ҷуз хушхабар аз мунодии мо нарасад.
Дилгармӣ аз оташи муҳаббат дорем,
Сардӣ зи насими водии мо нарасад.

Эй хуфтавуҷуд, аз бари бедор бирав,
Бедард туӣ, зи пеши бемор бирав.
Ӯро ту ба ҳоли хеш бигзор, бирав,
Яъне, ки ба Кирдгор биспор, бирав.

Хун шуд дилам, аз сарҳади обӣ бигузашт,
Ҷон сӯхта, аз ҳади кабобӣ бигузашт.
Ин хонаи чашмам, ки буд обод зи нур,
Аз доираи хонахаробӣ бигузашт .

Бо элак агар хок бибезӣ, шиканад,
Гармоб ба зарфи шиша резӣ, шиканад.
Эй бехабар аз хосияти ҷинс, бидон:
Аз хонаи роҳ қир хезад, шиканад.

Воқиф зи дили барқ муҳандис бошад,
Тилло на, ба ӯ заруртар мис бошад.
Нохун ба гираҳ кушоданаш машҳур аст,
Гарчи ба шумори узви беҳис бошад.

Чун давранишини ғофил аз хонанишин,
Гӯяд магас аз муҳити парвонанишин.
Тарсам, ки зи имтиёз додан гардад
Ин мулки шинос ҷойи бегонанишин.

Пуртобтарин пояи меҳан моем,
Халқ аст агарки санг, оҳан моем.
Ҷон кандани дигарон ба вақти марг аст,
Дар арсаи умр лек ҷонкан моем.

Ғамгин нашавам, ки танг ҷоям карданд,
Гӯям, ки ба кӯи нанг ҷоям карданд.
Ғофил, ки зи тиллойии ҷинсам буданд,
Дар куҳнасарои занг ҷоям карданд.

Оташ каму дар танӯр дуди ту пур аст,
Об аст каму зи рег рӯди ту пур аст.
Нахли ту надорад самар аз меваи дард,
Аз гард вале боғи вуҷуди ту пур аст.

Дунёи ту дунёи тиҷорат бошад,
Сарчашмаи амволи ту ғорат бошад.
Азбаски туӣ бехабар аз олами панд,
Сарҳарфи забони ту ҳақорат бошад.

Бар дидаи бад нури нигоҳе нашавам,
Наздик ба олудагуноҳе нашавам.
Ин умр кирои бурду овард, ки нест,
Тасдиққунандаи гувоҳе нашавам.

Бадҳол наем, некҳолӣ дорем,
Яъне, ки асар зи безаволӣ дорем.
Бо ин ҳама шодӣ гаҳи ғам рӯй задан
Чун бенамак аз Худо малолӣ дорем.

Аз раҳм ба дунё асаре пайдо нест,
Дар хонаи меҳр ҳам даре пайдо нест.
Аз баҳри мусофирон дар ин роҳи умед
Ҷуз гард дигар ҳамсафаре пайдо нест.

Аз бурди дурӯза сарфарозӣ дорӣ,
Дастакзанӣ аз дастдарозӣ дорӣ.
Ғофил зи хаданги оҳу пайкони нигоҳ
Бо қисмати дигарон ту бозӣ дорӣ.

Имрӯз ба ҷои накҳате боди вазон
Дорад ба кафи ҳастии худ барги хазон.
Аз масҷиди дунёталабон низ расад
Овози камон ба ҷои гулбонги азон.

Шодии ту бешу ғами ман афзун аст,
Аз хунҷигарӣ чеҳраи ман гулгун аст.
Доранда канад ҷон, ки шавад доротар,
Кам дасти мадад аз остин берун аст.

Дар чашми хазон сарв баҳорон бошад,
Ҳар гард ба сурати саворон бошад.
Бар гӯши замини ташна беҳтар зи ҳама
Оҳангу таронаҳои борон бошад.

Осуда ба анҷуман Муҳаммад гӯяд:
Туҳматзани айём якам сад гӯяд.
Озор надидааст аз ман мӯре,
Бад ҳаст худаш, он кӣ маро бад гӯяд.

Бе фикри ватан санг сарамро бинам,
Хумдони дили бешарарамро бинам.
Дар захми тани падар, ки мондаст зи ҷанг,
Ман қадри баланди кишварамро бинам.

Пире ҳама умр боғбонӣ мекард,
Боғаш зи ҳуҷуми зоғ бонӣ мекард.
Аз ҳамалаи зангии шаб он саҳроро
Як дидаи чун чароғ бонӣ мекард.

Дар кӯйи фироқи ту манам овора,
Ангушт газад ба ҳоли ман дилпора.
Тан сарви умеду ҷаври ту боди хазон,
Ҷуз сабр дар ин боғ надорам чора.

Даркор агар шавам, суроғам созанд,
Бо бӯи умед хуш димоғам созанд.
Як рӯшании дигар, ки бинанд, бурун
Аз маҳфили давр чун чароғам созанд.

Мегуфт ба ҳамсӯҳбати худ бадҳоле:-
Воқиф манам аз неку бади аъмоле.
Ғорат кунад аз барои худ ғоратгар,
Ҳар дузд барои хеш дуздад моле.

Оташ дили сангат об натвонад кард,
Аз санг касе кабоб натвонад кард.
Дӯзанд ба ту бехабарон чашми умед,
Бар ташна мадад сароб натвонад кард.

Ашки қаламам чашма шавад, руд шавад,
Оҳе, ки барояд аз дилам, дуд шавад.
Дар рӯзи вафоти ман ба сӯи ту равон
Сад тири нигоҳи нафратолуд шавад.

Афгор зи пайваста навиштан гаштам,
Безор чу ресанда зи риштан гаштам.
Бигзор баранд баҳра аз коштаам,
Устоди фани мактаби киштан гаштам.

Аз дард бимирад ҳама, парво накунӣ,
Бар рӯи касе зи меҳр дар во накунӣ.
Мижгони ту дарбони зи шафқат дур аст,
Бар дидани ғайр чашми сар во накунӣ.

Умре, ки зи сар гузашт, беҳуда набуд,
Паймудараҳам ғуборолуда набуд.
Аз сӯхтанам ба ғайри гармӣ нарасид,
Дар хонаи дилҳо асар аз дуда набуд.

Аз нури чароғи шаб сиёҳӣ сӯзад,
То субҳ ба фармони илоҳӣ сӯзад.
Пиндошта ҳамқисмату ҳамранги худаш
Хаффош ба ёди мурғу моҳӣ сӯзад.

Як нома зи марди роҳ бар даст расид:
Бар ташналабе зи бахти бад шаст расид.
Ду чиз Худо намедиҳад бар як кас,
Бар фаҳмбаланд толеи паст расид.

Дил бори нахуст бо ғамаш бозӣ кард,
Бо дастаи дарду аламаш бозӣ кард.
Бар сина, ки буд умрҳо ҳифзгараш
Дар як дами мушкилот носозӣ кард.

Шудгорзамин зи сумзанӣ роҳ шавад,
Аз зарбахӯрӣ хӯшаи пур коҳ шавад.
Роҳи кутал аст аз дари дил то чашм,
Дар ин сафар ашки нотавон оҳ шавад.

Аз ғайб ба дарди ман давоӣ бирасад,
Бар сози вуҷуд хушнавоӣ бирасад.
Аз дар бирасад ҳавову аз равзана нур,
Бар хонанишин ризқи ҳавоӣ бирасад.

Гоҳе ба бисот дорад осон мушкил,
Ин дарди сабук зи дарди дандон мушкил.
Ойина хабар надорад аз мақсади гард,
Аз хонаи худ рондани меҳмон мушкил.

Беҳуда бигӯянд, ки: «Ину онем»,
Мо айби худ аз ҳама накӯтар донем.
Маънии дигар зи шӯхии мо ҷӯянд,
Маҳбуси бурун зи маҳбаси давронем.

Сӯзем ба кунҷи хилвати худ чу чароғ,
Ду дида пур аз нуру пур аз дуд димоғ.
Тобад ҳама сояравшани хона чу доғ,
Аммо нарасад ба чашм як пай зи суроғ.

Гуфтӣ: «Нашавад мушкили мо ҳал зи сухан,
Беҳ бошад аз он сохтани як сӯзан».
– Гар беш суханвар аст, сӯзан ту бисоз,
Бар дӯши дигарҳо нафикан бори Ватан.

Дар олами дилрабоӣ аз ҳад магузар,
Дар ҷодаи ошноӣ аз ҳад магузар.
Захминшуда аз қатор берун монад,
Дар арсаи ҷонфидоӣ аз ҳад магузар.

Аз ҳолати ёрони куҳан бехабарем,
Бо оҳ бигӯянд сухан, бехабарем.
Дар хилвати худ тортанон тор тананд,
Аз қисмати фардои Ватан бехабарем.

Бадхок туӣ, ба донаат носозӣ,
Бори гунаҳӣ, ба шонаат носозӣ.
Ҳар лаҳза зи носозии олам гӯӣ,
Худ лек ба аҳли хонаат носозӣ.

Дар синаи абри дида борон дорем,
Пайғом зи айёми баҳорон дорем.
Беҳтар зи ҳама поси намак доштан аст,
Бар дарди гарони умр дармон дорем.

Хун шуд дили ман, чораи дил ёфт нашуд,
Аз куйи худ оворaи дил ёфт нашуд.
Ҳарчанд, ки ҷустам асар аз гумшудаам,
Аз Дашти Дилӣ пораи дил ёфт нашуд.

Дилро ба сарои пуч бастем, дареғ,
Аз манзили асл кӯч бастем, дареғ.
Аз хори ба зери майдабаргаш ғофил
Сад тори нигаҳ ба хӯч бастем, дареғ.

Дар куҳнадиёр тарҳи нав кофтаанд,
Роҳи дигари кишту дарав кофтаанд.
Воқиф шуда аз қисмати гандумсифтон,
Аз хирмани хуфтадавр ҷав кофтаанд.

Куҳем, ба сар барфи қаноат дорем,
Рӯдем, ба лаб ҳарфи қаноат дорем.
Ибратасарем, дар бисоти рафи умр
Аз моли ҷаҳон зарфи қаноат дорем.

Таърифгарон, ба чашми ҳақ бад тобанд,
Танқидгарон, бурун зи сарҳад тобанд.
Олудаи суданду зиён бетарафон,
Ҳайрон ба сари минбари мақсад тобанд.

По бо ҳама мағзи устухон сар нашавад,
Пайдо зи алови коғаз ахгар нашавад.
Аз дидаи сурху сӯзи дил маҳрум аст,
Сад нома барад зоғ, кабӯтар нашавад.

Фарёди пур аз садои ман хомӯшист,
Савти ба дил ошнои ман хомӯшист.
Девор зи таъсири нам аз по афтад,
Ашкам, ки садои пои ман хомӯшист.

Шаб мурғ кунад қатъ раҳи парвозаш,
Марде, ки асир аст, нагӯяд розаш.
Беш аст фиреби баҳри ҳастӣ зи сароб,
Занҷир дар об гум кунад овозаш.

Хуб аст, ки имкон надиҳӣ душманро,
Кӯбанд дами гарм будан оҳанро.
Дар ҷодаи ҳифз агарки таъхир кунӣ,
Бегона қадамҷой кунад меҳанро.

Гар сабза дамад ба хоки мо, хас нашавад,
Ин бахт муяссар ба ҳама кас нашавад.
Бар тоири меҳр дили мо дом нашуд,
Ғалбер барои об маҳбас нашавад.

Кардем хулоса ҷаври раҳбандонро,
Ҳам зарбаи путку посухи сандонро.
Золим фақат аз ҳайбати золим тарсад,
Дандон гирад пеши раҳи дандонро.

Некӣ нарасад аз ту, ки бадхӯй туӣ,
Чашмони ҳасадноку ғаразҷӯй туӣ.
Ҳастӣ варақи сафеду ту ҳарфи сиёҳ,
Яъне, ба хамири зиндагӣ мӯй туӣ.

Дард аз асри сахти даво об шавад,
Ях аз нафаси гарми ҳаво об шавад.
Бад ҳам зи нигоҳи нек ибрат гирад,
Дуде, ки расад ба чашмҳо, об шавад.

Сӯяш нигариста, чашм хурсанд шавад,
Сар ҳам зи хаёли ӯ фараҳманд шавад.
Дил хун шаваду об бирезад дида,
Пайвастаи обу хун ҷигарбанд шавад.

Ӯро зи дари умед берун карданд,
Бо ҷурми сари сафед берун карданд.
Санҷид, ки буд, аз тарс ҳасудон ӯро
Аз боғ ба ҳайси бед берун карданд.

Сӯзад ҳама осор, агар давр ин аст,
Ҷон тарки бадан кунад, агар ҷавр ин аст.
Саҳрои умедҳо биёбон гардад,
Пайдо нашавад абр, агар ҳавр ин аст.

Онон, ки дили бегунаҳон хун карданд,
Шодии ками худ ғами афзун карданд.
Аз теғи ҳасад захми дарунӣ хӯрда,
Пеш аз ҳама худ зи давра берун карданд.

Хӯрдам қасаму қасам шикастам аз нав,
Паймони шикастаро бибастам аз нав.
Дилпур, ки мудомам зи Худованди бузург,
Мурдам ба ҳамин умеду растам аз нав.

Дар олами мо роҳ паяш гум накунад,
Дар маслаки мо гиря табассум накунад.
Он мардумаки дилогаҳи дидаи мо
Бовар ба нигоҳи меҳри мардум накунад.

Аз хуни ҷигар ба рӯй рангам додаст,
Ҳам як сари сахттар зи сангам додаст.
Имдод зи рӯбоҳ напурсад шере,
Шодам, ки Худо ҷаҳони нангам додаст.

Гаҳ пойи хаёл бар қафо баргардад,
Бар шомгаҳ аз субҳи сафо баргардад.
Бигзошта сад қаламрави роҳату айш,
Ошиқ ба саройи пурҷафо баргардад.

Нохун мазан, аз навои ту безорам,
Танг аст дил, аз ҳавои ту безорам.
Аз марг гарон ҳастии миннатасар аст,
Мемираму аз давои ту безорам.

Пойи ҳунараш шикаста, лангаш карданд,
Озурда дили ҳазрати нангаш карданд.
Монданд пас аз рафтани ӯ пайкарааш,
Сарҳо ҳама хам ба пойи сангаш карданд.

Аз ёри дарунфаҳм бурун бехабар аст,
Об аз раҳи тайкардаи хун бехабар аст.
Сад пуштаву саҳрои пур аз сабзаву гул
Аз қисмати дашти лолагун бехабар аст.

Аҳд аз хати ҷаҳди худ гузаштаст имрӯз,
Таъкид ҳароснома гаштаст имрӯз.
Бефоида аст баҳс дар маҳфили давр,
Олам ҳама банди ҳафту ҳашт аст имрӯз.

Тадқиқ ҳасадбарон вуҷудам накунанд,
Оташ манаму фарқ зи дудам накунанд.
Худро ба карӣ зананд вақти суханам,
Сад ҷон, ки канам, гӯш дурудам накунанд.

Холӣ ба нигоҳи аждаҳо зарфи ман аст,
Гӯё зи ҳисоби дигарон сарфи ман аст.
Бо хуни ҷигар ҳам, ки нависам нома
Багона ба сурхрӯйҳо ҳарфи ман аст.

Бар ҳоли дилогаҳони маҳзун гирям,
Бар қисмати аҳли дард Ҷайҳун гирям.
Бо об шудан кори ман анҷом наёфт,
Чун гармкабоб таҳ ба таҳ хун гирям.

Дар олами мо дарду даво якранг аст,
Поизу баҳори ошно якранг аст.
Пурсед зи чашми сар, агар фарқиятест,
Бар дидаи дил шоҳу гадо якранг аст.

Он кас, ки ба роҳи ишқ по мемонад,
По бар раҳи дашти Карбало мемонад.
Рӯсурхӣ агар талаб кунад хунҷигараш,
Боғи дилаш аз баргу наво мемонад.

Ду ҳарфи ҳадафнок ба як мактуб аст:
Дар он чӣ ки бартарӣ битобад, хуб аст.
Он сар, ки ҳавост ҳама мағзаш, сар нест,
Созе, ки садои хуш надорад, чӯб аст.

Тӯфон хезад, баҳр агар бихрӯшад,
Бадхоҳ пайи зиёнрасонӣ кӯшад.
Ин фикр мудом бар сари худхоҳ аст:
Мон гӯри ҳама сӯзаду дегам ҷӯшад.

Ёди ту кунам, шиква фаромӯш шавад,
Дунёи пур аз неш ҳама нӯш шавад.
То роҳ ба кӯи ишқ пайдо гардад,
Бо реги ту муми ман ҳамоғӯш шавад.

Дар чашми пурашк оҳ аз лаб дорам,
Аз сӯзиши ҷон баландтар таб дорам.
Девони муҳаббати дилам пуралам аст,
Дар ҳар варақам «Ҳазору як шаб» дорам.

Ҳарчанд хаёли бад набошад ба сарам,
Девори дилат ҳаросад аз чашми тарам.
Аз гиряи абр бод хомӯш шавад,
Бераҳмтар аз бод туӣ дар назарам.

Бардоштани бори гарон осон нест,
Бар ҳукми дигар додани ҷон осон нест.
Донистани асрори ниҳон осон нест,
Аз ишқ супурдан имтиҳон осон нест.

Ишқ омаду неши хӯрдаам нӯш нашуд,
Ин оташи ҷонгудоз хомӯш нашуд.
Аз бори гарон сабук маро душ нашуд,
Тарҳи ту дар ин миён фаромӯш нашуд.

Дилгармии мо нишона аз таб дорад,
Ин сӯзиши сахт дарсу мактаб дорад.
Табхол, ки тухми ҷигари сӯхта аст,
Онро чу далел ҳама дар лаб дорад.

Ҳар лаҳза ҳазор қатлу ғорат бинам,
Аз қисмати фардои замон ғамгинам.
Аз марг натарсаму битарсам зи ҳаёт,
Талх аст майи зиндагии ширинам.

Санг аст ҳама, барои гил ҷой маҷӯй,
Даври шикам аст, баҳри дил ҷой маҷӯй.
Таҳдид ба тарғиби ҷаҳонишудан аст,
Беҳуда барои мустақил ҷой маҷӯй.

Аз хотири ҳамнишин фаромӯш шудем,
Овози зи ёд рафтаи гӯш шудем.
Ҷое, ки баланд қадри хокистар шуд,
Дам бурда фурӯ, ахгари хомӯш шудем.

Дар дидаи меҳр ҳам камон мебинӣ,
Худро чу нишон зи тарси ҷон мебинӣ.
Бо чашми пур аз шубҳа ба мардум нигарӣ,
Дар ойина худро ту чӣ сон мебинӣ?

Бо нохуни фаҳми худ гираҳ боз кунем,
Бо шаҳпару боли фикр парвоз кунем.
Ангушт газад зи кардаи хеш фалак,
Мо оҳи дили хуншуда овоз кунем.

Мо дар ҳама ҷода аз дигарҳо пешем,
Шоҳи ҳунарем, агарчи чун дарвешем.
Дар чашми бахилону ҳасудони замон
Ангушти шашуми дасти даври хешем.

Некам, зи ҳама бадодамон дур манам,
Аз мардумаки чашми камон дур манам.
Бар бохтангон низ мукофот диҳанд,
Аз бозии фитнаи замон дур манам.

Гӯё ки ба рӯз хуфта, шаб мехезанд,
Хоки ҳама бегуноҳро мебезанд.
Аз баҳри бинои нафс ҷангандозон
Хишт аз гили оғушта ба хун мерезанд.

Мо дар ғами мардумем, бо ғам шодем,
Бисёр надидаем, бо кам шодем.
Аз оби равон баҳра дарахтон гиранд,
Чун сабзаи байни боғ бо нам шодем.

Аз дарди замон раҳиданат осон нест,
Бори ғами худ кашиданат осон нест.
Дорад саду як чоҳ раҳи кӯйи умед,
Бар манзили худ расиданат осон нест.

Гаҳ пешрав андешаи вопас накунад,
Бе фоида бар касе мадад кас накунад.
Хам шона занад ба қадри вазни бораш,
Боло сари мижжаро пари хас накунад.

Ошиқ, ки шудӣ, фаҳм дигар мегардад,
Ҳар қатраи хун низ ҷигар мегардад.
Парвоз баландтар кунад мурғи хаёл,
Бозуи ту болу даст пар мегардад.

Бино каму маҳруми нигаҳ бисёр аст,
Дар хирмани моҳтоб каҳ бисёр аст.
Як тан расад аз ҳазор бар кӯйи умед,
Зеро ки наёбандаи раҳ бисёр аст.

Орандаи ғам ба рӯзи шодӣ нарасад,
Бар мулки умед ин мунодӣ нарасад.
Овоз расад аз раҳи ҷавлонгоҳаш,
Ҳар тангназар низ ба водӣ нарасад.

Оғӯши ту аз бӯи суман лабрез аст,
Аз накҳати гулбоғу чаман лабрез аст.
Аз вожаву ҳарфи тар сухан лабрез аст,
Аз бодаи ишқ ҷони ман ларез аст.

Оҳе накунад суроғ хомӯшиям,
Бар ёд намерасад фаромӯшиям.
Оташ, ки накушт, кушадам нанги баланд,
Донанд ҳама хуни Сиёвушиям.

Эй рафта зи мо, дароз роҳат бодо,
Рахшанда ба шоми умр моҳат бодо.
Ҳарчанд, ки пайғом накардӣ, хуш бош,
Бар гардани мо бори гуноҳат бодо.

Гарде, ки зиёнрасон ба мо мегардад,
Аз хоки умеди худ ҷудо мегардад.
Ҳангоми гузаштан аз раҳи танги гулӯ
Дуди дили мо талхдуо мегардад.

Сардӣ, ки ба тан нишаст, таб хоҳад шуд,
Рӯзи ҳама ҷавркарда шаб хоҳад шуд.
Оташзан аз оташаш нафасгир шавад,
Оҳи дили мо дуд ба лаб хоҳад шуд.

Бар ҳалқаи ғам фитода, озурда шудем,
Дар фасли баҳори умр пажмурда шудем.
Хӯрдем агарчи об, чун шохаи сабз
Аз сардии меҳри давр афсурда шудем.

Аз чашмаи дил рӯди сухан сохтаем,
Сарсабз ҳама боғу чаман сохтаем.
Кошонаи хурду хоб бегона ба мост,
Мо кохи муҳаббати Ватан сохтаем.

Хоб аст фиғон дар дили хомӯшиям,
Сад хотира хуфта дар фаромӯшиям.
Аз ҷашни гурусначашмҳо дурам кард
Дар мотами нафси худ сияҳпӯшиям.

Барф аст ба сар, ҳавои ҳастӣ сард аст,
Бигзашт баҳори умр, рангам зард аст.
Ойинаи дида низ пур аз гард аст,
Даврони гузаштани даво аз дард аст.

Дар маъракаҳо таъна ба ҳампеша занад,
Бар ҷисми ҳама сӯзани андеша занад.
Ин шоха зи сарсабзии худ болида,
Лабханд ба насли дигари реша занад.

Аз ишқи ту монд нақш дар бунёдам,
Номат расад аз қаламрави фарёдам.
Аз роҳи умед корвон рафт, вале
Мондаст ғубор дар фазои ёдам.

Хилватталабон аз одамон дур шаванд,
Мавҷанд, ки аз баҳри дамон дур шаванд.
То хоки муроди дигарон сабз шавад,
Боронсифат аз абри замон дур шаванд.

Дар кишвари эҷод мусофир моем,
Дил карда зи ғам шод, мусофир моем.
Рафтан ба суроғи рафтагон бонамакист,
Ҳастем Худодод, мусофир моем.

Бар кӣ шавад он зи ҳусн мадҳуш насиб?
Бар кӣ шавад он нигори гулпӯш насиб?
Бе хӯрдани хор мева аз хӯч кӣ чид?
Бе неш касеро нашавад нӯш насиб.

Бар пайкари даври хеш ҷони дигарем,
Дар олами мақсуд ҷаҳони дигарем.
Ҳарчанд, ки мо зодаи айёми худем,
Фарзанди баруманди замони дигарем.

Бар рӯи фано бақо дараш во накунад,
Ҳастӣ ғами нестӣ ба дил ҷо накунад.
Ҳарчанд ки бошад ба таҳи бори ғубор,
Ойина шикасти худ таманно накунад.

Дар суҳбати нуктафаҳм хомӯш шавем,
Садҳо нигаҳу ҳазору як гӯш шавем.
Гӯяд ба ҳама саволҳо пухта ҷавоб,
Вақти суханаш на хоб, мадҳуш шавем.

Бемораму бетабиб худро бинам,
Бар хеш фақат ҳабиб худро бинам.
Ҳарчанд, ки дар хоки ватан ҳам бошам,
Бар ёд расӣ, ғариб худро бинам.

Аз ту нарасад суд, суроғат накунанд,
Коре накунӣ буд, суроғат накунанд.
Ёрони кабобхоҳ оташталабанд,
Хезад зи дилат дуд, суроғат накунанд.

Онам, ки рақиб ҳам ҳабиб аст маро,
Он теғбадаст ҳам табиб аст маро.
То ҳаст ҳавои ошноӣ ба сарам,
Бегонаи дур ҳам қариб аст маро.

Пур дафтари ёдам аз ҳикоят бошад,
Ҳар гуфтаи мағздор оят бошад.
Гӯянд, ки шодӣ аз пайи ғам ояд,
Моро зи ғамат куҷо шикоят бошад?

Ҳарчанд ки ту баландовоза шавӣ,
Доро ҳам агар бурун зи андоза шавӣ,
Пастии ту ҳаргиз наравад аз ёдам,
Бахт аст, гар аз лавҳи назар тоза шавӣ.

Таъкид агарки бехгӯшӣ бошад,
Машқаш пайи нақши чашмпӯшӣ бошад.
Гӯянд хӯрад тир зи фарёдаш кабк,
Гаҳ бурди ҳаёт аз хамӯшӣ бошад.

Як хандабалаб, ки баҳс бо мо мекард,
Аз гиря чӣ суд? – гуфта даъво мекард.
– Аз гиря агар суд намебуд, Худо
Дар хонаи нур обро ҷо мекард?

Дар пушти сиёҳабр маҳтоб бимонд,
Олам ҳама дар ҳукми шабу хоб бимонд.
Аз ҳасрати рӯзи рафта шуд дида пуроб,
Аз дидаи ман нур бирафт, об бимонд.

Аз кишвари куҳсори хушманзараам,
Парвардаи хоку оби дашту дараам.
Пӯлоди танам зи гармияш тоб гирифт,
Дарёи сиришки чашми сад шаршараам.

Чун дил ҳама умр ҷой дар сина шудем,
Саршор зи меҳр гашта, бекина шудем.
Аз маскани мо ғубор як раҳгузар аст,
То чашм ба мо кунанд, оина шудем.

Озодии худро ба асирӣ надиҳам,
Бар шоҳию бар табъи вазирӣ надиҳам.
Навмед кунад вожаи «барҷомонда» ,
То мурдани хеш тан ба пирӣ надиҳам.

Кас маргталаб зи нокасии ту шавад,
Маҳбус ба чашми қафасии ту шавад.
Ҷони ҳама бар лаб аз бадии ту расид,
Кай навбати ҷонбалабрасии ту шавад?

Бар куҳнақабои хеш дарбеҳ ҷӯяд,
Дар шаҳр хаёлан асар аз деҳ ҷӯяд.
Даврони хароб буданашро ҳама дам
Бо ҳасрату дард хомфарбеҳ ҷӯяд.

Як чиз зи доираи ақл аст бурун,
Ду дида пуробу дил аз он гардад хун.
Оне, ки макад шираи ҷонро гӯяд:
Аз бахти насибгаштаат шиква макун.

Номат нашавад нек ба эҷод, бадӣ,
Як олами пурғубори кину ҳасадӣ.
Барҳамзани уммеди дили хурду бузург,
Яъне ки ба роҳбандҳо раҳбаладӣ.

Дил хонаи раҳму кишвараш пайкари ту,
Банд аст ба фикри дасти ёрӣ сари ту.
Аз чашмаи меҳри ту асарҳо дорад
Ду дидаи пуроб, ду чашми тари ту.

Умрам ҳама дар ҷодаи эҷод гузашт,
Ашки қаламам шуд, он чӣ аз ёд гузашт.
Фарёдрасе ҷуст ба фарёдгаре,
Шодиталабе дар ин ғамобод гузашт.

Бар шодии бегона набурдем ҳасад,
Ба ҳастии шоҳона набурдем ҳасад.
Бар хӯшаи хеш дӯхта дидаи меҳр,
Бар хирмани пурдона набурдем ҳасад.

Хат дар варақи қаламрав аз ҷӯи ман аст,
Пай ҳарфи навишта дар раҳи кӯи ман аст.
Обе, ки зи сарчашмаи чашмам ҷорист,
Оғӯшкушо фақат ба ӯ рӯи ман аст.

Аз ёд нарафт ҷои биншастаи ту,
Чун моҳи нав аст нони бишкастаи ту.
Дар банди ҳазору як хаёлам бикунад
Бишкастани аҳди ёрии бастаи ту.

Танҳо бари ёру ҳамнишинам бе ту,
Дар куи фараҳ низ ғаминам бе ту.
Бе ту накунад баландӣ аз пастӣ фарқ,
Дар арши барин хоки заминам бе ту.

Гоҳе ба равона гард пайкон гардад,
Бар гармдил оҳи сард пайкон гардад.
Вақте ба само абри сияҳ хайма занад,
Дору ба тани бадард пайкон гардад.

Аз сояи худ шубҳа кунад ғарқи гуноҳ,
Чун чоҳ ба чашми чоҳкан тобад роҳ.
Таърих гувоҳ аст, ки маҳрум кунад
Бад дар ҳама давр некро аз бари шоҳ.

Бар маърака бехирад наояд беҳтар,
Помони бурун зи ҳад наояд беҳтар.
Бар турбати пок то ғуборе нарасад,
Бар мурдаи нек бад наояд беҳтар.

Бар донаи кина хоки меҳрам санг аст,
Бар оҳани фитна оби раҳмам, занг аст.
Он вожа, ки ношиносу бегона марост,
Тадқиқ агар кунанд, он найранг аст.

Хубаш ҳама гуфтанд, вале хуб нашуд,
Ислоҳ ба таърифу ба мактуб нашуд.
Доданд агарчи обаш аз чашмаи меҳр,
Як барги умед берун аз чӯб нашуд.

Ҷисмам ба дами сели замон дид, гурехт,
Ғарқам ба дили баҳри дамон дид, гурехт.
Он кас, ки худ ошнои ҷонӣ мегуфт,
Чун дар сари мӯ бозии ҷон дид, гурехт.

Поизу баҳори ҳастии хеш шудем,
Хокистару нори ҳастии хеш шудем.
Бар ҳамсафарони хеш бовар, ки намонд,
Танҳобари бори ҳастии хеш шудем.

Гуфтанд « Муқими мулки кину ҳасад аст,
Бар тӯдаи роҳбандҳо раҳбалад аст».
Гуфтам « Ба китоби давр номаш бошад?..»
Гуфтанд: Ба боби аввали «Зоти бад» аст.

Бо чашми ҷафои худ нигоҳам кардӣ,
Сарсабз будам, зардгиёҳам кардӣ.
Дар маҳфили дона васф коҳам кардӣ,
Оҳ аз ту, ки ҳамнишин ба оҳам кардӣ.

Ношод буданд, аз ғами даврон буданд,
Маҳрум ҳам аз марҳами даврон буданд.
Хӯрданд аз устои замон теша чу нахл,
Бечоратарин одами даврон буданд.

Дил бар гарави аҳди забонӣ надиҳед,
Бар теғ гӯлуи зиндагонӣ надиҳед.
Як ришта намонад аз барои сӯзан,
Бар дузди мазор посбонӣ надиҳед.

Рафтам ба мазор, омад овоз зи гӯр:
Гаштаст магар замини тақдири ту шӯр?
Оранд агар туро ба ин ҷисми хароб,
Не кирм зи ту гушт биёбад, не мӯр…

Нақшофари зӯри саҳнаи даврон аст,
Бозингари нақши одаму шайтон аст.
Резад дами дафни хунҷигаррафта сиришк,
Бар дарди гузашта аз даво, дармон аст.

Гӯяд сухан он як аз мукофоти амал,
Гӯяд дигар аз навиштаи рӯзи азал.
Ҳосил шавад аввалаш ба кӯшишу ҷадал,
Пайдо нашавад бар дигараш ҷодаи ҳал.

Бар боғи дилам дасти тараҳҳум нарасад,
Бар ёди раҳашёфта раҳгум нарасад.
Тифлони муҳаббатам раванд оҳкашон,
Ҳар ғуначаи канда бар табассум нарасад.

Мотам шавад он ғам, агар аз ҳад гузарад,
Хун захм шавад, агар зи сарҳад гузарад.
Гар нек равад, моҳ занад хирмани ғам,
Хуршед кунад ханда, агар бад гузарад.

Донем, ки ҷо ба хоки пурнам дорем,
Шодии ниҳон ба гӯшаи ғам дорем.
Дар махзани дарди хеш дармон морост,
Чашмем, зи ҷой сайр олам дорем.

Дил дида, ки шуд, ҷамъ пароканда шавад,
Пай аз дари меҳри абадӣ канда шавад.
Саргашта зи дарди ҳасрататаш ранҷ кашад,
Маҳрум лаби ғариб аз ханда шавад.

Ёрони куҳан боз суроғам карданд,
Дар фасли хазон рӯй ба боғам карданд.
Бар реши дилам боз намак пошида,
Бӯи гули яъс бар димоғам карданд.

Мегиряму нола ҳамчу уде накунам,
Ғамномаи хешро суруде накунам.
Ҳарчанд аз офтоби ишқаш сӯзам,
Бовар накунад ба ман, ки дуде накунам.

Аз барф сафедтар сарамро ту бубин,
Сармост кафанфурӯш бар хонанишин.
Гӯё ки чу ғамхор зимистон гӯяд:
Аз ҳуҷраи туст гармтар зери замин.

Нонӣ ба мақоми ёри ҷонӣ нарасад,
Ишкам ба макони дилситонӣ нарасад.
Сад ҷон, ки канӣ, гург намегардад меш,
Бемеҳр ба қадри меҳрубонӣ нарасад.

Шаб лашкари бадхоҳи сиёҳӣ дорад,
Рӯз афсари нанги некхоҳӣ дорад.
Инҳо ҳама санҷишанд, кӣ ҷониби кист?
Кӣ пай ба раҳи амри илоҳӣ дорад?

Моро рухи зард асту туро кони зар аст,
Хони шакарат ҳосили сад барфи сар аст.
Рӯсурх шудӣ зи хунҷигар гаштани мо,
Рӯсурхии лола низ фурсатшумар аст.

Гоҳе ба яқин моилу гоҳе ба шакем,
Аз пастии хоки хеш зери фалакем.
Ӯ кони сахову шукри мо ночиз аст,
Дар нисбати эҳсони Худо бенамакем.

Паргор ба гирди нуқта сарҳад дорад,
Ҳар чиз ба худ доираву ҳад дорад.
Бар оташи суръаташ баланд об зананд,
Азҳадгузарӣ оқибати бад дорад.

Бар бешаи умр ишқ чун шер расид,
Бар ҷисми сипарнадида шамшер расид.
Карданд шаҳидам он ду хунрези фироқ,
Дидори наҷотбахши ту дер расид.

Бар дарди фиреби зиндагӣ тан надиҳам,
Бар хирмани ганҷ гарди Меҳан надиҳам.
Номус матои парчами тақдир аст,
Як ришта аз он ба дасти душман надиҳам.

Бе ту гули боғи умр дар ханда нашуд,
Ҷамъи ғами дил бе ту пароканда нашуд.
Дар шодиву ғам ҳамеша ҳамроҳи манӣ,
Аз роҳи суроғам қадамат канда нашуд.

Аз субҳи сафо гарди сиёҳӣ нарасад,
Аз хирмани дон накҳати коҳӣ нарасад.
Гар бегунаҳӣ, хушк бароӣ аз об,
Бӯи тарӣ аз либоси моҳӣ нарасад.

Рӯтофтагон боз суроғам карданд,
Худёфтагон боз суроғам карданд.
Берун, ки нарафтам аз талабхонаи сабр,
Биштофтагон боз суроғам карданд.

Бар ҷоми фараҳ майи ҳазинӣ надиҳам,
Заҳр аст дар ин бӯй, ба бинӣ надиҳам.
Ғайбатшунавӣ ба лаб расонад ҷонро,
Танҳоии худ ба ҳамнишинӣ надиҳам.

Сарчашма ба мотам оҳи ғам мегардад,
Бар сина чу тир ашки алам мегардад.
Дорад ба худ иқтидори махсус тарӣ,
Девор зи бӯсидани нам мегардад.

Магзор, ки хасм гирди ту тор танад,
Миқроз бағал боз кунад, тор канад.
Як тӯда ба марг мубтало мегардад,
Як мор ба деги шир агар заҳр занад.

Аз умр фараҳ каму ғами беш расад,
Нӯш андаку аз ҳадаш фузун неш расад.
Аз даргаҳи зиндагонии пур зи даво
Як пора намак бар ҷигари реш расад.

Бар ташназамин зи қудратат об омад,
Аз саргаҳи рӯди ҳиммататат об омад.
Ҳангоми ҳадиси об гуфтан ба ҷаҳон,
Аз чашмаи меҳру шафқатат об омад.

Эй дӯст, куҷоӣ, ки ҳавоят нарасад?
Бар гӯши раҳам садои поят нарасад.
Ҳатто зи сароб мерасад нағмаи об,
Лек аз чӣ навои ошноят нарасад?

Мурдем, барои ҳифзи ҳастӣ мурдем,
Дар роҳи дифои бешикастӣ мурдем.
Сад дардшинос ҳам надонист, ки мо
Аз дарду ғами ватанпарастӣ мурдем.

Дар сарҳади дидаҳо суроб аст ҳанӯз,
Бедории мо дар дили хоб аст ҳанӯз.
Бастан ба закоб обро некӣ нест,
Хун дар ҷигари дашти кабоб аст ҳанӯз.

Ҳар қадр, ки дуртар зи фарҳанг шавӣ,
Дур он қадар аз қаламрави нанг шавӣ.
Фарҳанг чу об хоки дил нарм кунад,
Эй хоки аз ин об ҷудо, санг шавӣ.

Дигар нахӯрам шароби фанди ҳастӣ,
Талхист ба ширинии қанди ҳастӣ.
Мекард ба ток агар сари паст мадад,
Ҳар сол намедид газанди ҳастӣ.

Маънии мураккаб аст ин замзамаро,
Аз сода мапурсед маромӣ ҳамаро.
Гург аст ҳаёт, ҳай-ҳаят бесуд аст,
Чӯпон паси шиғи дида ҷо кун рамаро.

Такрор дубора асри тилло нашавад,
Машҳур дигар Балху Бухоро нашавад.
Ин мулк дигар маркази дунё нашавад,
Он маърифати гумшуда пайдо нашавад.

Шодӣ, ки агар ҷои ҳазинӣ гирад,
Бахти фалакӣ ҷои заминӣ гирад.
Парвардаи ронда ҳам намонад дар дашт,
Эй гул, мафикан бӯй, ки бинӣ гирад.

Модар шабу рӯз дар ғами мо бошад,
Ҳоким ба диёри орзуҳо бошад.
Бо он ҳама бори заҳмату номусаш
Бечораи беном ба дунё бошад.

Чашмони ба роҳ чор ҳастӣ, модар,
Ду дидаи интизор ҳастӣ, модар.
Дарди ту надонад ба ҷаҳон ҳеҷ табиб,
Зардинагули баҳор ҳастӣ, модар.

Дар чашми ҳаёт ашки оҳолуд аст,
Пасмондаи лашкари аловаш дуд аст.
Бояд, ки гуҳар аз таги баҳраш ҷӯӣ,
Дар соҳили он сайркунӣ бесуд аст.

Бар дидаи барф агар фитад бодомат,
Аз бесамарӣ зуд расад пайғомат.
Рӯро ба намакоб нашӯстаст касе,
Андешаи дур кун, ки монад номат.

Эй бандаи нафс, сер комат нашавад,
Озод аз ин банд ғуломат нашавад.
Сад бор агарки ном дигар созӣ,
Дар сафҳаи давр нек номат нашавад.

Гуфтӣ, ки: – Намонед дарояд зи дарам,
Ӯро нагузоред, ки гирад хабарам.
Ин амр шунида бо табассум гуфтам:-
Пеши кӣ барад шикоят аз пой сарам?

Ҳоким, ки сари тарс зи ҳоким дорад,
Дар санграҳаш хоки мулоим дорад.
Бад ҳам ҳазар аз руҳи каси нек кунад,
Аз мурдарақиб шубҳа золим дорад.

Бераҳм агар ҳукмравои давр аст,
Сармояи зиндагӣ азобу ҷавр аст.
Бар дидаи бесиришк баҳр аст сароб,
Оҳи дили мардум ба хаёлаш ҳавр аст.

Дар синаи хоки нарм санг аст ҳанӯз,
Пур ҷодаи фаҳм аз пайи ланг аст ҳанӯз.
Ларзидани мавҷу ҳайрати чашми ҳубоб
Гӯянд: Дар ин баҳр наҳанг аст ҳанӯз.

Шуҳратталабон оҳани худ зар донанд,
Реги раҳи умри хеш гавҳар донанд.
Дуди зи танӯри дилашон хестаро
Бо оташи меҳри мо баробар донанд.

Аз баҳри фараҳ ғамин дилеро накунам,
Эҷод ба умр мушкилеро накунам.
Кӯтоҳии умри сел донам, ки зи чист,
Рӯдам, ки хароб соҳилеро накунам.

Дар гиряи мард аз фалак хун ояд,
Об аз дили сахти санг берун ояд.
Заҳҳок зи хашми Кова андеша бикун,
Фарёд агар занад, Фаридун ояд.

Эй шеър, туӣ ғами фараҳомезам,
Аз чашми дилам чу ашк ҳарфат резам.
Ояд зи танӯри қисматам бӯи кабоб,
Бӯи ҷигари умри тарабангезам.

Дар маъракаи қатра гуҳар садр шавад,
Санге, ки шавад лаъл, гаронқадр шавад.
Комил шудан аз баҳри ҳилол осон нест,
Тай карда раҳи дашти фалак, бадр шавад.

Тори дилу сарриштаи ҷонро бикашад,
Рагҳои ғурури саркашонро бикашад.
Ишқ аз ҳама бо ҷозибааш машҳур аст,
Ҳатто, ки заминаш осмонро бикашад.

Дарди ту гаҳ аз давои ту хубтар аст,
Гоҳе зи вафо ҷафои ту хубтар аст.
Тарсам, ки бигӯй: Ба ман уммед мабанд,
Хомӯшият аз садои ту хубтар аст.

Бе панҷа задан даре ба рӯ во нашавад,
Раҳ тай ба дароз кардани по нашавад.
Сад бор шавад ҷамъу парешон сад бор,
Бе сангхӯрӣ об гуворо нашавад.

Баҳр аст ҳаёт, баҳри нором аст,
Оғози фиребӣ пеш аз анҷом аст.
Аз бастараҳист хашми мадду ҷазраш,
Пасгаштаи аз пешравӣ ноком аст.

Дар сангдара оинаранг об шавад,
Шаб сурмаи дидагони маҳтоб шавад.
Бошад ҳама дардро давое ба ҷаҳон,
Бар дидаи кӯр тӯтиё хоб шавад.

Дорад ҳама бар души дилаш бори азоб,
Хун аст насиби оташи мо зи кабоб.
Чун дуд кабудранг аз он аст сароб,
Сӯзад ҳама умр аз оташи ҳасрати об.

Барбод диҳад ғам зи азал шодиро,
Селоб кунад хароб ободиро.
Беҳуда аз имрӯз чӣ нолӣ, ки кунад
Таърихи қадим қисса бедодиро.

Ҳарчанд ба шуъла ҳамнабардӣ накунад,
Хокистари ишқ бӯи сардӣ накунад.
Дар сурхии бода рангзардист ниҳон,
Хунгашта хаёли рангзардӣ накунад.

Дар бистари ман бӯи ҳамоғӯшӣ нест,
Фарёдрасам ба ғайри хомӯшӣ нест.
Пирӣ, ки ба сар нишона дорад зи кафан,
Дигар ба дилаш завқи қабопӯшӣ нест.

Хуршед зи нав азми зиёкорӣ кард,
Аз дидаи ях ашки фараҳ ҷорӣ кард.
То даври кафанпӯшии саҳро гузарад,
Наврӯз қабои нав харидорӣ кард.

Дар баҳс агар хавф хамӯшӣ дорад,
Дар базм хатар шаробнӯшӣ дорад.
Ҳақҷӯ ба ҳама ҷуръати худ боз ҳазар
Аз суҳбату ҳарфи бехгӯшӣ дорад.

Аз нахл на мева, лонаро мегирад,
Не мағз, бузургдонаро мегирад.
Тақдим китобхона бар ӯ накунед,
Ҷоҳил на китоб, хонаро мегирад.

Кӣ дид алови ишқу кӣ гиряи меҳ?
Дар дидани ботин ҳама кӯрем, дареғ.
Дилчок гаҳ аз бағал кушодан гардем,
Бар дида аён намешавад тезии теғ.

Ёди ту ба мисли бод борон орад,
Бахшандаи дард боз дармон орад.
Аз васли ту, ҷонона, умедам наканам,
Ҳарчанд, ки ҳаҷри ту ба лаб ҷон орад.

Пеши ту дилам рози ниҳон накшояд,
Дармон гираҳ аз дарди гарон накшояд.
Пушти дари ганҷи ишқ ҳайрон дузд аст,
Мифтоҳи забон қуфли баён накшояд.

Вақте ки дари умеди кас баста шавад,
Ҳар ҷо, ки равад, баста раҳу раста шавад.
Гӯё зи самои зиндагӣ борад санг,
Болу пари мурғи бахт бишкаста шавад.

Фарёд зи мо гавҳари хомӯшӣ бурд,
Поиз гули фасли қабопӯшӣ бурд.
Хушнуд аз онем, ки ёди дигарон
Моро ба сарои худфаромӯшӣ бурд.

Ойинаам аз ғубор холӣ бошад,
Хокам тиҳӣ аз гарди малолӣ бошад.
Зарфи дилам аз шарбати ихлос пур аст,
Дорам ба вуҷуд, он чӣ олӣ бошад.

Бедард зи қудрати даво бехабар аст,
Хобида зи ҳоли чашми во бехабар аст.
То чӯб ба асбоб мубаддал нашавад,
Аз лаззати нолаи наво бехабар аст.

Ҳоҷат, ки фитад дур қарибат гардад,
Пои ту бимоладу табибат гардад.
Бегона зи хешиаш ба ту қисса кунад,
Бераҳми ҷаҳон низ ҳабибат гардад.

Кораш, ки шавад буд, гурезад зи барат,
Бемор агар шавӣ, нагират хабарат.
Вақте ки зи ҷӯйбор бигзашт хараш,
Нокас нагузорад қадамаш дар гузарат.

Захмин шавад аз пушти самар шохи дарахт,
Модар кашад аз баҳри писар заҳмати сахт.
Холӣ раҳи шодӣ зи ғубори ғам нест,
Дорад ҳама кас ба сурате раҳзани бахт.

Гӯё дами теғ хати андешаи мост,
Гӯё ки палангу шер дар бешаи мост.
Бар чашми ҳасуд ҳарф тобад занбӯр,
Бар решаи бахти мо ҳунар тешаи мост.

Оҳ ашк шуду зи ғам дарун холӣ кард,
Заҳроб зи ҷоми лолагун холӣ кард.
Бераҳм ба бекасӣ сари раҳм омад,
Хор обилаи дилам зи хун холӣ кард.

Озод нафаскашӣ туро мақсуд аст,
Лекин ба куҷо тозаҳаво мавҷуд аст?
Таҳмондаи шаҳд низ заҳролуд аст,
Ҳар ҷой, ки оташ аст, он ҷо дуд аст.

Ҳар омада як нишонаатро бибарад,
Бе мӯй шикасташонаатро бибарад.
Рӯ тобад агар бахт, нагардӣ сарсабз,
Мӯр аз таги хок донаатро бибарад.

Дигар, ки шавад тапидани дил, марг аст,
Кам гаштани нури шамъи маҳфил, марг аст.
Баҳр аст ҳаёт агар, чӣ чӯӣ соҳил,
Осудагии мавҷ ба соҳил марг аст.

Он сон, ки ба шаб роҳ мусофир ҷӯяд,
Он сон, ки зи дом дона тоир ҷӯяд,
Он гуна зи хони зиндагонӣ ҳама умр
Нӯшинаи пур зи неш шоир ҷӯяд.

Аз мӯи ту як риштаи оҳ аст маро,
Аз рӯи ту хуни дил гувоҳ аст маро.
Аз васл асар нест, куҷо шиква кунам,
Дар шаҳри фироқ додгоҳ аст маро.

Бе сояи хам ҳеҷ сарафрохта нест,
Холӣ дили ғолиб зи ғами бохта нест.
Таъхир ба пурсидани ёрон накунед,
Суде зи савол додани фохта нест.

Ифшо накунам бар ҳама рози дили худ,
Дорам чу замин об ба зери гили худ.
То лӯхтаки дасти баҳри ҳастӣ нашавам,
Чун мавҷ шавам муқим дар соҳили худ.

Гирандаи ҷои панд агар фанд шавад,
Дар хидмати беҳунар ҳунарманд шавад.
Мушкил, ки фитод, ҳамраҳи донаи пуч
Дар маҳбаси ғам хоки баруманд шавад.

Эй лола, сар аз хок чӣ берун кардӣ?
Ғамро ба баҳори умр афзун кардӣ.
Доғи дили ман зи хотират рафт магар?
Дилсӯхтаро боз ҷигархун кардӣ.

Гармӣ нарасад аз оташи табдорон,
Дом аст ба роҳ пайи матлабдорон.
Ҳарчанд хабаркашон адуи бахтанд,
Ёранд ба он тоифа мансабдорон.

Дар даҳр касе чу зан ҳабибат нашавад,
Ҷуз ӯ ба дами дард табибат нашавад.
Аз марг ҳаёт сахттар мегузарад,
Вақте ки зани хуб насибат нашавад.

Банданд раҳи об, фузун мегардад,
Безандаи хок аз дарун мегардад.
Ҳарчанд табар зананд бар сабздарахт,
Сад навда аз он боз бурун мегардад.

Олам ба нигоҳ бастароҳ аст маро,
Овози мусофиронаш оҳ аст маро.
Аз оташи ғам об дили раҳпояш,
Селоби сиришк аз он гувоҳ аст маро.

Ёд аз фараҳам ғуссаи мардум ояд,
Ёд аз хати ҳарфдор раҳгум ояд.
Аз қисмати писта ғофилам, лек чу ӯ
Мағзам ба даҳон зи як табассум ояд.

Душвор сарои дигарон бигрифтан,
Сарманзили хунинҷигарон бигрифтан.
Пурзӯр зи ҷинс аст гаҳе панҷаи нанг,
Дон аз даҳани мӯр гарон бигрифтан.

Чун мор хаёл бар сарам по монад,
Захмам шуда хун, бар ҷигарам по монад.
Бориктар аз ҷодаи дор аст раҳам,
Килкам ба сараш ба мистарам по монад.

Шодем, ки бори ғуссаи беш кашем,
Хор аз дили ғамноку ҷигарреш кашем.
Аз теғи забони мо диле хун нашавад,
Мо теғ чу офтоб бар хеш кашем.

Гӯри дили шодиталаби хеш канад,
Лек аз ғами худ ба бағаме гап назанад.
Дар рӯзи бад аз бар биравад гандарафиқ,
Монанди асое, ки ба сахтӣ шиканад.

Хат дар варақам аз пайи теғ аст асар,
Ҳарф аст сиёҳқатраи хуни ҷигар.
Як раҳрави танҳост қалам дар мистар,
Аз ҷодаи эҷод мапурсед дигар.

Хоб аст агар хоҷа, сагаш бедор аст,
Ҷисм аст агар хоб, рагаш бедор аст.
Ҳар гаҳ, ки замин биҷубад, аз дил гузарад:
Шояд, ки : Кадоме ба тагаш бедор аст.

Фарёди баланд аз паси девор ояд,
Бар лонаи пурчӯҷа магар мор ояд?
Бар сар ҳама фикри ҳифзи ҳастӣ дорад,
Берун зи тани нозуки гул хор ояд.

Аз хотири ҷамъ мекунад зар маҳрум,
Аз фикри фузун зи мӯ шавад сар маҳрум.
Хушнуд машав зи боли шуҳрат, ки кунад
Аз роҳи бақо мӯрчаро пар маҳрум.

Андешаи чашми интизорам накунанд,
Фикри раҳу сангинии борам накунанд.
Шояд, ки ҳанӯз ҳам маро нашносанд,
Бинанд пиёдаам, саворам накунанд.

Дилбохта ҷӯяд фараҳ аз ғамкадааш,
Ҷӯяд пайи Наврӯз зи кӯи Садааш.
Хокистари ишқ то қиёмат гарм аст,
Рӯҳест, ки пояд раҳи оташзадааш.

Наздик шавад нур, занад неш ба ҷон,
Таъсир кунад зи дуртар кам пайкон.
Аз чашми фурӯнишаста осуда ҳама,
Аз дидаи барҷаста расад беш зиён.

Шодии зиёнрасон зи пай ғам дорад,
Ҷашни ҳама ҷаврқарда мотам дорад.
Бобои ҳама як аст, лек аз чи сабаб
Одам ҳама умр сайди одам дорад?

Дил шефтаи минбару мизе нашавад,
Чашмам тиҳӣ аз тарҳи азизе нашавад.
То фикри ватан дораму андешаи халқ,
Меҳмон ба сарам хаёли чизе нашавад.

Кардем ғалатнавиштаи хеш дуруст,
Шуд сахт зи таҳрир ҳама гуфтаи суст.
Эй бехабар аз олами эҷод, бидон
Хуб аст пасофарида аз шеъри нахуст.

Аз ғайб расад садо: – Дареғи ҳунарат,
Кардаст ниҳон наём теғи ҳунарат.
Оташнафасӣ гузашту мерезад ашк
Аз дидаи дудхӯрда меғи ҳунарат.

Ғам нест, агар равад мадор аз поям,
Дорад раҳи ман нақш ҳазор аз поям.
Дар ҷодаи хат шудаст сӯзан қаламам,
Сӯзан бикашад ба дида хор аз поям.

Беҳуда ҳасуд ҷӯяд озори маро,
Беҳуда кашад ба ғусса ғамхори маро.
Бозорам агар пур аст аз бори ҳунар,
Аз раҳ натавон задан харидори маро.

Чун абр ба дидагони худ нам бинам,
Гулҳои фараҳ ба пуштаи ғам бинам.
Бе ман гузарад ба зодгоҳам ҳама ҷашн,
Дидор магар ба рӯзи мотам бинам?

Дар Данғара қиблагоҳу модар бигзашт,
Ду ҷону ҷигар, додару хоҳар бигазашт.
Рӯзе хабар ояд, ки аз ин дашти камоб
Дарёи сухан ба дидаи тар бигзашт.

Эй дард, маро дарди сари кас ту макун,
Қадри гуҳарам баробари хас ту макун.
Ҷон аз тани шермард мардона барор,
Ҷо тарҳи маро ба чашми каргас ту макун.

Ҳайрон нашавед ёру бегонаи мо,
Болост зи сар бори ғами шонаи мо.
Аз зери замин, ки гунбаде бар сари ӯст,
Дарҳол бурун намешавад донаи мо.

Дорои ҷаҳон ба шодияш ғам дорад,
Бедарди баэҳтиёт марҳам дорад.
Дорад ҳама чӣ ҳисоб, аз ҳад магузар,
Ҳар ҷашн зи пай ғубори мотам дорад.

Поси намак аст қарз дар гардани ман,
Равшан шаби тира гардад аз гулхани ман.
Аз сӯхтанам, ки дуд дорад ба бисот,
Бар ёд расад ду дидаи равзани ман.

Як даста зи дасти сабр дилхун шудаанд,
Як даста зи дасти ҷавр макнун шудаанд.
Посух ба суолам надиҳад ҳомии вақт,
Некон каму бадҳо зи чӣ афзун шудаанд?

Аз ганҷи дигар ками худ афзун накунед,
Русурх худ аз ҳисоби дилхун накунед.
Заҳҳок, ки мехӯрд ғами хеш, чӣ шуд?
Аз каллаи халқ мағз берун накунед.

Гӯянд ба васфи ман сухан, пок кунӣ,
Аксам зи навори анҷуман пок кунӣ.
Сабт аст ба садҳо варақи дафтари дил,
Зӯрат нарасад, ки номи ман пок кунӣ.

Ҳар қадр, ки боло равӣ аз маскани хок,
Он қадр шавад хотири шодат ғамнок.
Пиндошта чун ғосиби даргоҳу дараш
Тират бизанад камони чашми афлок.

Аз ҳад, ки гузашт нӯш агар, неш шавад,
Шаккар намаке бар ҷигари реш шавад.
Гардад зи кушодани гираҳ ришта дароз,
Дарди дили холишуда ҳам беш шавад.

Беҳуда марез ашк дигар хомаи ман,
Бигзашт замони ишқу ҳангомаи ман.
Бар номабарон умед бастан ғалат аст,
Бар дилшуда ҳам намерасад номаи ман.

Ҷӯёи даво ба дарди бемор манам,
Ғамхори ба ҷустуҷӯи ғамдор манам.
Хобанд ҳама, дидаи бедор манам,
Танҳои ба сад фикр гирифтор манам.

Бигзор, ки нек ҷои бад сабз шавад,
Хушкад ҳама, гар тухми ҳасад сабз шавад,
Бар донаи пурмағз таваҷҷуҳ беш аст,
Дар шӯразамин ҳам, ки фитад, сабз шавад.

Дар хирмани ёд дона аз холи ту монд,
Моши аламе нишона аз холи ту монд.
Бар ишқи ҳақиқӣ, ки накардӣ бовар,
Дар дафтари дил фасона аз холи ту монд.

Дар кӯи фаромӯшии ёди ту манам,
Дар гӯшаи хомӯшии ёди ту манам,
Ҳамқисмати поизаму маҳрум мудом
Аз давраи гулпӯшии ёди ту манам.

Чун риштаи пилла кард мӯро сари мо,
Ҷӯед зи рӯди рангзардӣ, зари мо.
Ибратасари замони хешем, ки ҳаст
Аз қиссаи нангу ор пур дафтари мо.

Сабз аст зи номуси амал решаи мо,
Мушкилгузар аст баъд аз ин бешаи мо.
Кӯҳ гашта зи дона хирмани пешаи мо,
Аз хӯша пур аст марзи андешаи мо.

Шодам, ки зи ганҷи ғусса доро шудаам,
Аз ҷамъи сиришки дида дарё шудаам.
Вақте ки замони тангдастӣ бигузашт,
Аз хонаи чашм рӯ ба дунё шудаам.

Онро, ки сади роҳ шумурдед, гузашт,
Аз олами ӯ баҳра набурдед, гузашт.
Ҳатто, ки аён шавад зи ғам хӯрданатон
Ӯро ба сарои ғам супурдед, гузашт.

Пай аз раҳи кӯву дари ман тоза шавад,
Сад тарҳ ба чашми тари ман тоза шавад.
Вақте ки ҳавояш надиҳад дасти замон,
Хат аз варақи дафтари ман тоза шавад.

Ҳар оҳ ба гӯши дили ман фарёд аст,
Ҳатто ҳама ҳарфи анҷуман фарёд аст.
Ҳамдард ба сад хилват агар хеш занад,
Ӯро ба сарои ҷону тан фарёд аст.

Аз даҳр гузашт бармаҳал додари ман,
Пайгири бародарам бишуд хоҳари ман.
Аз зиндабагӯриям хабар ёфта марг
По аз сари инсоф кашид аз дари ман.

Карданд хулоса: Ҳеҷ бошад ҳама чиз,
На тахт бимонаду на курсиву на миз.
Ҳайратзада чашмони ғубор аст ҳанӯз
Аз омадану рафтани ёрони азиз.

Нодон ба сабақхонаи олим наравад,
Олим ба сарои айши золим наравад.
Сарчашма ҳама бигирад аз зот, ки об
Берун зи дари хоки мулоим наравад.

Ҳарчанд баландрутбаӣ, паст туӣ,
Ҳаққоқиву дар бадӣ забардаст туӣ.
Дар олами нафс ҳам туӣ ғолиби давр,
Як дарди сари халқ агар ҳаст, туӣ.

Омад хабаре, ки ёри нав ёфтаӣ,
Як соянишин вақти дарав ёфтаӣ.
Аз пуштаи пур зи гандуми қисмати худ
Як хӯшаи нешдори ҷав ёфтаӣ.

Дар ҷодаи мо сади азоб афзун аст,
Сармояи сабр аз шитоб афзун аст.
Ҳарф аст сиришку хати мо ҷӯйи пуроб,
Дар хоки вуҷуди шоир об афзун аст.

Гарм аст, вале насӯзад оҳи модар,
Холист зи кина меҳргоҳи модар.
Азбаски хатобахши бузурги давр аст,
Сӯзан нашавад нури нигоҳи модар.

Дар сина пайи теғ чу гандум дорам,
Сад гиряи пинҳон ба табассум дорам.
Дорам дили пур зи оташу об чу чашм,
Сармояи зиндагӣ ба ин хум дорам.

Бе ҳамдами нек бад маро ҳол шавад,
Рӯзам ба назар дароз аз сол шавад.
Хокистараш аз хоки дигар хубтар аст,
Бе ӯ сияҳ ойинаи иқбол шавад.

Гуфтанд: Дили чорагарон ёфтаӣ,
Борат ба дари он ҳама партофтаӣ.
Аз сеҳри туем бохабар, лек бигӯ:
Аз мо чӣ гузашт, рӯ зи мо тофтаӣ?

Аз мақадами васл ҳаҷр пайканда шавад,
Нур ояд агар, соя пароканда шавад.
Баъд аз ҳама ҷонбалабрасӣ ҷӯшад об,
Ҳар гиря пас аз гузашти ғам ханда шавад.

Авзои дил аз мардумаки дида мапурс,
Бедорниҳодро зи хобида мапурс.
Хун гоҳ бурун зи масканаш мегардад,
Пуртобиаш аз сиришки шорида мапурс.

Ғам хӯрда равон ба роҳ дарё гардад,
Дар роҳи мусофират сараш по гардад.
Овоз расад зи кандану бурдани сел:
Ғоратгари зӯр зуд доро гардад.

Ин гуфта ҳақиқат аст, не ҳарфи дурӯғ,
Зулмат ҳама умр хасм бошад ба фурӯғ.
Таъриф ба туҳмазада ҳам таҳдид аст,
Ҷонсӯхта пуф карда хӯрад косаи дӯғ.

Фарёдраси аз ҳама хубам оҳ аст,
Ёре, ки зи ҳол ман мудом огоҳ аст.
Фасли самари пуштаи гандум, ки гузашт
Чизе, ки ба чашми ҳама тобад, коҳ аст.

Дорам ба хаёлгоҳи худ хона ҳанӯз,
Тифлист дар он диёри афсона ҳанӯз.
Мӯри аҷал аз нуҳуфтаҳо сер нашуд,
Аз хирмани зиндагӣ кашад дона ҳанӯз.

Аз хоки сафед лои андова кунанд,
Аз оҳани пургудохта това кунанд.
Пайкони нигоҳи давр афтад ба бузург,
Аз чӯби дарахти паҳнбар нова кунанд.

Андеша зи диду дарк пайдо гардад,
Бо нохуни ақл сад гираҳ во гардад.
Илм аст ба мисли қатраҳои борон
Ҷамъаш, ки агар кунанд, дарё гардад.

Ишқат асар аз хаёлу аз хоб набуд,
Хуршеди фироқ буд, маҳтоб набуд.
Дар оташи ғам сӯхтанам ҳаст далел,
Дил об намегашт, ба чашм об набуд.

Соҳибҳунар аз соҳиби дил боло нест,
Хоке, ки намаш нест, зи гил боло нест.
Он қасри бузурге, ки ба ҳукми дигар аст,
Аз хонаи хурди мустақил боло нест.

Он кас, ки ғизои ишқро тӯша кунад,
Рӯ ҷониби як даргаҳу як гӯша кунад.
Бар беш ками беғами худро надиҳад,
Донро ба кафи хок диҳӣ, хӯша кунад.

Баднафс агар соҳиби мансаб гардад,
Рӯзи ҳама зердастҳо шаб гардад.
Хуршед ба пушти абр маскан гирад,
Маҳтоб хароб гашта, кавкаб гардад.

Носер ба зоти сер созиш накунад,
Сайёд ба гургу шер созиш накунад.
Як нуқта ҳақаш агар ба дигар гузарад,
Монанди забар ба зер созиш накунад.

Дар пардаи сози дил ҳазор оҳанг аст,
Дунё ҳама ҷо дар ин сарои танг аст.
Гунгист асар зи дастаи беҳунарон,
Дар дасти ҳунар чу сози гӯё санг аст.

То рӯз бурун нагардад аз батни шабат,
Бар чашм натобад офтоби тарабат.
Унвони баланди ҷоннисорӣ надиҳанд,
То чашмаи ҷонро нарасонӣ ба лабат.

Гар хушсуханӣ, хазон баҳорат гардад,
Гар бадсуханӣ, ҳодиса ёрат гардад.
Гунге ба ду ҳарф посухи роз навишт:
Хуб аст, ки хомӯшӣ шиорат гардад.

Парро чӣ кунӣ, агарки болат надиҳанд,
Хокат чӣ кунад, об ниҳолат надиҳанд.
Чун дастхати даври куҳан кӯр шавӣ,
Навомадагон агар шамолат надиҳанд.

Чашме, ки аз он замини рӯ тар нашавад,
Чу баҳри сароб нафъовар нашавад.
Марг аст ба фикри ҳастии худ будан,
Пайдо зи дили хушкзамин зар нашавад.

Булбул бишунав: – Фохта ҳам мегузарад,
Дилбурдаву дилбохта ҳам мегузарад.
Гар косаи навбат аст ин омаду рафт,
Сарпасту сарафрохта ҳам мегузарад.

Дунёталабон иморати нав хоҳанд,
Бар қасри умеди хеш партав хоҳанд.
Аз хирмани зиндагиву саҳрои ҳаёт
Гандум ба худу ба дигарон ҷав хоҳанд.

Бар сози хамӯши умр оҳанг шавам,
Бар гунг забону пой бар ланг шавам.
Дарёст ҳаёт, то намонад зи қатор,
Дастони мадад чу об бар санг шавам.

Ҷамъи ҳамаро ҳаҷр пароканда кунад,
Гирён ҳамаро ҳаёт бо ханда кунад.
Бо дони фиреб сайди мақсудашро
Бар дом гирифтор фиребанда кунад.

Аз ҷодаи рафта бор осор бимонд,
Аз хонаи канда тарҳи девор бимонд.
Пирӣ ба мисоли деҳаи матрук аст,
Аз боғи пур аз гулаш нишон хор бимонд.

Ҷӯям зи ғами худ асари шодиро,
Вайрона талаб мекунад ободиро.
Дар неку бади даҳр нишони давр аст,
Бар зар надиҳам ғубори озодиро.

Раҳ мисраи худ ба кӯи бахтам кардам,
Об ашки қалам ба рӯзи сахтам кардам.
Дилхун шуда, дар мазраи дилҳои ҳама
Сарсабз ҳазору як дарахтам кардам.

Кафш аз шалу шона ӯ зи кал металабад,
Аз хонаи пашша ҳам асал металабад.
Носер ғами серии мардум нахӯрад,
Бурдаш талабам, агар аҷал металабад.

Бар меҳри Ватан то ҳамаро вола кунам,
Кам хуфтаву дида сурх чун лола кунам.
Боғ аст агар Ватан, чу фарзанди падар
Ҳар нахли диёр ҳифз аз жола кунам.

Не сокини мулки фитнаандозием,
Не ҳамнафаси оташи носозием.
Дар саҳнаи номардӣ умед аз мо нест,
Мо аз ҳама беҳунар дар ин бозием.

Онон, ки пайи нафъ суроғат бикунанд,
То мева турост, рӯ ба боғат бикунанд.
Ҳампешаи боданд, гар имкон ёбанд
Доман зада, хомӯш чароғат бикунанд.

Дар мактаби мо ғайри худомӯзӣ нест,
Дар маслаки шамъ ҷуз худафрӯзӣ нест.
Мо ризқ зи олами ҳунар меҷӯем,
Ҷуз ашки қалам барои мо рӯзӣ нест.

Анҷир ба шаб шукуфтанаш машҳур аст,
Кӯдак ба зиёд хуфтанаш машҳур аст.
Дар даҳр раҳи ба ёд мондан кам нест,
Оина ба рост гуфтанаш машҳур аст.

Бар доми ғами ишқ гирифтор манам,
Бар дард давоҷӯй чу бемор манам.
Ҳар лаҳза шавад пора дил аз теғи фироқ,
Васли ту ба нархи ҷон харидор манам.

Танҳо, ки бимонам, ҳама бар ёд расад,
Бар ёд фалак аз дами бунёд расад.
Бечора фиғону чорагар дорад оҳ,
Аз хилвати ман ҳазор фарёд расад.

Дигар ба хатам аз ту ҷавобе нарасад,
Аз мавҷ паёме ба ҳубобе нарасад.
Ҳарчанд зи ғусса ашк резам шабу рӯз,
Як қатра аз он ба ёди обе нарасад.

Мо чӯби каҷеро зи камон нашносем,
Чизе, ки писанд нест, он нашносем.
Дар ҷодаи некӣ сари мо гашт сафед,
Мо дилсияҳу бади замон нашносем.

Аз дида сиришки ғам ба рӯ мерезад,
Девори намолуд фурӯ мерезад.
Нозук дили пир аст, агар битвонӣ
Як ҳарф бурун зи дил магӯ, мерезад.

Аз оби намакдор дилам пур шудааст,
Ҷорӣ шуда аз дида, гилам пур шудааст.
Аз гил зада рӯй, соҳилам пур шудааст,
Алқисса, тамоми манзилам пур шудааст.

Сахт аз ҳама аз маърака берун шудан аст,
Маҳзуншуда маҳрум зи мамнун шудан аст.
Аз теғи ғаму дард ҷигархун шудан аст,
Безор зи шуҳрати Фалотун шудан аст.

Рӯсурхӣ агар боз ба хунгашта расад,
Пайғоми зафар ба сарнагунгашта расад.
Аз хеш бурун шав, ки шуои хуршед
Бар сабзаи азхокбурунгашта расад.

Пинҳон, ки шудӣ зи дида, ҷӯянд туро,
Гум гаштани ту шунида, ҷӯянд туро.
Аз дидаи эътибор ҳозир афтад,
Ғоиб, ки шавӣ, надида, ҷӯянд туро.

Пайдо ба лаби шукр шикоят нашавад,
Содир зи худотарс ҷиноят нашавад.
Фарқ аст миёни қатраи обу сиришк,
Сад қисса баробари як оят нашавад.

Бар сайри гули лола ҷигархун наравад,
Хушнуд равад ба ҷашн, маҳзун наравад.
Сарсоншуда шак ба худшиносӣ дорад,
Бе ҳуҷҷати худ зи хона берун наравад.

Гӯё ки расад ба гӯш аз кӯҳи мазор:
Яксола баробар аст ин ҷо ба ҳазор.
Пайкон ба тани ҷавони бенанг шавад,
Чашмони ба раҳ дӯхтаи модари зор.

Дар ҷодаи безаволиям аз ҳама пеш,
Дар мотами ман гиря кунанд аз ҳама беш.
Гӯянд агар хабаркашон хор маро,
Як хори шикастаи ҷудоям аз неш.

Хокистари рашк дорад оташ ба тагаш,
Аз риштаи барқ оварад ёд рагаш.
По дар раҳи кӯяш аз садо маҳрум аст,
Бедор, ки то нагардад аз хоб сагаш.

Ҳарчанд, ки бурд аз ҳалолӣ дорам,
Лек аз аламе гарди малолӣ дорам.
Дар маъракае, ки ҷумла бар каф нигаранд,
Бар по нигарам, ки дасти холӣ дорам.

Занги ту аз оҳани дилам занг барад,
Оҳанги ту оҳи дили хунранг барад.
Дар ҳайрат аз онам, ки гаҳе шубҳаи ту
Аз хирмани муми ошно санг барад.

Хуни ҷигарам, кабобтар аз ман нест,
Бо чашми кушода хобтар аз ман нест.
Тарсам, ки зи мо ба қатра дарё бихаранд,
Дар кишвари об обтар аз ман нест.

Бадхоҳ фақат ба ганда бовар бикунад,
Бар зоти худаш газанда бовар бикунад.
То мӯҳри сиёҳрангаш аз каф наравад,
Ҳоким ба сияҳкунанда бовар бикунад.

Имрӯз ба ҳеҷ дард дармон нашавӣ,
Бар пайкари ҷонсӯхтагон ҷон нашавӣ.
Рӯзе ба ту ҳам косаи навбат бирасад,
Раҳ нест, ки аз карда пушаймон нашавӣ.

Аз ту зари шодиву зи ман хоки ғам аст,
Дар дасти ту муҳру дар кафи ман қалам аст.
Ҷӯӣ ту маро вақти ҷавобе ба савол,
Пур қиссаи бераҳмии даҳр аз алам аст.

Гард аст ба ёд аз раҳи паймуда,
Монад зи паи сӯхтаоташ дуда.
Зар хок шавад, агар ба қадраш нарасанд,
Марҷон нашавад ашки бахунолуда .

Чӣ оташӣ, аз дуд набишнохтамат,
Чӣ соҳилӣ, аз руд набишнохтамат.
Ҳарчанд шудам ҳамсафарат, лек туро
Дар ҷодаи мақсуд набишнохтамат.

Эй мева, зи шохсор афтӣ рӯзе,
Аз панҷаи хордор афтӣ рӯзе.
Чун мо, ки зи чашми эътибор афтодем,
Аз дидаи эътибор афтӣ рӯзе.

Дил аз ғами ишқ пур зи об аст чу машк,
Резад зи даҳони чашми ман қатра чу ашк.
Гаҳ сояи ту ба чашм тобад чу рақиб,
Сарбози бананг парварад лашкари рашк.

Парво накунам, агар суроғам накунӣ,
Борони нигаҳ ба зардбоғам накунӣ.
Аз ёди ту рафта бошад он сӯхтанам,
Беҳтар, ки дигар фикри чароғам накунӣ.

Шуд оташи бахт дуд, уммед намонд,
Марсия шуд он суруд, уммед намонд.
Беҳуда ба дил меҳри туро ҷо кардам,
Аз ёд бар он чӣ буд, уммед намонд.

Сад чоҳи ниҳон раҳи хабаркаш дорад,
Дар ҳар қадам оҳанги кашокаш дорад.
Хокистари нияташ ба ҷуз ранги сиёҳ
Дар зери бағал нуҳуфтаоташ дорад.

Аз бом ҷудо сутун шавад, ғам нахӯрӣ,
Тахти ҳама вожгун шавад, ғам нахӯрӣ.
Рӯсурхии худ аз ҳама боло шумарӣ,
Дунё, ки сарои хун шавад, ғам нахурӣ.

Дунё пур аз ооораву маҳзуншуда аст,
Аз сарҳади амни хеш беруншуда аст.
Бошад ҳама дилкушодӣ аз ҳамдардӣ,
Дар хонаи як анор сад хуншуда аст.

Дар даст дирафш озими раҳ гаштем,
Маҳрум зи хобу кайфи ҷогаҳ гаштем.
Пиндошта панд он ҳама фанди ҳаёт,
Дер аз ҳама макри даҳр огаҳ гаштем.

Мо рӯ ба китобу рӯй орӣ ту ба хоб,
Мо хуни ҷигар хӯрем,ту лек гулоб.
Ин фарқ ба вақти марг аз байн равад,
Кофист ба ҳалқи ҳама як қатраи об.

Дорам дили ғуссадор, шодам накунӣ,
Ғамдонаи хирманам, ки бодам накунӣ.
Гоҳе писаре намекунад ёди падар,
Ман шиква ба кӣ барам, ки ёдам накунӣ.

Бемораму ҳоҷат ба табибон дорам,
Чашмони умед бар ҳабибон дорам.
Ғам низ зи шодии рақибон дорам,
Ҳайратнигаҳе мисли ғарибон дорам.

Сарриштаи зиндагӣ ба дастам нарасид,
Гулмоҳии иқбол ба шастам нарасид.
Дар анҷумани фараҳ надоданд сухан,
Дар ғамкада ҳам ҷои нишастам нарасид.

Ашкем, ки аз чашми замон рехтаем,
Оҳем, ба ҳаври фалак омехтаем.
Мо шиква надорем зи ғалбергарон,
Ҷамъияти поки хирмани бехтаем.

Халқ аст агарки баҳр, соҳил моем,
Саҳрост агар диёр, манзил моем.
Дар ҳифзи ҳамин обу ҳамин гил моем,
Яъне, ки гираҳкушои мушкил моем.

Бӯе набарӣ аз ғами эҷодгарӣ,
Пай нест ба роҳи ту зи имдодгарӣ.
Холист сарат зи фикри бунёдгарӣ,
Дар нияти чуғд нест ободгарӣ.

Бӯи алами ишқ сурудат накунад,
Бӯи ҷигари сӯхта дудат накунад.
Сад бор дигар кунӣ агар ному насаб,
Гар бадгуҳарӣ,он ҳама судат накунад.

Ҳар гаҳ, ки туро дар сари минбар бинам,
Чашми ҳама беруншуда аз сар бинам.
Ларзад дилу ҷон дами сухан гуфтани ту,
Гӯё ки заволи лафзи модар бинам.

Аз шарбати таъна заҳр хӯрдан осон,
Аз ҷабри зиёд ҷон супурдан осон.
Гуфтӣ, ки биё, агар ба ман гап дорӣ,
Аз дидани дидори ту мурдан осон.

Ту раҳм надорӣ, аз ту дурӣ беҳтар,
Кач пой гузорӣ, аз ту дурӣ беҳтар.
Ҳарчанд, ки соҳиби мақомӣ гӯям:
Як дузди мазорӣ, аз ту дурӣ беҳтар.

Оҳанги нишотро зи афсӯс мапурс,
Гумкардамақомро зи маҳбӯс мапурс.
Аз мулки садоқатему аз кишвари меҳр,
Маънии ҳаёти мо зи ҷосус мапурс.

Дар роҳи бадӣ мӯи сияҳ кард сафед,
Лек ӯ нарасид ба дари кӯи умед.
Бо фитнаву макр ҳам муяссар нашавад
Бигрифтани ҷои мева бар сояи бед.

Бо куҳи ғами худ аз ҳама шодтарам,
Дар хонаи танги хеш озодтарам.
Бар қасри баланд боми пастам надиҳам,
Аз ҷамъи худодода худододтарам.

Аз роҳи дуруст бадқадам метарсад,
Шамшерзан аз аҳли қалам метарсад.
Ҳар муттаҳами соҳиби анбори силоҳ
Аз теғи нигоҳи муҳтарам метарсад.

Ҳар гаҳ, ки нигаҳ ба сӯи абри ту кунам,
Фарёд зи жолаҳои ҷабри ту кунам.
Дар боғи умед меваву барг намонд,
Гар нола кунам, зи кандақабри ту кунам.

Боло маталаб, ки кам нафас мегирӣ,
Худро ба бари мурғи қафас мегирӣ.
Захмин шавӣ, афтӣ агар аз зинаи паст,
Аз боми баланд афтӣ агар, мемирӣ.

Бар кӯр хати умедро наспоред,
Лоиқ ба сар аст он чӣ, ба по наспоред.
Чун баҳр агарчи осмон ҳам табад,
Тайёра ба ҳукми нохудо наспоред.

Миннат бикунад, ғайри ту ҳар кас, ки диҳад,
Чӯбаш шумарад, агар сари хас, ки диҳад.
Муҳтоҷ, Худоё, ба дари банда макун,
Ӯ додаи худро ба ҳадаф баски диҳад.

Бар гӯши фалак магар садоям нарасид,
Сад дард расиду як давоям нарасид.
Аз пушти гурусначашму дилтанги замон
Дар маъракаи кушод ҷоям нарасид.

Дар ҷодаи ишқ чашм шуд ҳар як пай,
Кардам ба умеди васл ин раҳро тай.
Гуфтам, ки насиб кай шавад дидорат?
Гуфто, ки пас аз баҳор, агар ояд дай.

Таъсир намекунад муноҷоти дурӯғ,
Берун шавад аз китоб оёти дурӯғ.
Ку ҷангали нахлҳои сабзондаатон?
Парҳез кунед аз ҳисоботи дурӯғ.

Дар кӯчаи ғам нишастаро таъна мазан,
Бечораву дилшикастаро таъна мазан.
То ҳоли ҳамон банда насибат нашавад,
Овора ба роҳу растаро таъна мазан.

Гаҳ зиндаву гоҳ мурдаро мемонад,
Ҷон дораду ҷонсупурдаро мемонад.
Ҳар кӯдаки аз меҳру навозиш маҳрум,
Бечораи солхӯрдаро мемонад.

Ҳар гаҳ, ки кунад хурӯш рӯди ғами ишқ,
Марсия шавад ба дил суруди ғами ишқ.
Аз хона равад дуд, кушоянд дараш,
Аз дил наравад валек дуди ғами ишқ.

Дорад ҳама чӣ ҳисоб, андеша бикун,
Бедор шудӣ зи хоб, андеша бикун.
Ҳарчанд дигар кунӣ раҳаш, боз равад
Бар рафтараҳи худ об, андеша бикун.

Парвардаи ту гурдаи шерӣ дорад,
Дил ҷои шикам зи чашмсерӣ дорад.
Кӯлоб, диёри шердилҳо ҳастӣ,
Таърихи ту қиссаи далерӣ дорад.

Дар мактаби сархамӣ баҳо ток гирифт,
Ҷоизаи сарбаландӣ афлок гирифт.
Гирад ҳама аз хислати худ шуҳрату ном,
Ҷо об зи нармӣ дар дили хок гирифт.

Айёми ба боғ баргрезон бошад,
Даврони ба дашт хокбезон бошад.
Ҳар гард савораи ғазаболуд аст,
Аз кардаи худ бод гурезон бошад.

Ишқ омаду ҷои чашмаро рӯд гирифт,
Ошиқшуда аз шӯразамин суд гирифт.
Аз пуштаи умру дили саҳрои ҳаёт
Ҷавкошта ҳам гандуми мақсуд гирифт.

Гул нусха гирифтааст аз ранги лабат,
Булбул шудааст баъди ман дар талабат.
Дар рӯз кам эътибор бар сӯхтан аст,
Гӯянд маро чароғи бедори шабат.

Ин хонаву ҷои кист, вайрона шудаст?
Ин хирмани кист, холӣ аз дона шудаст?
Гуфтанд, ки хешон сари хешон хӯрданд,
Ин куҳнасаро азони бегона шудаст.

Таҳпояи тахти бахт аз тоқати мост,
Пайғоми зафар ба номаи ғайрати мост.
Омехтаи зарду сияҳ сабз шавад,
Роҳат асари навиштаи заҳмати мост.

Ишқи ту ба дард мубталоям кардаст,
Муҳтоҷ ба бахшандадавоям кардаст.
Ман тарҳи вафо резаму ту тарҳи ҷафо,
Гӯё ки ба хасм ошноям кардаст.

Дил об чу барф аз нигаҳи гарм шавад,
Ҳоҷат шиканандаи дари шарм шавад.
Муми ба бағал санг магар нест далел,
Ҳатто, ки ба сахт дил диҳӣ, нарм шавад.

Дандон зи маконаш надиҳад ҷой ба лаб,
Хаффош ба рӯз надиҳад маскани шаб.
Дон ҳам,ки диҳӣ, мурғ хӯрад шишаву рег,
Марг аст бурун шудан зи даргоҳи талаб.

Рӯсурх яке зи ғояти шарм шавад,
Рӯсурх дигар аз нафаси гарм шавад.
Сад роҳи расидан аст бар кӯи умед,
Пай шоҳиди сангиндилу дилнарм шавад.

Дар роҳи мурод по қадам мебахшад,
Дар ҷодаи хат сараш қалам мебахшад.
То теғ ба кӯи мақсади хеш расад,
Мардона ҳама тезии дам мебахшад.

Озоди фаромӯшшуда зиндонӣ аст,
Рӯзи каси интизор боронӣ аст.
Баҳри ҳама дар роҳи расидан ба мурод
Сармояи беҳтарин қадрдонӣ аст.

Гӯши фалак аз ҳарзасухан пур шудааст,
Хармӯҳра ба бозори ҷаҳон дур шудааст.
Каҳтӣ магар омадааст дар кӯи ҳунар,
Раққос ба базми ҳама уштур шудааст.

Фоида зи сарварӣ ба покон нарасад,
Як дӯхтанӣ ба синачокон нарасад.
Бӯе зи даво ба дарднокон нарасад,
Пайғоми ҳаёт бар ҳалокон нарасад.

Соҳибкӯлаҳӣ ба по диҳӣ, сар нашавад,
Зар бар кафи оҳан, ки ниҳӣ, зар нашавад.
Фарш аз намад асту арш бошад зи чароғ,
Гирандаи ҷои наҷм ахгар нашавад.

Борон ба сари кӯи худаш мерезад,
Сарчашма ба сарҷӯи худаш мерезад.
Бори гунаҳи касе наафтад ба касе,
Ашки ҳама бар рӯи худаш мерезад.

Оина фишори гардро ҳис накунад,
Лавҳ омаду рафти нардро ҳис накунад.
Як дард шавад ҳазор, ҷон аст агар,
Тан ҷон, ки супурд, дардро ҳис накунад.

Душвортар аз заҳмати раҳпоӣ нест,
Камтар зи азоби марг танҳоӣ нест.
Аз рафтани ҳамқисмати худ нимтанам,
Дар нимтан осори тавоноӣ нест.

Холист зи пайкари муҳаббат бари ман,
Ҷогаҳ нашавад гарм ба як пайкари ман.
Баъд аз сари ҳамсарам зи болини ҳаёт
Афтод сареву монд танҳо сари ман.

Аз хонаи худ бурун намехост равад,
Берун зи рагаш чу хун намехост равад.
Дасти аҷал аз домани ҷонаш бикашид,
Ҳатто зи ҷаҳони дун намехост равад.

Дилчок зи теғи ғами дунё моем,
Гилрехта низ аз нами дунё моем.
Дар роҳи даво табиб раҳгумзада аст,
Пурдардтарин одами дунё моем.

Бори раҳи зиндагӣ ба душ афтодаст,
Фарёди ман аз нанг хамӯш афтодаст.
Он чарм, ки ғалбер шавад, ҷисми ман аст,
Дар хонаи тан ғусса чу муш афтодаст.

Дар рӯи ҷаҳон ба ғайри некӣ раҳ нест,
Умри ҳама раҳравони он кӯтаҳ нест.
Ин ҷода ниёз ҳам надорад ба чароғ,
Равшангари он ба ғайри меҳру маҳ нест.

Бе гарди ғараз хоки вуҷудам бошад,
Сӯзанда на оташу на дудам бошад.
Аз даҳр равам ҳам, зи ҳама мавлудам
Пуртантана рӯзи ёдбудам бошад.

Номам ба лаб аз шеъру сурудам гардад,
Пуртобтар аз нанг вуҷудам гардад.
Хушбахттарин одами даврам, ки ба ман
Ночор ҳаводор ҳасудам гардад.

Дард аст агар ҳаёт, дармон ҷӯем,
Дармон, ки наёфтем, армон ҷӯем.
Як лаҳза дил аз ҷаҳони ҳастӣ наканем,
Бар сархамӣ тан надода, сомон ҷӯем.

Ҳарчанд, ки аз рақиб кам не, беш аст,
Аз беҳунарӣ зомини умри хеш аст.
Бешох гаҳе ба шохдор аст аҷал,
Аз сояи шер дар ҳазар гавмеш аст.

Ҷамъи қадами ниҳода тарҳи роҳ аст,
Пой аз қадами ниҳодааш огоҳ аст.
Аз нури зи чашм рӯзу шаб рехта низ,
Пайдо раҳу сайргоҳи меҳру моҳ аст.

Девони вафо, Худо нигоҳат дорад,
Дунёи сахо, Худо нигоҳат дорад.
Имрӯз саросари ҷаҳон бемор аст,
Аз дарду бало, Худо нигоҳат дорад.

Хушнуд зи дидори давогашта шавем,
Ҳамҷӯр ба тори хушнавогашта шавем.
Мирем ба ҳар мотаму аз нав зинда
Аз дидани азмарграҳогашта шавем.

Моем мусофири раҳи дур ҳанӯз,
Аз ранҷи кашидаем ранҷур ҳанӯз.
Бо он ҳама гӯштоби дасти ҳастӣ
Ҳастем ба сози умр ноҷӯр ҳанӯз.

Аз меҳр задӣ лоф, зи кин фол мазан,
Дар кӯи муроди худ фақат бол мазан.
По монӣ агар ба ҷодаи хайру сахо,
Як ҳарф зи кам гаштани амвол мазан.

Осори ҳаёт пешвоз асту гусел,
Пай аз раҳи тайкарда мудом аст далел.
Аз нармравию аз хурӯш аст гувоҳ
По мондани дарёву қадам мондани сел.

Аз омадану рафтан асар меҷӯем,
Аз пой магар нишони сар меҷӯем?
Дунё,ки агар хонаи дудар бошад,
Дар рӯзи сияҳ кадом дар меҷӯем?

Бар коми ҳама чу неш акнун нӯш аст,
Аз тарси вабо ба ларза чун харгӯш аст.
Онро, ки ба ҳарфи Ҳақ набудаш бовар,
Сар дар бағали ҳасрату ғам хомӯш аст.

Аз санг ба ҷонканӣ шарар мегирам,
Аз заҳр ба тадқиқ шакар мегирам.
Гар сохтан аст зиндагӣ, то дами марг
Ғалберкунон зи хок зар мегирам.

Хуршед, ки хун гиря кунад, шом шавад,
Тӯфон, ки гузашт, баҳр ором шавад.
Гум дар раҳи ғасби хок мегардад об,
Гаҳ қиссаи хуб ҳам бад анҷом шавад.

Он кас, ки ба лаб ҳарфи хато меорад,
Сад дард ба дунёи даво меорад.
Пеш аз дами ҷондиҳӣ ба ҳасрат гӯяд:
Одам ба сари худаш бало меорад.

Дар чашми вабо зоғи алоем ҳама,
Гӯё ки ба дашти Карбалоем ҳама.
Бошад сари як дард зи мӯ беш табиб,
Синост зарур, мубталоем ҳама.

Ин бекӯлаҳӣ ба тоҷи шоҳӣ надиҳем,
Бар кардаи ҳеҷ кас гувоҳӣ надиҳем.
Барчашмфитода бештар сайд шавад,
Ризқи малахӣ ба баҳри моҳӣ надиҳем.

Имрӯз ҳавои зиндагӣ раъдӣ аст,
Ғофил ҳама аз навиштаи баъдӣ аст.
Ояд хабари табе агар, месӯзем,
Устоди башарпарвари мо Саъдӣ аст.

Ҳарчанд, ки парваранд дар боғи умед,
Сарро ба раҳи мурод созанд сафед,
Пирию ҷавонӣ ҳамчу бед асту анор,
Ҷуз соя нагиранд бар аз шохаи бед.

Гаҳ аз сухани нарм ҳам озурда шавем,
Озурдаи хомӯштар аз мурда шавем.
Нарм аст чу барф зиндагӣ ҳам, лекин
Аз зарбаи ӯ дарахти хамхӯрда шавем.

Ҳастем адуи нафси саркаш, серем,
Осуда зи чашми ханҷару шамшерем.
Ҳастӣ накунем сарфи рӯбаҳбозӣ,
Як лаҳза насиб ҳам, ки бошад, шерем.

Маҳ дорад умеди рутбаи хуршедӣ,
Хоҳад ба Самарқанд расад Даҳбедӣ.
Хуни ҷигар аз баҳри ман аст оби анор,
Имон бишавад заиф аз навмедӣ.

Дасти амал охир паи по мегардад,
Пай низ далели ҷодаҳо мегарад.
Гар поктар аз қатраи борон нафас аст,
Дармон ба ҳама дард дуо мегардад.

Он гуна, ки вартоҷ зи нури хуршед,
Деҳқон зи сиёҳхок дорад уммед.
Пур домани абри сияҳ аст аз борон,
Борон натавон гирифтан аз абри сафед.

Ҳастем ғариби мулки каҷдорумарез,
Бедор ба ҷогаҳем, амр аст: – Махез!
То бод ба сар хок нарезад, нашавад
Пайдо ба забон ибораи «Хок мабез»...

Маъдан, ки зи кон ҷудо шуд, оҳан гардад,
Паймон, ки шикаст дӯст, душман гардад.
Баргаштани саг бар дараш аз рӯи вафост,
Ҷон нест вафодор, ки бар тан гардад.

Нодон ба бузургӣ аз навозиш нарасад,
Бар қуллаи шӯҳрат аз ситоиш нарасад.
Гуфтӣ, ки бибар ҳамраҳи худ вориси мо,
Бар лаъли умед санги хоҳиш нарасад.

Шер аст ҳаёт аз думи шер магир,
Хуншор шавӣ,аз дами шамшер магир.
Серӣ надиҳад фурсати молидани чашм,
Эй гушнаи бедор, пайи сер магир.

Ҳар ҷой, ки рафтам, аз паси ман рафтӣ,
Ҳамроҳ ба тан чун нафаси ман рафтӣ.
Даҳр аст қафас, бе ту чу мурғи танҳо
Фарёд занам: – Ҳамқафаси ман рафтӣ.

Дасте, ки маро ба он ту медоштӣ, нест,
Доне, ки ба марзи сина мекоштӣ, нест.
Қаҳрии ту ҳам аз оштӣ дошт асар,
Ҷуз ёди хуш он чӣ баҳри ман доштӣ, нест.

Аз қисматам изтироби ман қисса кунад,
Бедории зори хоби ман қисса кунад.
Аз табъи равону аз дили дарёям
Ду дидаи пур зи оби ман қисса кунад.

Шодию ғамат намеравад аз ёдам,
Дарду аламат намеравад аз ёдам.
Попӯши ту қисса мекунад аз раҳи умр,
Нақши қадамат намеравад аз ёдам.

Овора ба мисли боди саҳро тобам,
Саргашта мисоли мавҷи дарё тобам.
Дар ҳалқаи хонавода ҳам то дами марг
Бе ту каси бечораву танҳо тобам.

Умре зи дилам ту ғамзудоӣ кардӣ,
Дар хоб маро дида, худоӣ кардӣ.
Аз бори гарони пирии ҷонгӯят,
Тарсида магар зи ҷон ҷудоӣ кардӣ?

Гуфтӣ,ки бурун зи хона рафтан хуб аст,
Нодида ғами замона рафтан хуб аст.
Аз дидани ҳар нишонаат дил гӯяд:
Бар ҷодаи бенишона рафтан хуб аст.

Аз кӯи ту бар маскани дигар наравам,
Дар дашт, ки монам, ба дигар дар наравам.
Тан ҳам, ки зи тири ҳаҷр ғалбер шавад,
Аз пеши ту пеши ҳар давогар наравам.

Ишқи ту ба кӯи некномӣ бибарад,
Бар пухтагӣ аз ҷаҳони хомӣ бибарад.
“Юсуф ва Зулайхо” хати хатми ишқ аст,
Ин қисса тавофи хоки Ҷомӣ бибарад.

Аз оташи ишқат об гардад дили ман,
Аз сӯзи ҷигар кабоб гардад дили ман.
Зардии рухат ба сурхӣ омехта аст,
Аз нури ту офтоб гардад дили ман.

Имшаб ғами ишқи ту ба ман рӯз надод,
Дод он чӣ маро, ба ҳеҷ дилсӯз надод.
Пур дашти дилам шуд аз гулу сабзаи ғам,
Ин гуна самар Худо ба Наврӯз надод.

Аз оташи дил решаи ҷон месӯзад,
Ҷон сӯхт агар, чу тан ҷаҳон месӯзад.
Ҳар қатраи хун сарвати кони ҷигар аст,
Лаълаш, ки равад зи даст, кон месӯзад.

Дар мавсими бардоштани ҳосили кишт,
Мегуфт чунин барзгари нек ба зишт:
Ҳарчанд, ки дар сояи гандум хӯрад об,
Талхак ҳама ғалларо кунад талхсиришт.

Аз хӯрдани заҳри ғам дилам доғ шавад,
Аз доғ замини синаам боғ шавад.
Оина зи чашми сурхам огоҳу ту не,
Кай ҳамсафари кабӯтаре зоғ шавад?

Бошад ба миёни дарду ҳамдардӣ фарқ,
Ҳам байни ҷавонию ҷавонмардӣ фарқ.
Ҳарчанд ба барги зард ҳамранг зар аст,
Доранд вале ду зард бо зардӣ фарқ.

Шодию ба роҳи ту пайи ғам тобад,
Ду дидаи ту замини пурнам тобад.
Чашмам нашавад зи дидани рӯи ту сер,
Одам натавон рӯй аз одам тобад.

Роҳест, ки беҳамсафарӣ мехоҳад,
Хокест, анорпарварӣ мехоҳад.
Ишқ аст ҳамон роҳу ҳамон боғи ҷаҳон,
Шоҳаш кӯлаҳи қаландарӣ мехоҳад.

Зардоб хӯрам, ба ваъдаи зар наравам,
Аз бом ба бом чун кабӯтар наравам.
Саг ҳам ба даре гаҳ аз пайи бӯй равад,
Ман лек ҳамонам, ки ба ҳар дар наравам.

Дар фасли баҳори умр пажмурда манам,
Аз бори гарон дарахти хамхӯрда манам.
Дар фаҳмат агарки хуфтатар аз ман нест,
Он хуфтаи зинда дидани мурда манам.

Бар гушна зари ҳаёт нонаш бошад,
Бар ташна наҷот оби даҳонаш бошад.
Девона ҳам аз сангбакаф метарсад,
Аз баҳри ҳама азиз ҷонаш бошад.

Дар зиндагӣ эътирозгарро кӯбанд,
Осонгари мушкили башарро кӯбанд.
Хонанд пас аз марг варо ҳомии халқ,
Дар санги мазори ғусса сарро кӯбанд.

Соҳибзафарӣ диловарӣ мехоҳад,
Худёфтан азхудгузарӣ мехоҳад.
Бе зарби муҳит санг мармар нашавад,
Ёқут шудан хунҷигарӣ мехоҳад.

Он як фараҳу ҳаёти қандӣ дорад,
Дигар ғами талху мустамандӣ дорад.
Ин косаи навбат гузарад даст ба даст,
Роҳи ҳама пастию баландӣ дорад.

Ҳарчанд, ки хок аст баруманд маро,
Саршор лаб аст аз шакарханд маро,
Дар сина набошад дили хурсанд маро,
Бар гӯш расад панди замон фанд маро.

Дардест, давош ҳеҷ марҳам накунад,
Чашмест, бурун пиёз аз он нам накунад.
Бар дев кунад кора, ба як тӯда вале
Таъсир фусуни исми аъзам накунад.

Олим гузарад, ҳосили ранҷаш монад,
Золим гузарад, фишорсанҷаш монад.
Дар марги хасис ояд овоз ба гӯш:
Бар шӯи занаш нуҳуфтаганҷаш монад.

Чун хома зи пушти хату равнақ гаштем,
Аз хӯрдани теғи ғофилӣ шақ гаштем.
Нисбӣ ҳама будаст, дареғо ҳама умр
Тасвиргари набудамутлақ гаштем.

Бе дасти расо чӣ сон даре боз кунӣ?
Бе бол куҷо хаёли парвоз кунӣ?
Ошиқ, ки нагардӣ, оҳи ту беашк аст,
Бе ашк чӣ сон ҳарфи дил оғоз кунӣ?

Месӯзаму мешавад дил аз баҳри ту доғ,
Бинӣ ту фақат шуову на сӯзи чароғ.
Бовар накунам,ки накҳати ҳастиро
Одам ба хирад фаҳмаду ҳайвон ба димоғ.

Дар сина дилам чу мурғаки дар қафас аст,
Фарёд кунад, гӯш ба фарёдрас аст.
Бечора чӣ донад, ки ба ақсои ҷаҳон
Озодӣ умеду орзуву ҳавас аст.

Дар зарварақам хати тараҳҳум дорам,
Дар сина ғами серии мардум дорам.
Шодам, ки маро нест ба каф хӯшаи хор,
Ман дар кафи худ хӯшаи гандум дорам.

Гандум асар аз серии мардум бошад,
Доим ба лаби сер табассум бошад.
Ҳангоми дуо некдилон мегӯянд:
Пур хонаат аз донаи гандум бошад.

Ку он ҳама ғамгусор хурсанд шавӣ,
Ҳоҷат, ки фитад, бохабар аз фанд шавӣ.
Беҳуда бихонӣ ҳама ҳамдардии худ,
Бемор шудӣ, ба фикри худ банд шавӣ.

Гаҳ шер ба ҳар газанда бовар бикунад,
Бар рӯбаҳи бадкунанда бовар бикунад.
Аз хӯрдани фанд панд аз ёд барад,
Бар гиря куҷо, ба ханда бовар бикунад.

Селоб зиён расонда, гумном шавад,
Оташзадаро сиёҳӣ инъом шавад.
Кай раъд фано нагашта ором шавад?
Умри ҳама бахоҳ бад анҷом шавад.

Бар хони касе дастдарозӣ накунам,
Бо бурди дурӯза сарфарозӣ накунам.
Ин орд ба оби дида гаштаст хамир,
Сел аст, ба хашми халқ бозӣ накунам.

Раҳгумзадагон бар гузарам омадаанд.
Пайканда буданд, бар дарам омадаанд.
Онон, ки зи меҳру зиндагӣ мегуфтанд,
Дар рӯзи вафоти ҳамсарам омадаанд.

Пайдо ҳама файзу серӣ аз бозор аст,
Роҳат асари заҳмати пири кор аст.
Аз барзгаре хеш мапиндор баланд,
Боми фараҳат ба китфи он девор аст.

Девори диламро нами ғам кард хароб,
Ҳатто, ки бимирад оташ аз ҳамлаи об.
Гирям, ки касе дӯш намекард зафар
Бар ман ба набарди сахти нангу табу тоб.

Шаб то ба саҳар дод занад ҳамраҳи ман,
Хобам набарад, ҷон биканад ҳамраҳи ман.
Дар ҷанги вабо қуввати ҷисмаш нарасад,
Беҳуда миёнаш шиканад ҳамраҳи ман.

Шуд соҳиби боғ, рангу бӯро нашинохт,
Хурмову анори орзуро нашинохт.
Ҷуз сояи беду лаби ҷӯро нашинохт,
Аз хор гулу зи бад накӯро нашинохт.

То меҳр набошад, асар аз созиш нест,
Дар дил ҳавасу талош бар хоҳиш нест.
То арраву микрозу табар дам доранд,
Дар боғи ҷаҳон нишони осоиш нест.

Фикри ҳама банди некҳолӣ бошад,
Навмед нигаҳ зи дасти холӣ бошад.
Аз кирмак агар макони олӣ пурсанд:
Гӯяд зи ҳама замини шолӣ бошад.

Дар анҷуман аз ҳама фузун каф бизанад,
Ишкамдами чеҳралолагун каф бизанад.
Дар дидаи он кӣ огаҳ аз нияти ӯст,
Дар ҷои сиришк мавҷи хун каф бизанад.

Хислат зи мароми соҳибаш ҳаст гувоҳ,
Ҳарф аст пайи ҳар қадаме дар хати роҳ.
Сад сол ҳам аз илми вафо дарс диҳанд,
Бар шер вафодор нагардад рӯбоҳ.

Модар пайи ҳифзам саду як сура бигуфт,
То дур бало шавад, шабу рӯз нахуфт.
Эй марг, ба заҳматаш наомад раҳмат,
Баъд аз сари ӯ гули умеди ту шукуфт.

Аз хоки кавир об пайдо нашавад,
Реги тари чун ҳубоб пайдо нашавад.
Ҳарчанд, ки якранг саробу баҳр аст,
Як мавҷи хат аз сароб пайдо нашавад.

Дар ханҷари кунд низ тезӣ бинад,
Дар элак асар зи хокбезӣ бинад.
Бадкарда насимро шуморад тӯфон,
Дар фасли баҳор баргрезӣ бинад.

Ғамгин лаби баҳри зиндагӣ биншастам,
Моҳии умед шуд раҳо аз шастам.
Ку ишқу ҷавонию ку он қудрати умр,
Бар даст наомад, он чӣ рафт аз дастам.

Худро зи дарун агарчи афрӯхта аст,
Ҳамранг ба ҳамёни даҳандӯхта аст.
Хоки ҳама марзи дар вуҷудаш ангишт
Хокистари сабзаву гули сӯхта аст.

Ҳастӣ фараҳоварди худашро дорад,
Дармони ҳама дарди худашро дорад.
Фарёдрас оҳи пастро ҳам шунавад,
Ҳар давр ҷавонмарди худашро дорад.

Бишнохтаанд аз хати раҳ мӯри туро,
Карданд пур аз ғам дили масрури туро.
Алқисса, хулосаи ҳаётат ин аст:
Канданд зи марг пештар гӯри туро.

Бар субҳ расанд, шом аз ёд баранд,
Бар ком расанд, ном аз ёд баранд.
Давлат, ки шавад насибашон, аз ҳама пеш
Он қарзи Худо - салом аз ёд баранд.

Эй сӯхта, хокистари ту гил нашавад,
Ҳар сӯхтадил чароғи маҳфил нашавад.
Санге, ки ба хонаи алов афтодаст,
Девори муҳофизат ба соҳил нашавад.

Дарёфтам иқтибос аз дафтари ҳол:
Хуб аст раҳе, ки несташ гарду малол.
Пайванди муҳаббат аст агар ҷуфт шудан,
Ишқ аст, ки мешавад аз он ҳаҷр висол.

Аз баҳри сароб ҳеҷ гаҳ ҷӯ накананд,
Корез ба саҳрову ба ҳар кӯ накананд.
Гар сел барад хоки биёбон, ғам нест,
Дилмурда агар ҷон, ки диҳад, мӯ накананд.

ФИРОҚНОМА

Ба ёди ҳамсари хокдаҳонам Руқия

Рафтию ба номаи дилам рози ту монд,
Дар қартаи зиндагиям овози ту монд.
Ҳар ду ба самои умр будем ду боз,
Рафтию зи ҷуфти худ ҷудо бози ту монд.

Рафтию ба зиндони ситам афтодам,
Дар маҳкамаи дарду алам афтодам.
Пур шуд зи сияҳжолаи ғам дафтари умр.
Бар дидаи абрии қалам афтодам.

Рафтию расам ба қадри бахтам имрӯз,
Зор аст ба нармӣ сари сахтам имрӯз.
Рафтию миёни боғи сарсабзи ҳаёт
Аз сӯзи ту як зарддарахтам имрӯз.

Рафтию хароб гашт кӯйи дили ман,
Раҳ сели ғамат гирифт бар манзили ман.
Оби ғами ҷамъгаштаи баҳри дилам,
Ҳамвор ба хок мекунад, соҳили ман.

Рафтию зи дидани ҷаҳон монд дилам,
Марсияву ғамномаи худ хонд дилам.
Ҷон дар қафаси сина занад бол чу мурғ,
Сайёди ғамат ба дом афтонд дилам.

Рафтию дилам зи нола пурдард шудааст,
Ин тифлаки шод ғуссапарвард шудааст,
Аз гиря закоб гашт саҳрои дилам,
Гулҳои умеду бахти ман зард шудааст.

Рафтию чароғ гаштаам аз ғами ту.
Хокистару доғ гаштаам аз ғами ту.
То бӯи гуле ба ҷои атрат нарасад,
Вайронадимоғ гаштаам аз ғами ту.

Рафтию кабоб гашт ҷонам бе ту,
Дар роҳ бимонд корвонам бе ту.
Монандаи мумиёӣ, асло нашавад
Пайванд шикастаустухонам бе ту.

Рафтию ҳамеша аз ғамат нола кунам,
Аз гиря ду чашмро гули лола кунам.
То бар сари он боди хазони бераҳм
Ҳар қатраи ашки хешро жола кунам.

Рафтию ба ёди гули рӯят мирам,
Дар ҳасрати шаббодаи мӯят мирам.
Санги алами кӯи ту бар зар надиҳам,
Сар монда ба рӯи санги кӯят мирам.

Рафтию ба ёди ранги холат бандам,
Бар васфи ду абрӯи ҳилолат бандам,
Бар ҷустани нусхаи ҷамолат бандам,
Алқисса, ҳамеша бо хаёлат бандам.

Рафтию ба дарду доғи худ тоб орам,
Бар заҳмати бефароғи худ тоб орам,
Равшан накунад моҳи дигар шоми маро,
Бар сӯзиши шабчароғи худ тоб орам.

Рафтию намак ба ҷони решам кардӣ,
Ёри ғаму бегона ба хешам кардӣ.
Чун обилаи ҳанӯз нопухта будам,
Бо хори фироқу дард нешам кардӣ.

Рафтию ягон хабар зи кӯят нарасад,
Гумҷӯ ба диёри ҷустуҷӯят нарасад.
Ҳарчанд ҳама рӯи ҷаҳонро гардам,
Рӯи мани хунгашта ба рӯят нарасад.

Рафтию чу пири дардмандам имрӯз,
Бар оташи умр чун сипандам имрӯз.
Як сӯ ғами ишқу як сӯ ғамҳои ҳаёт,
Чун хайма ба чанд халқа, бандам имрӯз.

Рафтию раҳи ёфтанатро ҷӯям,
Рӯ аз ғами худ тофтанатро ҷӯям.
Дар нимараҳи ҳаёт партофтиям,
Рози раҳи партофтанатро ҷӯям.

Рафтию гусели ту фиребам кардааст,
Сад кирмаки ғам хона ба себам кардааст,
Дар боғи ҷаҳон мисли гули рӯи ту нест,
Ёди гули рӯй андалебам кардааст.

Рафтию асири рафта зуд аз ёдам,
Фарёд, гулӯдарида аз фарёдам.
Ман донаму дом ранҷи ҷон кандани ман,
Он сайди фаромӯшшудаи сайёдам.

Рафтию ба шишаи дилам санг расид,
Бар пайкари оҳанини ман занг расид.
Ин гуна ғубор саду як ранг расид,
Аз сози ҳаётам дигар оҳанг расид.

Рафтию гирифтори азобам зи ғамат,
Побанди хаёли беҳисобам зи ғамат.
Ҳасраткаши айёми шабобам зи ғамат,
Эй хонаҷуда, хонахаробам зи ғамат.

Рафтию арӯси ғам ҳабибам гаштаст,
Андӯҳи фироқи ту насибам гаштаст.
Аз дард ҳама узви танам месӯзад,
Раҳмгумзадаи даво табибам гаштаст.

Рафтию ба кӯйи ёди ман мемонӣ,
Дар ғамкардаи ниҳоди ман мемонӣ.
Гар ғамкардаи ниҳодам аз даст равад,
Дар ҳасрати умрбоди ман мемонӣ.

Рафтию ба хобам ҳама шаб меоӣ,
Аз роҳи дароз ҷон ба лаб меоӣ,
Аз шаҳди ҳаёт марг нофорат кард,
Он ҳиссаи хешро талаб меоӣ.

Рафтию ба ҷонам асари меҳри ту монд,
Аз боғи ҳаётам самари меҳри ту монд.
То хонаи меҳри ту ба дигар нарасад,
Чун чашми ту пӯшида дари меҳри ту монд.

Рафтию дилам ба ғампарастӣ нарасад,
Олудаи нестӣ ба ҳастӣ нарасад.
Бар гӯр барам ҳасрати он бахти баланд,
Бар душмани кас илоҳӣ пастӣ нарасад.

Рафтию дар оташи ғамат сӯхтаам,
Оташкадаи муҳаббат афрӯхтаам.
Бар ҳар хати пушта чашми худ дӯхтаам,
Дарси алами ҷудоӣ омӯхтаам.

Рафтию ба ҳар қадам туро ёд кунам,
Бо ҳасрати пуралам туро ёд кунам,
То номаи ёди дафтари умр шавӣ,
Гирён шуда, чун қалам туро ёд кунам.

Рафтию ғами ту дилфигорам созад,
Даргоҳи ҳаётро мазорам созад.
Чун сайди гурусна дар раҳи пуштаи васл
Сайёди фироқи ту шикорам созад.

Рафтию хати васл ба дастам нарасид,
Дар базми фараҳ ҷои нишастам нарасид.
Дар навбати бигрифтани гулмоҳии бахт
Дарёи ғамам расид, шастам нарасид.

Рафтию ду дида канда аз хок нашуд,
Нақши пайи ғам аз раҳи дил пок нашуд.
Рафтию ҳазору як қабопӯши ҷаҳон
Гирандаи ҷойи як ҷигарчок нашуд.

Рафтию дилам об барои ту шавад,
Тан хаставу нотоб барои ту шавад.
Соҳибназарон зи ҳарфи чашмам хонанд;
Бе хонаву дар хоб барои ту шавад.

Рафтию тамоми умр озурда манам,
Заҳри алами фироқро хӯрда манам.
Он навҳагарон, ки аз ғамат об шуданд,
Карданд ғалат, зинда туӣ, мурда манам.

Рафтию зи ғам дарун-дарун гиря кунам.
Дар дида намонд ашк, хун гиря кунам.
Аз бори гарони боми кошонаи умр
Ҳамчун рави гумкардасутун гиря кунам.

Рафтию чароғи ишқ хомӯш нашуд,
Аз гармии меҳр холӣ оғӯш нашуд.
Мафтуни садои дигаре гӯш нашуд,
Фасли фараҳи умр фаромӯш нашуд.

Рафтию пайи меҳри ту дар дом шудаст,
Субҳи фараҳам ғамовар аз шом шудаст.
Бинам ба самои умри худ нақши ғуруб,
Хуршеди умедам ба лаби бом шудаст.

Рафтию бирафт ханда ҳам аз лаби ман,
Аз рӯзи сияҳ нишона дорад шаби ман.
Азбаски баланд оташи ғамҳои ту ҳаст,
Ҳаргиз нашавад паст ба дору таби ман.

Рафтию пайи меҳри ту дар роҳи дил аст,
Аз гарди фироқ пур гузаргоҳи дил аст.
Оби ғаму ҳасрати ту дар чоҳи дил аст,
Сад гуна асар аз ту ба даргоҳи дил аст.

Рафтию ғаму дарди куҳан ёд ояд,
Ширини умри туву ман ёд ояд.
Аз дидани абрпораҳои сари кӯҳ
Печондани ҷисмат ба кафан ёд ояд.

Рафтию ғами ту аз ниҳодам наравад,
Акси ту аз ойинаи ёдам наравад.
Рафтию ба рафтани ту аз дасти дилам
Ганҷинаи меҳри умрбодам наравад.

Рафтию шитоби умрро фаҳмидам,
Маънии китоби умрро фаҳмидам.
Беҳуда зи дӯш шикваҳо мекардам,
Баъди ту азоби умрро фаҳмидам.

Рафтию нишоти фасли рустан наравад,
Ёди самари ҳаёт ҷустан наравад.
Аз пераҳани умру либоси дили ман
Доғе, ки ниҳодаӣ, ба шустан наравад.

Рафтию ба гиря чашм аз абр намонд,
Аз хотири ту надида як қабр намонд.
Гуфтанд барад сабр нишони ҳама ғам,
Ғам монд, вале нишонаи сабр намонд.

Рафтию сағири ман кабирӣ накунад,
Дар мулки фироқ васл мирӣ накунад.
Аз бори ғамат қомати дил хам задааст,
Барнойии ман фарқ зи пирӣ накунад.

Рафтию раҳи шодии худ гум кардам,
Иқболи худододии худ гум кардам.
Бар маҳбаси ғамҳои фироқ афтода,
Шаҳномаи озодии худ гум кардам.

Рафтию кунам нолаи зор аз ғами ту,
Ҳар рӯз равам сӯи мазор аз ғами ту.
Резад дилам аз тани фигор аз ғами ту,
Рафтию равам охири кор аз ғами ту.

Рафтию ба зиндагӣ ҳавас нест маро,
Осуда кашидани нафас нест маро.
Пӯшида дари бахт ба рӯям бинам,
Гӯям ба кӣ дод, додрас нест маро.

Рафтию сарои дарду ғам ҷои ман аст,
Аз гарди фараҳ тоза қадамҷои ман аст.
Тар ҳаст чу девор тани дидаи ман
Оё ки мудом рӯи нам ҷои ман аст?

Рафтию шуд оҳ сурма овози маро,
Ғам кушт ба сина тифлаки рози маро.
Баъди сари ту, эй садафи меҳру вафо,
Ёре нахарид гавҳари нози маро.

Рафтию сарам хамида чун ток шавад,
Дил танг ба зери боми афлок шавад.
Бе хоки муҳаббати ту дар марзи дигар,
Гар дони умед афканам, хок шавад.

Рафтию ғами маро надидӣ, рафтӣ,
Дарду алами маро надидӣ, рафтӣ.
Чун усма қалам барои қоши ту гирист,
Ашки қалами маро надидӣ, рафтӣ,

Рафтию ба хӯрдан ғамат охир нашавад,
Охир ба шумурдан ғамат охир нашавад.
То рӯзи ҷазо ғами ту ҳамроҳи ман аст,
Алқисса, ба мурдан ғамат охир нашавад.

ДУБАЙТИҲО

Худовандо, гуноҳи мо зиёд аст,
Ба дил ғам, дар лаб оҳи мо зиёд аст.
Биҷӯем аз пушаймонии худ суд,
Ки лутфи некхоҳи мо зиёд аст.

Худовандо, ҳамоҳангӣ нигаҳ дор,
Мулоимро зи дилсангӣ нигаҳ дор,
Ҳама умрам ба роҳи нанг бигзашт,
Маро аз роҳи бенангӣ нигаҳ дор.

Вуҷуди хок аз санге ҷудо нест,
Сиришти оҳан аз занге ҷудо нест.
Хаточӯён хатои худ биҷӯед,
Ба дунё бехато ғайр аз Худо нест.

Баҳои зар агар заргар бидонад,
Ғами дил марди ғампарвар бидонад.
Ману ту ҳамчу тифли безабонем,
Забони тифлро модар бидонад.

Маро бо як нигаҳ сӯзонда рафтӣ,
Миёни роҳи қисмат монда рафтӣ.
Умедам бар ту буд, лек аз пайи худ
Умедамро чу гард афшонда рафтӣ.

Ҷаҳон монду ҷаҳондорон гузаштанд,
Вафо монду ҷафокорон гузаштанд.
Барои нафъи худ дар зиндагонӣ
Чӣ ёроне, ки аз ёрон гузаштанд.

Ҷавонӣ қиссаи рангини умр аст,
Сари андеша дар болини умр аст.
Нишоти пирӣ аз файзи ҷавонист,
Ҷавонӣ лаҳзаи вазнини умр умр.

Биё, эй ёр, ёдат кардам имрӯз,
Биё, бисёр ёдат кардам имрӯз.
Шикоят доштам дӯш аз ғами ту,
Ба ғамҳои ту одат кардам имрӯз.

Азоби ишқ агар ширин намешуд,
Касе бар ҷони худ зомин намешуд.
Намефаҳмид агар дарду ғами ишқ,
Ягон дилдода ботамкин намешуд.

Ту, эй дарё, ғами соҳил надорӣ,
Ту, эй нодон, ғами оқил надорӣ.
Зи ту бечоратар инсон надидам,
Ба сад дороии худ дил надорӣ.

Ту рафтӣ, оҳу овози дилам монд,
Паси девори ғам рози дилам монд.
Ту будӣ гавҳари нозам харидор,
Ту рафтӣ, гавҳари нози дилам монд.

На аз дарде, на аз сӯзе ғаминӣ,
На бо ёре, на бо ёде нишинӣ.
Баландӣ пастии худро шумурда,
Заминро зери по гоҳе набинӣ.

Шаби торику маҳ дорад муҳаббат,
Раҳи ҳамвору чаҳ дорад муҳаббат,
Садо аз як каф охир барнаояд,
Муҳаббатро нигаҳ дорад муҳаббат.

Манам шайдои ҳусни кишвари худ,
Манам мӯҳтоҷи меҳри модари худ.
Нагардам гирди тахти мулки дигар,
Замин гардад ба гирди меҳвари худ.

Чу моли хом то пухтам суханро,
Ба қӯри оташ афкандам баданро.
Чу оҳан то шавам досу каланде,
Бикардам об ҷони хештанро.

Зи тобу таб наомад хобам имшаб,
Хаёли дилбаре кард обам имшаб.
Ситора дар само рахшандатар шуд,
Магар гумкардаамро ёбам имшаб?

Ситора дар ҳаво чашмакзанӣ дошт,
Дилам аз сӯзи ишқат равшанӣ дошт.
Надонистӣ, ки имшаб то дами субҳ
Чароғи ман азоби ҷонканӣ дошт.

Дили ман аз ғами ҷононае сӯхт,
Ба зери хоки бенам донае сӯхт.
Зи бедардии ёре дар хаёлам
Нишони зиндагӣ дар хонае сӯхт.

Дар ин дунё ҳама дардошноем,
Бар ҳар ранге, ки бошад бовафоем.
Набардорад касе тобути худро,
Барои ҳамдигар даркор моем.

Маро танҳонишинӣ нописанд аст,
Ки ин роҳи наҷоти дардманд аст.
Миёни одамон бошам, ки умре
Садои зиндагӣ он ҷо баланд аст.

Кӣ оғозе диҳад анҷоми моро?
Кӣ бар субҳе расонад шоми моро?
Агар созем чун Рустам хатое,
Кӣ дорад зинда рӯҳи Соми моро?

Ғаме дар дил набошад чун ғами ишқ,
Азоби беш бошад дар ками ишқ.
Бирӯяд лола дар гӯри ҷудоӣ,
Валекин кам нагардад мотами ишқ.

Азоби зиндагонӣ ҷовидон аст,
Ғаму дарди раҳи қисмат гарон аст.
Набошад манзиле ин корвонро,
Агарчанде равон асту равон аст.

Гузар бар сӯи боғи ман накардӣ,
Хаёли дарду доғи ман накардӣ.
Магар кардӣ раҳи ишқам фаромӯш,
Бирафтию суроғи ман накардӣ.

Наво дар пардаи боло баланд аст,
Худафрӯзем, сӯзи мо баланд аст,
Хамӯшему магӯ, ки бесадоем,
Садо андар хамӯшиҳо баланд аст.

Накӯхоҳон ҳамеша дар амонанд,
Ба банди мушкиле ҳаргиз намонанд,
Ҳазорон сангу сад ҳам пеш ояд,
Вале осуда чун дарё равонанд.

Шикори кабку нахчират куҷо шуд?
Камонҳои пур аз тират куҷо шуд?
Туро пайванди дигар кард қисмат,
Гусастанҳои занҷират куҷо шуд?

Аё соҳил, ту дарёро нигаҳ дор,
Аё ҳамдил, ту дилҳоро нигаҳ дор.
Макун парвои молу ганҷи дунё,
Аё оқил, ту дунёро нигаҳ дор.

Чӣ мушкил сар занад шеър аз дили ман,
Ҳар осонам бувад аз мушкили ман.
Чу доне тирамоҳам кишт карданд,
Ки то бисёр гардад ҳосили ман.

Баҳори умри мо аз сар нагардад,
Шумори умри мо аз сар нагардад.
Зи баъди сӯхтан бо ҳеҷ тадбир
Гули хокистаре озар нагардад.

Ба нодон лоф фолу панд фанд аст,
Писанде ҳам барояш нописанд аст.
Зи нодонӣ надонад кибрпеша,
Ки сарпарастӣ ҳам аз фикри баланд аст.

Ғами мову туро хӯрданд чанде,
Ба ҷон сӯзи гарон бурданд чанде.
Намедонӣ ту қадри зиндагиро,
Ки баҳри зиндагӣ мурданд чанде.

Диле, ки ғам ба фарёдаш надорад,
Чароғе ҳам ба бунёдаш надорад.
Зи ӯ гармӣ чӣ ҷӯӣ, ӯ саропо
Кафи хокистар аст, оташ надорад.

Агар як дам набошӣ дар бари ман,
Бисӯзад ҷону дил дар пайкари ман.
Чу душман вақти паҳлӯ гаштанам низ
Занад бар дида мӯҳои сари ман.

Ғами ошиқ фаромӯшӣ надорад,
Чароғи ишқ хомӯшӣ надорад.
Баҳораш бехазон бошад, ки ошиқ
Ба сар фикри кафанпӯшӣ надорад.

Агар дунё набошӣ, манзиле бош,
Агар дарё набошӣ, соҳиле бош.
Набошӣ оқилу соҳибҳунар ҳам,
Биё дар зиндагӣ соҳибдиле бош.

Шаби дидор рафту рӯзи ман монд,
Гузашт айёми ишқу сӯзи ман монд.
Сабақҳои гузашта шуд фаромӯш,
Аламҳои сабақомӯзи ман монд.

Лаби ноне шикастӣ, фикри нон кун,
Ҳамон аҳде, ки бастӣ, ёди он кун.
Бо тори боми дунё ҳам, ки бошӣ,
Гаҳу ногаҳ хаёли нардбон кун.

Маро обу адо кардию рафтӣ,
Ба ҷони ман ҷафо кардию рафтӣ.
Вале бо ин ҳама дорам туро дӯст,
Маро дардошно кардию рафтӣ.

Маро дил ошнои дигарон кард,
Хабардор аз баду неки ҷаҳон кард.
Забондонӣ ба ман лафзе наомӯхт,
Маро тарзи нигоҳе тарҷумон кард.

Нигоҳат кардам аз пушти тиреза,
Гузаштӣ тез монанди гуреза.
Ту рафтию гумонам шишаҳо кард,
Дили бечораамро реза-реза.

Ҷавоби умрро дарёб, дарёб,
Шитоби умрро дарёб, дарёб,
Нагардӣ то зи худ рӯзе пушаймон,
Ҳисоби умрро дарёб, дарёб,

Ту, эй шодии ман, ғамро масӯзон,
Ту, эй бисёри ман камро масӯзон.
Бузургу хурд бо ҳам зеб доранд,
Маҳи ман, ахтаронамро масӯзон.

Ғами ишқат маро аз ёд бигзашт,
Гумон кардам зи кӯям бод бигзашт.
Хамӯшона шаби ту рӯз шуд, рӯз,
Шаби ман лек бо фарёд бигзашт.

Ба хобам модарамро дидам имшаб,
Зи ҷо бархостам, нолидам имшаб.
Адои хидматаш осон набудаст,
Ки ӯ бедору ман хобидам имшаб.

Маро бахту торо иқболи бад мушт,
Маро эҳсон, туро чашми ҳасад кушт.
Самар орад дарахти умр ҳар ранг,
Туро маргу маро фикри абад кушт.

Ту мемирӣ зи дарди худпарастӣ,
Бимирам ман зи сӯзу шӯру мастӣ.
Дар ин навбатсаро ҳар ранг бошад,
Ба дасти ҳар касе шаҳҷоми ҳастӣ.

Сахои ту ба манзилҳо нағунҷад,
Хурӯши ту ба соҳилҳо нағунҷад.
Ғами дунё биғунҷад дар ту, эй дил,
Ғами ту лек дар дунё нағунҷад.

Насиму гарди худро месароем,
Заминпарварди худро месароем.
Зи баъди мо намонад то гумонҳо,
Суруду дарди худро месароем.

Пушаймонем гаҳ аз кардаи худ,
Бисӯзем аз ғами гумкардаи худ.
Биё, эй боғбон, як дам бинолем,
Зи нахли бебари парвардаи худ.

Нигоҳам аз нигоҳат дард гирад,
Зи мижгони ту мижгон гард гирад.
Марез ашкат, зи борони паёпай
Замини сабз ранги зард гирад.

Ба боғат омадам, маъво накардам,
Туро бо лофи худ шайдо накардам.
Дилам бар булбули шӯридае сӯхт,
Ки парпечи гулеро во накардам.

Камони чашм пур аз тири ишқ аст,
Аз он захмин тани тақдири ишқ аст.
Аз он ки навҷавонӣ пири ишқ аст,
Ҷудоӣ аввалин тадбири ишқ аст.

Чу хок аз ҷӯи меҳрат нам гирифтам,
Ба захми ҷони худ марҳам гирифтам.
Намонӣ то ба зери бори ҳасрат
Ба дӯши сина бори ғам гирифтам.

Танам аз ранҷи ишқи ту ба дард аст,
Гули рӯ аз хазони ҳаҷр зард аст.
Намедонам чӣ шӯр андохтӣ ту,
Ки умре байни ҷону дил набард аст.

Ман аз боғи ғамат як барги зардам,
Зи хоки меҳри ту як зарра гардам.
Далерон дар нигаҳ оҷиз намуданд,
Аё модар, даме ёди ту кардам.

Аз он рӯзе, ки бар ту меҳр бастам,
Ҳаёти ҷонфидоёнро парастам.
Барои гунҷиши дарду ғами ишқ,
Дари танги дили худро шикастам.

Дилатро ёфтан осон набошад,
Зи ту рӯ тофтан осон набошад,
Зи тору пуди нарми ишқат охир
Матое бофтан осон набошад.

Вафодорон ҳама девори ишқанд,
Ҷафокорон чу боме бори ишқанд.
Набарди ишқро дидему гуфтем,
Аламдорон аламбардори ишқанд.

Биё, аз абри дил борон бирезем,
Шароби меҳр бар ёрон бирезем.
Зи нори бевафоӣ хонаҳо сӯхт,
Биё, тарҳи вафодорон бирезем.

Дилам бар гарди меҳрат зор гаштааст,
Ҷигар аз теғи ғам хуншор гаштааст.
Дари гулзори васлат баста дида,
Нигаҳ хори сари девор гаштааст.

Саҳар аз хоб хезӣ, ёди ман кун,
Сиришк аз дида резӣ, ёди ман кун.
Сафед аз фикри ишқат шуд сари ман,
Ба вақти ордбезӣ ёди ман кун.

Зи ошиқ дар ҷаҳон ранҷуртар нест,
Зи Маҷнун дар ҷаҳон машҳуртар нест,
Ду наздикем, то девори ҳаҷр аст,
Зи мо дар рӯи дунё дуртар нест.

Нигин ангуштаринро шод созад,
Ду дастат остинро шод созад,
Пайи поят заминро шод созад,
Висоли ту ғаминро шод созад.

Маро аз дарди ишқ осудагӣ нест,
Раҳоӣ аз раҳи олудагӣ нест.
Бигирям аз ғамат, бар одамизод
Худо ҳам беғамӣ фармудагӣ нест.

Бисӯзам аз ғамат, сӯзам нафаҳмӣ,
Нигоҳи меҳромӯзам нафаҳмӣ.
Сияҳ ҳар рӯз созам дафтари ишқ,
Сияҳ гардидани рӯзам нафаҳмӣ.

Диламро бехабар аз ман рабудӣ,
Ба ҷонам ғуссаи дилро фузудӣ.
Зи оташхонаи меҳрат нишон аст
Сафи мижгону абрӯҳои дудӣ.

Ғамат аз нанг бошад, ғам надорам,
Ба рӯт ожанг бошад, ғам надорам.
Дилат аз санг бошад, вой гӯям,
Сарат аз санг бошад, ғам надорам.

Сафи мижгону чашмат хӯша бошад,
Ба гушна мардумат чун тӯша бошад.
Чу вақте бингарам бар дидаи ту,
Ҷаҳон дар чашми ман як гӯша бошад.

Туро рӯзе набинам, рӯза гирам,
Барои оби чашмам кӯза гирам.
Ба дил ғамҳои ишқи ҷовидонро
Ба рағми қисмати дурӯза гирам.

Кӣ дигар соябон гардад сарамро?
Кӣ созад пок чашмони тарамро?
Зи ғамхорон агар ҳарфе бигӯянд,
Ба ҳасрат ёд орам модарамро.

Сикандар майл бар оина дорад,
Дили Қорун ғами ганҷина дорад.
Раҳи боми ҳаёти одамизод
Ҳазорон ранг бар худ зина дорад.

Маро аз дарду ғам боке набошад,
Тиҳӣ аз абр афлоке набошад.
Нарӯяд решаву тухми гиёҳе
Агар нам дар диле хоке набошад.

Ҷаҳони ростӣ ҳам пур зи фанд аст,
Саломат ноҳақу ҳақ дардманд аст.
Гаҳе боло зи нон зарро гузоранд,
Ки қадри тоҷир аз деҳқон баланд аст.

Тани ошиқ ғами бистар надорад,
Хати рози дилаш мистар надорад.
Раҳи санҷиш надорад сӯзи ҷонаш,
Алови ишқ хокистар надорад.

Чӣ пастон соҳиби тахти баланданд,
Паси мизи ҳақиқат банди фанданд.
Зи дарди халқ парвое надоранд,
Зи бори ишками худ дардманданд.

Ба тангӣ ёр ҳам ёрӣ надорад,
Ҳаводорат ҳаводорӣ надоранд.
Зи пастию баландиаш чӣ нолӣ,
Раҳи тақдир ҳамворӣ надорад.

Гул аз боди вазоне ёбам имрӯз,
Баҳоре аз хазоне ёбам имрӯз.
Ҳама гумкардаи дунёи худро
Ман аз бонги азоне ёбам имрӯз.

Шабе бар бачааш мегуфт шабтоб,
Бисӯзу дил ба қадри худ бикун об.
Туро гар қудрати равшангарӣ нест,
Чароғи хеш гарду роҳи худ ёб.

Намедонӣ раҳи меҳру вафоро,
Намедонӣ чу гарде қадри моро.
Шудем аз хоксорӣ хоки роҳат,
Ба рӯи хок монӣ боз поро.

Азобе бар сар омад, нола кардем,
Дили худро сияҳ чун лола кардем.
Зи бетобӣ гаҳе, ки ғамкаҳакро
Баробар бо ғами садсола кардем.

Ду ҳарфамро ба дафтар монда рафтам,
Ду ашк аз дидаи тар монда рафтам,
Ба кӯе то барад дилномаамро,
Хати худро ба кафтар монда рафтам.

Ҷавоне гирди пираш мезанад чарх,
Ба гирди дастгираш мезанад чарх.
Тариқи посдорӣ бин, ки умре
Замин дар гирди тираш мезанад чарх.

Сари ҳар як қадам як инқилоб аст,
Садои давр-бонги изтироб аст.
Намесозад писар панди падар гӯш,
Сиёсатхонаи дунё хароб аст.

Хаёлат бар сарам ояд ҳамеша,
Ғами бахтоварам ояд ҳамеша.
Ба ишқам зор мегардӣ ту фардо,
Ба фардо боварам ояд ҳамеша.

Маро ишқи ту дур аз бум созад,
Зи дидори ватан маҳрум созад,
Ҳамеша дар забонам як дуо ҳаст,
Худо санги дилатро мум созад.

Ба роҳам санг ҳам бошад, нанолам,
Самандам ланг ҳам бошад, нанолам.
Маро ишқат барад бар манзили нанг,
Рақибам нанг ҳам бошад, нанолам.

Гаҳе аз бода ҷом имдод хоҳад,
Гаҳе аз поя бом имдод хоҳад.
Зи Маҳмуду Аёз ин қисса хондам,
Шаҳи ишқ аз ғулом имдод хоҳад.

Ғуборе аз раҳи кӯи ту хоҳам,
Нахоҳам обрӯ, рӯи ту хоҳам.
Зи сӯзи ҷоншикорам то раҳад ҷон,
Камон хоҳам, аз абрӯи ту хоҳам.

Мазан бар коғази дилҳо ту гӯгирд,
Маранҷон хотири устод, шогирд.
Раҳат, эй русияҳ, то бар кучо ҳаст,
Агар бошад замин чун кӯрае гирд.

Чароғи хонаат имшаб хамӯш аст,
Дили бемеҳру бематлаб хамӯш аст.
Дарад аз нолаи ман пардаи дил,
Вале тирезаи ту пардапӯш аст.

Аё сайёҳ, беҳ аз сайри дил нест,
Аё бахшанда, беҳ аз хайри дил нест.
Ҳамон абре, ки боронаш ҳамеша
Равон бошад ба боло, ғайри дил нест.

Нигаҳ монанду дилҳо ранг-ранг аст,
Кӣ медонад ба зери хок санг аст.
Тавоно нотавон дар ҷои танг аст.
Паланг андар макони худ паланг аст.

Яке ганҷи кам аз коне надорад,
Дигар баҳри кафан соне надорад.
Зи дардӣ ноҳақӣ сӯзад дили ман,
Дили пурсӯз дармоне надорад.

Ба тиллохона ёд оҳан наояд,
Ба қадри дил баробар тан наояд.
Дар он маҳфил, ки байти абрувон аст,
Ба хотир достони ман наояд.

Шамоле гарди намдорон нашӯяд,
Фараҳ доғи аламдорон нашӯяд.
Ба мисли нақши рӯи санг барҷост,
Ғубори ишқро борон нашӯяд.

Зи серӣ дони худро хӯша дидам,
Ба дида мардумакро тӯша дидам.
Ҷаҳонгардӣ насиби дигарон шуд,
Ҷаҳонро лек яз як гӯша дидам.

Зи бӯйи хуш димоғ имрӯз нолад,
Зи нахлаш низ боғ имрӯз нолад.
Зиё тир аст дар чашмони хаффош,
Сиёҳӣ аз чароғ имрӯз нолад.

Баҳор омад, баҳори багррезон,
Шуд аз хоки ватан мардум гурезон,
Расид айёми хории азизон,
Зи дасти фитнаҳои бетамизон.

Бадӣ дидем, аммо бад нагаштем,
Дадӣ дидем, аммо дад нагаштем.
Надидем обрӯ аз соддагиҳо,
Мураккаб низ бемақсад нагштем.

Ду чашмони сиришколуд моем,
Ба лаб афғон ба мисли рӯд моем.
Шумо, эй хонасӯзон, дар куҷоед,
Даруни хонаи пурдуд моем.

Ту ҳам рӯзе ба ҷони худ ситезӣ,
Чу барг аз шохи нахли умр резӣ.
Мазор аз гӯрҳои тоза пур шуд,
Куҷо аз кардаи худ мегурезӣ?

Ғами дармони ранҷурон надорӣ,
Хаёли зиндадаргӯрон надорӣ.
Зи ғафлат хешро чун шер хонда,
Хабар аз созиши мӯрон надорӣ.

Агар рӯи ватанро ту набинӣ,
Қарори ҷону танро ту набинӣ.
Сияҳкорӣ макун, ки баъди мурдан
Сафедии кафанро ту набинӣ.

Дилам аз теғи ғам хуншор гашта,
Танам аз ҷони худ безор гашта.
Куҷо сар монданаш бомам надонад
Дар ин кошонаи деворгашта.

На сӯзам мондаасту не хурӯшам,
Фитад бори умед охир зи дӯшам.
Забонам дар даҳонам нам гирифтааст,
Дар ин зулматсаро шамъи хамӯшам.

Ҷаҳон бе меҳр мотамхона бошад,
Ба дида ошно бегона бошад.
Набинад рӯи сарсабзии худро,
Дили хоке тиҳӣ аз дона бошад,

Ҷаҳони дӯстдорон беназир аст,
Сағири ишқ машҳур аз кабир аст.
Чӣ гӯям аз бузургиҳои ошиқ,
Ба дида кӯҳканро об шир аст.

Ба кӯйи ғам маро овора кардӣ,
Барои чорае бечора кардӣ.
Зи сӯзи ишқи ту обам, ки чун об
Дили якпораро садпора кардӣ.

Шароре пеши сардӣ нест чизе,
Баҳоре пеши зардӣ нест чизе.
Ҳамон сайре, ки номаш зиндагонист,
Ба ҷуз оворагардӣ нест чизе.

Дар ин саҳро ҳама реги равонем,
Ба зери пойи садҳо корвонем.
Талоше карда ҷои хеш ёбем,
Ки то аз дидаҳо пинҳон намонем.

Дареғо, чанд нолидему рафтем.
Азоби ишқро дидему рафтем.
Ҳамон ёре, ки бо мо нозҳо дошт,
Дили ӯро нафаҳмидему рафтем.

Чу оби дашту боди пуштаам ман,
Ба ашку оҳи худ оғӯштаам ман.
Сари ҳар як қадам сад бор худро
Барои ҳифзи ҳастӣ куштаам ман.

Агар ишқат ба сӯи ҷон биёяд,
Зи хоки мурда бӯи ҷон биёяд.
Зи кӯям рафта боди ноумедӣ,
Ба гӯшам нағмаи борон биёяд.

Насиме баргу борамро барад боз,
Хазоне навбаҳорамро барад боз.
Аз он дар ҳайратам, ки дил надода
Нигоре қалби зорамро барад боз.

Ҷабини марди беғам чин надорад,
Сараш майле ба ҷуз болин надорад.
Чӣ меҷӯӣ аз ӯ ширинии умр,
Дарахташ меваи ширин надорад.

Саманди нозро зин карда рафтӣ,
Шикори ҷони ширин карда рафтӣ.
Ба тири ғусса чун сайёди бераҳм
Диламро мурғи захмин карда рафтӣ.

Туро бошад зи бешу кам шикоят,
Ҳам аз ҷашну ҳам аз мотам шикоят.
Ба дунёи дигар бори сафар банд,
Агар дорӣ аз ин олам шикоят.

Набахшам бар ту мӯҳри бовариро,
Намонам бар ту ҳукми довариро.
Чӣ сон гӯям туро фарзанди миллат.
Намедонӣ забони модариро.

Чӣ гардишҳо раҳи тақдир дорад,
Ғубораш дасти домангир дорад.
Дуои пирамардон ҷоншикор аст,
Камон дар синаи худ тир дорад.

Чу хуни қаҳрамон дидам шафақро,
Шаҳиди осмон дидам шафақро.
Дурӯза умру ҷанг омад ба ёдам,
Бари абри равон дидам шафақро.

Ба шогирдаш бигуфт устод рӯзе,
Ҳадисе аз китоби худфурӯзӣ:
– Агар сӯзӣ, барои ту бисӯзанд,
Насӯзанд аз бароят, гар насӯзӣ.

Дурушт аст он ки бефарҳанг бошад,
Дили сахташ нишон аз санг бошад.
Надонад фарқи байни неку бадро,
Ба нодон баҳс кардан ҷанг бошад.

Ба ту дил бастаму ту дил надорӣ,
Нишони гарди нам дар гил надорӣ.
Туро девори бемеҳрӣ баланд аст,
Раҳи осонии мушкил надорӣ.

Ҳама дардам, касе дардам надонад,
Замин ҳам ҷавҳари гардам надонад.
Ҷаҳонамро, напӯшам то даме чашм
Ҷигарбанди ҷаҳонгардам надонад.

Биё, роҳи дигарро пеш гирем,
Қафо чанд аз рақибон хеш гирем?
Ба дунёе, ки гургонаш зиёданд,
Намеарзад, ки худро меш гирем.

Фалаксайри замингирам, чӣ созам?
Дар оғӯши камон тирам, чӣ созам?
Ба ширихомхӯрда пухтагӣ нест,
Ба ин подоши тақдирам, чӣ созам?

Сухун гӯям, вале суд аз сухан нест,
Нигоҳи дидае бар ҳарфи ман нест.
Бигӯяд аз ватандорӣ ҳамоне,
Ки дар бунёди ӯ меҳри Ватан нест.

Дил аз ҳарфи дилозоре бадард аст,
Сар аз ғавғои сарборе бадард аст.
Ҳама аз ҷаври як тоифа ноланд,
Зи бемеҳрон вафодоре бадард аст.

Маро нодону худ доно бидонад,
Сари соҳибдилонро по бидонад.
Сиёсат аз муҳаббат манша гирад,
Маро кӯру худаш бино бидонад.

Ба фаҳмат мавҷи дарёям ҳубоб аст,
Дили пурхун ба чашми ту кабоб аст.
Далел оварда як хамёзаамро
Мани бедорро гӯй, ки хоб аст.

Аё бемағз, моро коҳ хонӣ,
Аё ғофил, худат огоҳ хонӣ.
Аз он дар ҳайрат, эй пешподеҳ
Худатро роҳу моро чоҳ хонӣ.

Аз ин пас чашмҳо ҳам мисли гӯшанд,
Зи ҷоми ҳарфчинӣ бода нӯшанд.
Дар он ҷое харидор аст ҳоким,
Рафиқон ҳамдигарро мефурӯшанд.

Магӯ аз тири рафта аз камон ҳарф,
Чӣ ҳоҷат гуфтан аз умри равон ҳарф.
Чу медонӣ, ки рафта барнагардад,
Мазан аз қисмати ин корвон ҳарф.

Занад аз даври пирӣ навҷавон ҳарф,
Зи мақсад дур гаштан ҳаст аз он ҳарф.
Ниҳон то розашон монад бигӯянд
Замингирон зи боби осмон ҳарф.

Забонаш пур, сараш аз ақл холист,
Ба мулки нокасон як умр волист.
Чаро осудаҳол ӯро тарафдор?
Хабаркаш душмани осудаҳолист.

Тиҳидаст обрӯ ҳаргиз нагирад,
Яки ӯ ҷойи ду ҳаргиз нагирад.
Надорад об агар дар синаи хеш,
Забоне номи ҷӯ ҳаргиз нагирад.

Дилам чок аст, гандумро бимонам,
Пур аз ғамбодаам, хумро бимонам.
Ҳама рӯзам шаби чун гӯр тор аст,
Мусофирҳои раҳгумро бимонам.

Зи дасти порагирон пора гардем,
Ба мулки дигаре овора гардем.
Аҷал бечорагонро зуд ёбад,
Мадад, эй чорагар, бечора гардем.

Маҷӯ гармӣ, ки ҷуз сардӣ намондаст,
Магӯ аз дард, ҳамдардӣ намондаст.
Бародарро бародар мефурӯшад,
Нишоне аз ҷавонмардӣ намондаст.

Ба ту бахшанд агар чархи замонро,
Диҳӣ бо тарзи дигар тоб онро.
Алафро пеши сагҳо мегузорӣ,
Гузорӣ пеши аспон устухонро.

Ту баҳри дарди мо дармон надорӣ,
Барои ҷонфидоён ҷон надорӣ.
Дили ту арсаи ҷангу гулӯят
Камоне ҳаст,ҷуз пайкон надорӣ.

Намедонам дар ин майдон чӣ бозист,
Гумонам бадтар аз сад турктозист.
Ҳаводорон ҳаворо интизоранд,
Чи сон ҳамроҳи эшон метавон зист.

Шавад аз ғафлати меҳанпарастон
Диёри дил аз они танпарастон.
Ба ҷашну даъвати айём гарданд
Баландон обгири дасти пастон.

Ба дил дарду ба ҷонам сӯз дорам,
Дабистони ҳаётомӯз дорам.
Ту дар рӯзат шабон дорӣ, вале ман
Ба шабҳоям нишони рӯз дорам.

Набинам аз хиҷолат то арақро,
Гирифтам пеш танҳо роҳи ҳақро.
Сияҳқорӣ накардам, лек кардам
Сияҳ баҳри сафедӣ ҳар варақро.

Ба чашми сурхгашта об ранг аст,
Ба пайконхӯрда оҳ оҳанги ҷанг аст.
Пас аз марги бародар дар нигоҳам
Ҷаҳони бекарон ҳам гӯри танг аст.

Зи ғамхорӣ ба ғамдорӣ расидам,
Зи бедорӣ ба беморӣ расидам.
Пас аз сад имтиҳони ҷонканиҳо
Ба маънии ватандорӣ расидам.

Дили пурро тиҳӣ пеши ту кардам,
Амире буд, дарвеши ту кардам.
Надидам лек аз ту ошноӣ,
Магар бегонаро хеши ту кардам?

Паямро дигар аз роҳат наёбӣ,
Нишонамро зи даргоҳат наёбӣ.
Туро оҳи дилам як рӯз гирад,
Шавӣ дилсӯз, дилхоҳат наёбӣ.

Ҷигархун гаштани ман бесабаб нест,
Зи худ бигзаштани ман бесабаб нест.
Шавам аз канданаш маҷрӯҳ охир,
Мувофиқ бор бар тори асаб нест.

Ҳама дар фикри худ бошанд имрӯз,
Ба хоки нафс дон пошанд имрӯз.
Агарчи дар назар сарҷамъ ҳастанд,
Вале дар асл барчошанд имрӯз.

Баландовозаам, дар ҷойи пастам,
Ба доми нестии хеш ҳастам.
Ба ҳоли ман дили маҳбус сӯзад,
Раҳи пайванд ҷӯям аз шикастам.

Ба даҳр аз чӣ гунаҳгор аст озод?
Ҷигархун банду хунхор аст озод.
Ба сӯи гул ҳама теғи нигоҳанд,
Вале бо неши худ хор аст озод.

Баландиро, ки аз хокӣ гирифтем,
Маҷому номи афлокӣ гирифтем.
Чу гандум аз санои теғзанҳо
Ҳама унвони дилчокӣ гирифтем.

Хаёли пухта ё аз хом кардам,
Ҳаёти субҳрангам шом кардам.
Дигарҳо умр сарфи ком карданд,
Вале ман умр сарф ном кардам.

Сухан гуфтӣ, забонам аз сухан монд,
Ба маҷлисгоҳ холӣ ҷои ман монд.
Ҳамон вақте ки гуфтандат ватандӯст,
Дили садҳо ватангӯ аз ватан монд.

Шитоби беш дар сабри ҳаёт аст,
Ҳазорон жола дар абри ҳаёт аст.
Аз ӯ гиред рӯзе хунбаҳоям,
Тамоми дардам аз ҷабри ҳаёт аст.

Ту теғӣ, тоби шамшерӣ надорӣ,
Ту рӯбаҳтинатӣ, шерӣ надорӣ.
Баҳои ҳақ зи устодат шунидам,
Гадоӣ, шавкати мирӣ надорӣ.

Бигуфтам неки ман бадро набинад,
Ба дунёи вафо ҳадро набинад.
Вале баъди фитодан омад овоз,
Магар кӯр аст, сарҳадро набинад?

Дигар майдони ман довар надорад,
Замон бар ҷаҳди ман бовар надорад.
Ҳазор андеша бошад дар сараш ҳам,
Самар аз умри худ безар надорад.

Расад ҷонам ба лаб аз ғусса хӯрдан,
Набошад лек осон ҷон супурдан.
Дилам аз зиндагӣ ҳарчанд сер аст,
Маро ишқат нигаҳ дорад зи мурдан.

Ҳисоби мушкилам дигар намондаст,
Ҳақи обу гилам дигар намондаст.
Маро ғам доданат беҳуда бошад,
Ба ғам ҷо дар дилам дигар намондаст.

Нагирам то гуноҳи дигаронро,
Кашам бар души худ бори гаронро.
Дилам хоҳад, ки ёри ғор бошам,
Набинам то пайи ғоратгаронро.

Баландии ҷаҳонро низ пастист,
Ба чашми ҳушёраш тарҳи мастист.
Дар ин дуроҳа ҳайрон марди роҳ аст,
Намедонад кадомаш роҳи ҳастист.

Нафаҳмидам ҷаҳони одамиро,
Набинад бешро, бинад камиро.
Чаро гирям барои худпарасте?
Надонад қадри гарде ҳамдамиро.

Самар аз шӯрандозӣ биҷӯӣ,
Аз ин пастӣ сарафрозӣ биҷӯӣ.
Зафар бисёр шуд, беэътибор аст,
Чӣ суд аз бурди ин бозӣ биҷӯӣ?

Хӯрӣ гарчи тамоми умр моҳӣ,
Нагардӣ поктинат, пургуноҳӣ.
Шунидам аз забони пиру барно
Ки дорад сояат ранг аз сиёҳӣ.

Биафкан дуртар нури назарро,
Мадеҳ рӯҳи сиёсӣ ҳар хабарро.
Ба оташ рехтан равған гуноҳ аст,
Магӯ аз баҳри нафъе пой сарро.

Хате аз кӯи пирӣ ояд акнун,
Хабар аз пуштагирӣ ояд акнун.
Ҷавонӣ миру умрам буд суоле,
Ҷавоби даври мирӣ ояд акнун.

Дигар як нома бар номам наояд,
Хати фарзанди илҳомам наояд.
Зи бими мори макру фитнаи давр
Кабӯтар бар лаби бомам наояд.

Хумори сӯҳбатам, ёре наояд,
Ҳама дардам, даводоре наояд.
Ҳавои зиндагӣ гаштаст дигар,
Суроғи ман ҳаводоре наояд.

Мақоми ошиқӣ фармон надорад,
Далеле ҷуз хати армон надорад.
Табиби зиндагӣ шарманда гардад,
Дили дардошно дармон надорад.

Сипар худро ба рағми сайф гуфтам,
Ҳама нороҳатиро кайф гуфтам.
Набарди ишқ захмин кард дилро,
Надида захмбанде, ҳайф гуфтам.

Ба васлат зори зорам, ёди ман кун,
Ба роҳат интизорам, ёди ман кун.
Ба ному ишқи ту оғоз гардад
Ҳама гуфтугузорам, ёди ман кун.

Ҳама дардам, биё дармони ман шав,
Равад ҷон аз тани ман, ҷони ман шав.
Шаби ҳаҷр аз шаби ялдо дароз аст,
Ту поёни шаби ҳиҷрони ман шав.

Туӣ танҳо давои қалби решам,
Агар нӯшина бошам, бе ту нешам.
Аз он вақте ки ошиқ бар ту гаштам,
Ба худ бегона ҳастам, бар ту хешам.

Ҷаҳони рангу бӯям дар ҷаҳоне,
Маро созад ба як дам бенишоне.
Зи рафту омадан худро шиносам
Ғарибе, марди роҳе, бемаконе.

Зи хуни меҳр агар пур дил набошад,
Сиришколуда чашми гил набошад.
Зи хокистар наҷӯям шираи ҷон,
Замини мурдаро ҳосил набошад.

Қафо аз корвон мондам, гиристам,
Бари роҳи калон мондам, гиристам.
Набигристам ман аз танҳойи хеш,
Ҷудо аз дӯстон мондам гиристам.

Дигар аз ҷодаам берун нагардам,
Ба фоли лофзан афсун нагардам.
Ба субҳи шодияш андуҳи шом аст,
Ба ҳусни зиндагӣ мафтун нагардам.

Туро ғамгин, ки бинад, шод гардад,
Сараш аз фикри бад озод гардад.
Магар обӣ, ки дорӣ сабза аз пай,
Қадам ҳар ҷо ниҳӣ, обод гардад.

Ба мо гуфтанд: – Рав, рафтем хомӯш,
Гумон карданд, кардем он ҳама гӯш.
Нишон ҳар сода дорад аз мураккаб,
Асар дорад зи ҳастӣ низ беҳӯш.

Туро бошад дигар матлаб, аён аст,
Чӣ мехоҳӣ, зи ҳарфи лаб, аён аст.
Нагардӣ берун аз қолаб, аён аст,
Надорӣ ҷуз ғами мансаб, аён аст.

Ҳазорон ҷон канам, қадрам надонанд,
Бисӯзам рӯзу шаб, бадрам надонанд.
Ба маҳфилҳо ниҳон то монам аз чашм,
Муносиб ҳеҷ бар садрам надонанд.

Ман аз сӯзи дарунам дар гирифтам,
Аз ин хокистарам озар гирифтам.
Аз он хоки сияҳ, ки зиндагонист,
Дилам зардоб карда, зар гирифтам.

Гузашт айёми ман, ҷоям бигиред,
Тиҳӣ шуд ҷоми ман, ҷоям бигиред.
Шуморо ҷонканӣ аз баҳри ҷой аст,
Маро бас номи ман, ҷоям бигиред.

Миёни роҳам, эй манзил, куҷоӣ?
Миёни рудам, эй соҳил, куҷоӣ?
Дили ман аз ғами ту сӯзад имшаб,
Ту, эй бе дил, ту, эй бе дил, куҷоӣ?

Ту рафтӣ, сӯзу эъҷози дилам монд,
Нагуфта хоҳишу рози дилам монд.
Садо кардам, нагаштӣ аз раҳи худ,
Ба кӯҳу пушта овози дилам монд.

Наҷӯӣ то диле, дилбар наёбӣ,
Сари дарде набинӣ, сар наёбӣ.
Ба қаъри баҳри армон ғӯттаҳо зан,
Ки аз соҳил ягон гавҳар наёбӣ.

Туро фанде ба кӯи дигаре бурд,
Маро панде ба сӯи дигаре бурд.
Чу дарёи равон будем, моро
Раҳи қисмат ба ҷӯи дигаре бурд.

Зимистон рафта меояд баҳорон,
Ба ҷои барф борад резаборон.
Дили сарди ту ҳам шояд, ки рӯзе
Шавад об аз барои дӯстдорон.

Яке корад, дигар ҳосил бигирад,
Яке дил дода, дигар дил бигирад.
Чаро аз домани дунёи армон,
Яке осон, дигар мушкил бигирад?

Гузар бар сӯи боғи ман накардӣ,
Хаёли дарду доғи ман накардӣ.
Магар ашки маро кардӣ фаромӯш,
Бирафтию суроғи ман накардӣ.

Дили ғамдидаро хурсанд кардем,
Раҳо сад мурғро аз банд кардем.
Шикасташиша пайванде чӣ бошад,
Заминро бо само пайванд кардем.

Базебиҳои манзилҳо аз ишқ аст,
Хамӯшиҳои соҳилҳо аз ишқ аст.
Чӣ гӯям дигар аз боби муҳаббат,
Калиди махзани дилҳо аз ишқ аст.

Зи нахли зиндагӣ гирам баре чанд,
Ба базми умр гирам соғаре чанд.
Дар ин майдони бозӣ қисматам ҳаст,
Натарсам аз ғироми доваре чанд.

Ғами дилро фақат ҳамдил бидонад,
Шиканҷи мавҷро соҳил бидонад.
Ту нодонӣ, надорем аз ту шиква,
Сару савдои мо оқил бидонад.

Муҳаббат олами рангини моӣ,
Муҳаббат ғуссаи ширини моӣ.
Агар меҳр аст дунёро тавон дид,
Муҳаббат чашми дунёбини моӣ.

Ту аз тақдири худ бояд нанолӣ,
Зи доругири худ бояд нанолӣ.
Ту шогирди навомӯзӣ, дили ман,
Зи ҷаври пири худ бояд нанолӣ.

Даме абри фазо борон бигиряд,
Ҳавас дар ҷони муштоқон бигиряд.
Даруни сина аз ғамҳои ишқат,
Дили ман бо ҳазор афғон бигиряд.

Дили ту тоби ғамҳоям надорад,
Сари ту тоби савдоям надорад.
Зи роҳи мушкили худ барнагардам,
Саде ҳам роҳи дарёям надорад.

Биё, оби равон бар соҳили ман,
Биё, эй ёри ҷон, бар манзили ман.
Намонад ҳеҷ кас бе ёру ғамхор,
Агар бошад ҷаҳон ранги дили ман.

Нишон монад, нишон баъди сари ман,
Ду-се байти дили ғампарвари ман.
Дигар армон надорам, гар замоне
Ду-се ошиқ кушояд дафтари ман.

Биёед, аз диле моро биҷӯед,
Зи панди оқиле моро биҷӯед.
Раҳи осон фиреби зиндагонист,
Зи роҳи мушкиле моро биҷӯед.

Ту рафтию ба дил сӯзи дигар монд,
Хаёли васл то рӯзи дигар монд.
Нашуд вақте ки сайри гул бароям,
Умеди ман ба наврӯзи дигар монд.

Хабар омад, ниҳолат бар гирифтаст,
Дилат аз сӯзи ишқ озар гирифтаст.
Чӣ гӯям аз муҳаббатҳои аввал,
Дили ман майда-майда дар гирифтаст.

Манам абру фалак даргоҳи модар,
Маро ишқи ту бурд аз хонаву дар.
Гиристам аз ғамат чандон, ки ғофил
Ғами борон надорад лолаи тар.

Дубайтӣ – ашкҳои дона-дона,
Дубайтӣ – оҳҳои ошиқона.
Дубайтӣ он парастуи дили ман,
Ба ҳар як сина монад ошёна.

Шароби талх дар ҷомам дигар буд,
Кабоби хом дар комам дигар буд.
Даме, ки бо ту будам, эй маҳи ман,
Сиёҳӣ дар дили шомам дигар буд.

Бидон дар зиндагӣ неку бадатро,
Бидон дар олами ҳастӣ ҳадатро.
Дили ман кишвари меҳру вафояст,
Бикун ту посбонӣ сарҳадатро.

Аё, эй ғамгусори ман, куҷоӣ?
Бақои рӯзгори ман, куҷоӣ?
Шаби фарзандат, эй модар, саҳар шуд,
Ту, эй шабзиндадори ман, куҷоӣ?

Висолу дарди ҳичрон боз монад,
Вафои дӯстдорон боз монад.
Ҳазорон мераванд аз зиндагонӣ,
Умеди рӯзгорон боз монад.

Миёни деҳаи мо як чинор аст,
Ба пеши деҳаи мо як мазор аст.
Ба зери хок бе ному нишона
Ҳазорон одамони номдор аст.

Замину осмон бе ҳам набошад,
Ба олам шодии беғам набошад.
Манол, эй дил, ту аз бегонагиҳо,
Дили дардошно ҳам кам набошад.

Хаёлат боз омад бар сари ман,
Фиғон бархост аз бому дари ман.
Ба ёди сӯзҳои мурдаи дил
Парешон шуд зи нав хокистари ман.

Ғаме дорам ғами бисёр мушкил,
Чу дарёе намеғунҷад ба соҳил.
Талоши ман ҳама аз баҳри он аст,
Расад гарде маро аз хоки Бедил…

Ду-се кас гӯиё ёранд моро,
Ба ҷону дил вафодоранд моро.
Чӣ дарде, карда аҳди худ фаромӯш,
Миёни роҳ бигзоранд моро.

Аҷаб дарде, аҷаб сӯзе, ки бигзашт,
Аҷаб шоме, аҷаб рӯзе, ки бигзашт.
Хабар то ёфтам гулҳо хазон шуд,
Дареғи фасли наврӯзе, ки бигзашт.

Зи роҳи рафта пас гаштан гарон аст,
Ба нокасгашта кас гаштан гарон аст.
Зи баъди бевафоию хиёнат
Паи ишқу ҳавас гаштан гарон аст.

Зи ҳам фарқи баду хубам надонам,
Супурдан бар кӣ мактубам надонам.
Дилам аз боди ҳичрон пурғубор аст,
Чӣ сон ин хонаро рӯбам, надонам.

Зи дарди ҳаҷр ворастан гарон аст,
Шикаст ин ҷо зи пайвастан гарон аст.
Дилам дарёи ғам аз шӯри ишқат,
Раҳи дарёи ғам бастан гарон аст.

Пайи тасвири ишқе хомае нест,
Ба номи интизорон номае нест.
Ҷаҳон пур гашта аз урёнхаёлон,
Тани маънист, аммо ҷомае нест.

Маёр аз дарди танҳоӣ мисолам,
Канам ҷон аз ғамат, зори висолам.
Сарам чун хонаи занбӯр гаштаст
Зи дасти омаду рафти хаёлам.

Зи дасти тифли ишқу орзуям,
Першонам, туро дар ҷустуҷӯям.
Ҳама гӯянд резӣ обрӯят,
Ба оби дида бахшам обрӯям.

Сари роҳи туро мегирам охир,
Сари роҳат нагирам, мирам охир.
Наёбам аз ғами ишқат раҳоӣ,
Ба дасти ту бувад тақдирам охир.

Ба худ дорад ба олам ҳар чӣ ҷое,
Зи қонунаш намеёбӣ хатое.
Намемонд аз пайи неке нишона,
Худо медод агар бар мор пое.

Хабар дигар зи ҳоли ман надорӣ,
Дилам бурдӣ, хаёли ман надорӣ.
Хазон бе ту ба боғи умрам ояд,
Ту парвои ниҳоли ман надорӣ.

Навои дилхурӯш омад, гули ман,
Чу дарё дил ба ҷӯш омад, гули ман.
Куҷоӣ ту, намеоӣ ба кӯям,
Насими гулфурӯш омад, гули ман.

Суруду достон гуфтанду рафтанд,
Ғаму дарди ҷаҳон гуфтанду рафтанд.
Ба ёди ҳақпарастон мирам охир,
Ҳаёти ҷовидон гуфтанду рафтанд.

Ғаматро бар дилам пайванд кардӣ,
Раҳи андешаамро банд кардӣ,
Ҷаҳони ишқро дурӯягӣ нест,
Дилам пур карда, аз чӣ фанд кардӣ?

Нигоҳи пур зи рози ишқ дорам,
Кабӯтаргир бози ишқ дорам.
Маро ишқи ту дарди сӯхтан дод,
Алови ҷонгудози ишқ дорам.

Ба ҷуз сӯзат ба ҷон сӯзе надорем,
Аниси меҳромӯзе надорем.
Самои бахтро ишқ офтоб аст,
Набахшад рӯшанӣ, рӯзе надорем.

Насозам дурат аз дунёи бахтат,
Нагирам пояеро ҳам зи тахтат.
Манам як ошиқи сарсону сарсахт,
Ба ёд овар маро дар рӯзи сахтат.

Ҳаё бандад раҳи уммеди моро,
Кунад сарпаст маҷнунбеди моро.
Зи чашми ишқ ҳамчун абри баҳман,
Ҳаё пинҳон кунад хуршеди моро.

Хаёли ман сари ишқи ту хоҳад,
Сари ман афсари ишқи ту хоҳад.
Ба мулки пайкари худ чун ғариб аст,
Дили ман пайкари ишқи ту хоҳад.

Аё ширинзабон, ширин зи қандӣ,
Забонамро ба як ҳарфат бубандӣ.
Ба ҳоли мевачини дасткӯтоҳ,
Надорӣ ҳеҷ ғам, шохи баландӣ?

Зи ҳарфи чашму хатҳои ҷабинат,
Бихонам қиссаи умри ғанимат.
Сари худро бидеҳ, аммо ту ҳаргиз
Мадеҳ аз даст ёри аввалинат…

Ҳама ин ҷо самар хоҳад гирифтан,
Кулоҳи зар ба сар хоҳад гирифтан.
Муҳаббат нест дар дунёи мансаб,
Яке ҷойи дигар хоҳад гирифтан.

Ман аз базми ҳунар меоям имшаб,
Дилу ҷон бешарар меоям имшаб.
Шикасте дида дар ҷанги тану рӯҳ,
Зи майдон безафар меоям имшаб.

Ману ту ҳамсабақ будем вақте,
Ба покӣ чун варақ будем вақте.
Туро зар дур кард аз ман чу хуршед,
Дареғо, чун шафақ будем вақте.

Даме ки мебароям ман ба ҷода,
Раҳораҳ мешавад сӯзам зиёда.
Савори қалбдасте ханда созад
Ба ҳоли мардуми поки пиёда.

Дилам чок аст аз теғи ғами ту,
Чӣ кор ояд ҷаҳон бе олами ту.
Ба фанди зиндагонӣ шуд гирифтор,
Аё Таҳминаи ман, Рустами ту.

Ба сӯи чашма оҳуям наёмад,
Насими бахт бар сӯям наёмад.
Зи сармои фироқаш хун шудам, лек
Баҳори васл бар кӯям наёмад.

Дилам испанду ишқат нор бошад,
Дили бесӯз нодаркор бошад.
Хумори банди мӯят гардани ман,
Сари Мансур зеби дор бошад.

Ту оҳуйӣ, ба роҳат домиишқам,
Нагирам гӯр, ман Баҳроми ишқам.
Зи рӯят карда равшан шоми ишқам,
Баландовоза созам номи ишқам.

Сабақ хоҳам зи мактабхонаи ишқ,
Бичӯям рӯзам аз шабхонаи ишқ.
Дилам то сард аз дунё нагардад,
Ба худ маскан кунам табхонаи ишқ.

Дилам бар боми меҳрат поя гаштаст,
Хаёлам аз пайи ту соя гаштаст.
Аз он рӯзе, ки гаштам ошноят,
Рақибам духтари ҳамсоя гаштаст.

Нишаста кафтаре болои бомат,
Хате дорад, ки афтодам ба домат.
Зи нанги ишқ гаштам соҳиби ном,
Ҷаҳони нангро бахшам ба номат.

Нигаҳ аз рӯи ту серӣ надорад,
Ҳаёти ошиқӣ дерӣ надорад.
Ту оҳуйӣ, ба пешат аз ҳаё лек
Ҷавони шердил шерӣ надорад.

Дилам имрӯз бошад моили ту,
Намедонам вале майли дили ту.
Саропо мешавам абри баҳорон,
Агар рӯяд гиёҳе аз гили ту.

Зи ишқи раҳзан оромӣ надорам,
Ҳимоят кун маро, ҳомӣ надорад.
Шудам дар оташи ҳаҷри ту пухта,
Масӯзонам дигар, хомӣ надорам.

Зи айши базми ишқат ҷом монад,
Зи ранҷи назми ишқат ном монад.
Сияҳрӯзам кунад мӯи сиёҳат,
Зи субҳи разми ишқат шом монад.

Зи васли ту саломе ёдгор аст,
Зи ҳаҷри ту каломе ёдгор аст.
Зи тахти вожгуни шоҳи ишқам,
Ғами дил чун ғуломе ёдгор аст.

Муҳаббатро садоқат нур гардад,
Навои соз хуб аз ҷӯр гардад.
Садое то барорад тори меҳрат,
Дили ман косаи танбур гардад.

Ду чашмамро рақиби хоб кардам,
Барои ту диламро об кардам.
Зи сӯзи дил шаби торики худро
Фурӯзон чун шаби маҳтоб кардам.

Дили шоди ту ҳам ғамдори ишқ аст,
Ниҳон зери лабат гуфтори ишқ аст.
Танӯр аз зарби оташ сурх гардад,
Рухат чун нони гарм аз нори ишқ аст.

Дилам аз дидани ту гарм гардад,
Замини сахти умрам нарм гардад.
Анор аст аз ҳаё рӯят, илоҳӣ
Насибам он анори шарм гардад.

Дарахти хушк ҷуз хоре надорад,
Самар хоки намакдоре надорад.
Ҳама бор аст бар дӯши ҳунарманд,
Касе бар беҳунар коре надорад.

Чу мавҷи ҷониби соҳил давида,
Ғамам бар пуштаҳои дил давида.
Наям ором аз рӯзе фитодаст
Ба доми чашмам оҳуи рамида.

Ту зангӣ, ҷинси оҳан аз ту тарсад,
Ту доғӣ, покдоман аз ту тарсад.
Чунон нармӣ ба зоҳир, фандхӯрда
Наметарсад зи душман, аз ту тарсад.

Дилам шуд об, боғи дил надидам,
Давоӣ баҳри доғи дил надидам.
Ҷаҳон аз носипосӣ рутба дорад,
Касеро дар сурӯғи дил надидам.

Набошам кам аз ин пас, беш ҳастам,
Ба некӣ аз дигарҳо пеш ҳастам.
Ҳама сӯям нигоҳи меҳр дӯзанд,
Ба чашми халқ як дарвеш ҳастам.

Ба тахти ҳастиӣ, мирӣ муборак,
Бикун шукр, ин нафасгирӣ муборак.
Магар овози кӯҳи барфпӯш аст,
Бигӯяд: «Қуллаи пирӣ, муборак...»

Зи бад бигрехтан тадбир будаст,
Ба ғам омехтан таъсир будаст.
Ба санг аз шиша пайғоме расонед,
Шикастан, рехтан тақдир будаст.

Хате бар кӯйи ғам додӣ маро зуд,
Ту рондӣ аз дари шодӣ маро зуд.
Ту мебудӣ агар дарбони ҷаннат,
Ба дӯзах мефиристодӣ маро зуд.

Бад охир некро ҳам бад ҳисобад,
Фақат аз зери нохун чирк кобад.
Ба чашми шубҳагар нури нигаҳ низ
Гаҳе хунрезтар аз найза тобад.

Сарои бахти мардумро гирифтӣ,
Ба ҷав саҳрои гандумро гирифтӣ.
Нахоҳад гург дидан мешҳоро,
Зи тан ҷони тараҳҳумро гирифтӣ.

Ба имрӯзат ту фардоро фурӯшӣ,
Ба нодон ҷойи доноро фурӯшӣ.
Сари Дорофурӯш охир ба дор аст,
Ба Искандар ту Дороро фурӯшӣ.

Дар он ҷое, ки ғайри нахли тар нест,
Гарон бар гӯш аз номи табар нест.
Ба он мулке, ки ишкам ҳукмрон аст,
Дили аз дарди ҳастӣ бохабар нест.

Зи тири оҳи мо растан гарон аст,
Ба пеши шуъла биншастан гарон аст.
Нигоҳи марҳамат дорад Худованд,
Дари рӯзии мо бастан гарон аст.

Давоми қисмати роҳам надонам,
Ба моҳам ё ки дар чоҳам надонам.
Чӣ дорам дар дили оҳам, надонам,
Аз ин дунё чӣ мехоҳам, надонам.

Расад аз ҷашн ҳам оҳанги мотам,
Дари шодӣ надорад хонаи ғам.
Чиҳо созад, ки як гумкардароҳ аст
Ба кӯйи зиндагӣ бечора одам.

Зи бори ранҷи худ ранҷур моем,
Чу мехе дар дами анбур моем.
Шикоят мекунанд аз дурии мо,
Аз он ғофил, ки аз худ дур моем.

Зи хишти меҳр кардам кох бунёд,
Шавам фарёдрас ҳангоми фарёд.
Ғанимат парчаме дорад ба бомаш,
Ки орад ҳар нафасро ҷилвааш ёд.

Бихонам аз китоби даҳргардӣ,
Ҳазорон ранг бошад раҳнавардӣ.
Яке аз хундилӣ рӯсурх гардад,
Дигарро зар барад бар рангзардӣ.

Зи дунёи пур аз найранг ҳастӣ,
Чу оташ дар вуҷуди санг ҳастӣ.
Ба нармӣ сахтҷонро ҳам занӣ неш,
Ба ҷисми оҳанин чун занг ҳастӣ.

Зи гардун партави маҳтоб резад,
Зи чашми боз гарди хоб резад.
Манам ҳамқисмати токи бурида,
Ки аз захмам шубу рӯз об резад.

Хазон бо ту баҳороғӯш гардад,
Биёбон пуштаи гулпӯш гардад.
Магар обӣ, ки аз ҳар бӯссаи ту
Алови ҷони ман хомӯш гардад.

Дигаргун чини пешонӣ нагардад,
Хамӯш оҳи найистонӣ нагардад.
Зи барқ оҳанги оташдор резад,
Ҳаво беабр боронӣ нагардад.

Умеди нангдори хеш ҳастем,
Ҷаҳони ифтихори хеш ҳастем.
Ба ҳар сабқат ватан дар пеши рӯй аст,
Фидоии диёри хеш ҳастем.

Зи тӯфон баҳру дарёро нигаҳ дор,
Зи хашми бод дунёро нигаҳ дор.
Аз ин номеҳрубониҳои ҷонсӯз
Худои меҳрубон моро нигаҳ дор.

Ғубор аз роҳи ман манзил наҷӯяд,
Либоси покро мардум нашӯяд.
Ман он некам, ки дар саҳрои умрам
Ҳазорон тухми бад афтад, нарӯяд.

Ба бозӣ бохтӣ, лофат куҷо шуд?
Зи майдон тохтӣ, лофат куҷо шуд?
Ту аз одамшиносӣ мезадӣ лоф,
Маро нашнохтӣ, лофат куҷо шуд?

Ту аз дилношиносӣ рутба дорӣ,
Зи оқилношиносӣ рутба дорӣ.
Ҳама аз посдорӣ рутба доранд,
Ту лек аз носипосӣ рутба дорӣ.

Бихонанд аз китоби дидаи мо,
Хати ранҷу азоби дидаи мо.
Ҳама ҳарфе, ки дар таърих дорем ,
Набошад ғайри оби дидаи мо.

Муқимӣ нестӣ, як марди роҳӣ,
Гулӯ ҳастӣ агар бошад, ту оҳӣ.
Надонам аз чӣ дар дурӯза қисмат
Бигирӣ пеш роҳи пургуноҳӣ.

Надорӣ дар сарат фикри раҳи дур,
Хӯрӣ ту шираи ҷонҳо чу занбӯр.
Намедонӣ магар, ки баъди чанде
На ту монӣ, на монад низ ангур.

Нагаштам чашми бодеро нигоҳе,
Зи ҷо беҷо накардам дону коҳе.
Сарам болоназарҳо по шумурданд,
Шудам аз хоксорӣ хоки роҳе.

Дигар гаштем, роҳи мо дигар буд,
Хасе ҳам дар нигоҳи мо дигар буд.
Дар он даврон ба каф чашм ашкҳо дошт,
Гузашт аҳде, ки оҳи мо дигар буд.

Таб ояд, тоб аз ҷисмам гурезад,
Гаҳе ноҷӯр хоки ҷӯр безад.
Баҳор аст аз хазон пурбориш, аммо
Ба пирӣ ашк беш аз чашм резад.

Найи умрам зи хоки нола хезад,
Зи доғи ҳасрати ман лола хезад.
Агар кобанд алови шодиамро,
Аз он дуди ғами садсола хезад.

Равад аз лонааш мурғи нигоҳам,
Шавад оҳанги умри рафта оҳам.
Ҷавониро ба пирӣ хоб бинам,
Зи сӯи қибла ояд қиблагоҳам.

Зи кӯят меравам рӯят надида,
Зи гулбоғи висолат гул начида.
Набошад ноумедӣ хоси ошиқ,
Маро шаҳд аст ҳар заҳри чашида.

Гузаштаст аз дуруштӣ, суфта бошад,
Дар ӯ бедор фикри хуфта бошад.
Ҷавон бинад дарахту пир реша,
Ниҳон дар гуфтааш ногуфта бошад.

– Замон бояд зи дарё шир гирад,
Ҷавон бояд, ки ҷои пир гирад.
– Шавам розӣ, валекин бе камоне
Чӣ сон сайди умедаш тир гирад?

Ҷаҳонро бинад аз ҷо марди пире,
Даво пайдо шавад аз дарди пире.
Ҷавон бо он ҳама фахраш надорад,
Сари нанги ватанпарварди пире.

Гаҳе ояд садо бар гӯш аз дил:
Чаро ҷоҳил бигирад ҷои оқил?
Гузашта аз бари хоки баруманд,
Чаро аз шӯраҷо ҷӯянд ҳосил?

Шинонад то сиёсат, чораҳо кофт,
Нахуст аз пурҳунарҳо рӯйро тофт.
Даме, ки рафт аз мансаб, бигуфтанд:
Ба долон як гилеми тоза партофт...

Яке дар зиндагӣ танпарваре буд,
Дигар бенанги душманпарваре буд.
Зи баъди рафтани ман ҳам бигӯянд:
Муҳаммад марди меҳанпарваре буд.

Нест дилбанде чу ошиқ дар ҳаёт,
Дорад ӯ аз ноумедиҳо умед.
Зӯртар аз корзори ишқ нест,
Ишқ Рустам ҳасту дил Деви Сафед.

Шамъро нест ғами парвона,
Мурд парвонаву ӯ дар тараб аст.
Меҳр омӯз зи чӯби сари гӯр,
Дар сари мурдаи худ рӯзу шаб аст.

МУНДАРИҶА

Рубоиёт 3
Фироқнома 192
Дубайтиҳо 203

МУҲАММАД ҒОИБ

ОҲИ АШК
(Рубоиёт, фироқнома ва дубайтиҳо)

Муҳаррири ороиш *Ромиш Лоиқзода*
Муҳаррири саҳифабандӣ *Азиз Қурбонзода*

Ба матбаа 12.07.2020 супорида шуд.
Чопаш 15.07.2020 ба имзо расид.
Андоза 60х84 1/16. Ҷузъи чопӣ 16,5.
Адади нашр 1000 нусха.

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қаробоев 17а

Дар чопхонаи ҶДММ «Хирадмандон» чоп шудааст.